ISSN 0235 - 005X

# А Х Б О Р И
## ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
(Нашри ҷашнӣ)

# И З В Е С Т И Я
## ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
(Юбилейный выпуск)

№ 3

Душанбе – 2015



*Мағз андар мағзи осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро васфи инсон, баланд бардоштани манзалату мартабаи ӯ, ҳимояи манфиати ҳаётии вай, таъкиди мақоми иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар фард, эҳтироми зан- модар, такмилу тақвияти суннатҳои фалсафию ирфонии худшиносию худогоҳӣ, роҳу тариқаҳои тарбияи ахлоқӣ ташкил медиҳанд.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

# Бахшида ба бузургдошти 700 солагии донишманди бузург ва файласуфи шинохтаи форсу тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ



(1314-1386)

Ҳар кӣ моро ёд кард, эзид мар-ӯро ёд бод,
Ҳар кӣ моро хор кард, аз умр бархурдор бод.
Алии Ҳамадонӣ.

# АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Сармуҳаррир: Маҳмадов А.Н. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
Муовинони сармуҳаррир: Идиев Х.У. – доктори илмҳои фалсафа, профессор,
Буриев И.Б. - доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент.
Котиби масъул: Ҷамшедов Ҷ.Н. – номзади илмҳои ҳуқуқ

Аъзои ҳайати таҳририя:

1. Ғаюров Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
2. Додихудоев Х.Д. – аъзо. корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа,
3. Муҳаммадали Музаффарӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессор,
4. Маҳмаджанова М.Т. – доктори илмҳои фалсафа,
5. Муҳаммадхоҷаев А. – аъзо-корр.АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа,
6. Мирзоев Ғ.- номзади илмҳои фалсафа
7. Нематов А.Р. – доктори илмҳои ҳуқуқ
8. Олимов К. – доктори илмҳои фалсафа, академик, профессор
9. Раҳимов С.Х.- доктори илмҳои фалсафа
10. Раҷабов С.А. – доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент,
11. Тоҳиров Ф.- доктори илмҳои ҳуқуқ, академик, профессор
12. Шоисматуллоев Ш. – аъзо-корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои ҷомеашиносӣ,
13. Шарипов Т. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,

Масъулони таҳия: Кудусов Х.С. номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент;
С.Ҳ. Иброҳимова.
Таҳриру такмили матнҳо: Ҳоҷиматова Г.М.,Зокиров Н.

## МУНДАРИҶА

**Ба ҷои сарсухан**..........................................................................................................
**Маҳмадов А.Н.** Идомаи густариши фарҳанги инсонмеҳварии Алии Ҳамадонӣ дар ҳавзаи адабии Хатлонзамин .............................................................
**Саидҷаъфарова П.Ш.** Аҳвол, осор ва ақидахои фалсафии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ..........................................................................................................................
**Махмаджонова М.Т.** Рушди таълимот оид ба инсон дар фалсафаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ …………………………………………………...
**Давлатов П.Н.** Дидгоҳи фалсафии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар бораи мақом ва нақши хирад дар камолоти ахлоқии инсон ...............................................
**Шамсов М.С.** Андешаҳои зиддиифротӣ дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ
**Маҳмадова Меҳри.** Масъалаи ҳастии мутлақ аз дидгоҳи Алии Ҳамадонӣ ва Ҳофиз ……………………………………………………………………………...
**Закиров Н.М.** Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва нақши ӯ дар тариқаи ирфонии кубравия ..........................................................................................................................
**Буриев И.Б.** Ниҳоди муҳтасиб дар "Захиратулмулук"-и Мир Сайид Алии Хамадонӣ ...............................................................................................
**Муҷоҳид Амирӣ, Муҳаммад Фарҳодӣ (Эрон).** Нақши шахсиятҳои динӣ ва таърихӣ (Мир Сайид Алии Хамадонӣ) ба унвони омили ҳамгироӣ ва ваҳдат дар Эрон ва Тоҷикистон ...............................................................................................
**Давлатов П.Н.** Асосҳои ҷаҳонбинии ахлоқии Алии Ҳамадонӣ ................................
**Элназаров М.Б.** Шарҳу тавзеҳи фалсафию диншиносии консепсияи ухравию дунявии ҳаёт .........................................................................................................................
**Ҳотам Асозода.** Мир Сайид Алии Ҳамдонӣ ва"Захират – ул - мулук"—и ӯ .........
**Абдулхонов Ф.М.** Таълимоти ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ …………………………………………………………
**Махмадова М.** Рисолаи Али Ҳамадонӣ "Муродоти девони Ҳофиз" ……………..
Рисолаҳои маъмули фалсафии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ................................................

# ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМЕНИ А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Главный редактор:** Махмадов А.Н. – доктор политических наук, профессор
**Заместители главного редактора:** Идиев Х.У. – доктор философских наук, профессор,
Буриев И.Б. – доктор юридических наук, доцент.
**Ответственный редактор:** Джамшедов Дж.Н. – кандидат юридических наук

**Члены редколлегии:**

1. Гаюров Ш. – доктор юридических наук, профессор
2. Додихудоев Х.Д. – член. корр. АН РТ, доктор философских наук
3. Мухаммадали Музаффари – доктор философских наук, профессор
4. Махмаджанова М.Т. – доктор философских наук
5. Мухаммедходжаев А. – член-корр.АН РТ, доктор философских наук, профессор
6. Мирзоев Г.- кандидат философских наук
7. Нематов А.Р. – доктор юридических наук
8. Олимов К. – доктор философских наук, академик
9. Рахимов С.Х.- доктор философских наук
10. Раджабов С.А. – доктор юридических наук, доцент
11. Тохиров Ф. - доктор юридических наук, академик, профессор
12. Шоисматуллоев Ш. – член-корр. АН РТ, доктор социологических наук
13. Шарипов Т. – доктор юридических наук, профессор.

**Ответственные за подготовку к печати:** Кудусов Х.С. кандидат политических наук, доцент
Ибрагимова С.Х.
**Редакция и корректура:** Ходжиматова Г.М., Зокиров Н.

*Статьи рецензируются. Тексты статей даются в авторской редакции.*
*Мнение редакции могут не совпадать с мнением авторов.*
*При использовании и цитировании материалов ссылка на “Известия Института философии, политологии и права АН Республики Таджикистан” обязательна.*

ОГЛАВЛЕНИЕ

**В место предисловие...........................................................................................**
**Махмадов А.Н.** Расширение и восприятие человекоцентрической культуры
Алии Хамадони в литературном круге Хатлона ………………………………………..
**Саидджаъфарова П.Ш.** Жизнь, наследие и философские воззрения
Мир Сайида Али Хамадани ……………………………………………………………
**Махмаджонова М.Т.** Развитие учения о человеке в философии
Мир Саида Али Хамадани ……………………………………………………………..
**Давлатов П.Н.** Философские воззрения Мир Сайид Алии Хамадани о роли и
месте разума в нравственном совершенствовании человека ……………………….
**Шамсов М.** Антирадикалистские взгляды в творчестве Мир Саида Алии Хамадони ..
**Махмадова Мехри.** Абсолютное бытие с точки зрения Мир Саида Али Хамадани
и Хафиза ………………………………………………………………………………..
**Закиров Н.М.** Мир Сайид Али Хамадани и его роль в суфийском братстве
кубравийа .........................................................................................................................
**Буриев И.Б.** Институт мухтасиба в книге "Захиратулмулук"-
Мир Сайид Али Хамадани ..........................................................................................
**Муджохид Амири, Мухаммад Фарходи (Иран).** Роль религиозных и исторических
личностей (Мир Сайид Али Хамадани) как фактор интеграции и единства
в Иран и Таджикистане ……………………………………………………
**Давлатов П.Н.** Мировоззренческие основы этики Али Хамадан**и …………………..**
**Элназаров М.Б.** Философско-религиоведческая интерпретация
концепции посюсторонней и потусторонней жизни
**Асозода Х.** Мир Саид Алии Хамадони и его трактат "Захират-ул-мулук" ……
**Абдулхонов Ф.М.** Этическое и политико-правовое учение Мир Сайида
Али Хамадани …………………………………………………………………………
**Махмадова М.** Трактат Али Хамадани "Целы дивана Хафиза" …………………………..
Известные философские трактаты Мир Сайида Али Хамадани……………………………………

## Ба ҷои сарсухан

Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик бузургтарин дастовардест, ки асрҳои аср он ормони на танҳо тоҷикон, балки умеду орзуи тамоми ҳамзабонон ва ҳаводорони тамаддуни безаволи мо, ки нақши муҳимеро дар ташаккули фарҳанги умумибашарӣ гузоштааст, ба шумор меравад.

Дар баробари касби озодӣ, мустақилият ва истиқлолияти сиёсӣ ҷомеаи муосири тоҷик тӯли ин солҳо барои аз нав эҳё намудани арзишҳои миллӣ, хотираи таърихӣ, гиромидошту фарогирии осору андешаҳои пешқадамонаи бузургони гузаштаи мо шароити мусоидеро ба даст овард. Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти масъалаи мазкурро воқеъбинона дарк намуда, вобаста ба шахсиятҳои бузурги таърихии миллат ва эҳё намудани ғановати илмию фарҳангӣ, пос доштани мероси гаронбаҳои онҳо иқдомҳои муҳими илмию фарҳангиро роҳандозӣ намуда, барои ташаккули ҳувият ва худогоҳии миллии ҷомеа заминаи босазое гузоштанд.

Дар ин радиф метавон аз таҷлилу баргузории чандин нишастҳои илмию дигар чорабиниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии ба истиқболи ҷашнвораҳои фарзандони фарзона ва олимону донишмандони фарҳехтаи гузаштаи миллат бахшидашуда ёдоварӣ кард, ки онҳо рамзи эҳтирому садоқатмандӣ ба ин Ватану миллат мебошанд. Аз ҷумла, таҷлили бузургдошти нобиғаҳои миллати фарҳангсолори тоҷик Имоми Аъзам, Ибни Сино, Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Саноӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Мирзо Турсунзода, Аловуддин Баҳоваддинов ва дигарон гувоҳи эҳёи хотираи таърихии миллат ва гиромидошти мероси илмию фалсафӣ ва адабии онҳо мебошад.

Хусусан имрӯзҳо истиқболи ҷашни 700 солагии файласуф ва донишманди шинохтаи дунёи Шарқ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки осораш дар дарки вижагиҳои ташаккули чеҳраи ахлоқию тамаддунсози инсони комил мақоми воло дорад, барои ваҳдату ягонагӣ ва тавсеаи фарҳанги таҳаммулпазирӣ дар ҷомеаи башарӣ аз аҳамияти махсус бархурдор аст.

Маълум аст, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз ҷеҳраҳои бузурги олами илму маърифат, устоди каломи волои форсу тоҷик ба шумор меравад. Алӣ бинни Шаҳобуддин дар оилаи марди донишманд 12-уми моҳи раҷаби соли 714 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 12 октябри соли 1314 мелодӣ ба дунё омадааст. Падари ӯ Амир Шаҳобуддин аз орифону бузургони он замон ба ҳисоб меравад ва яке аз чеҳраҳои шинохтаи ҳамонвақтаи дарбор буд. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ шаҷараи падари Сайид Алӣ ба ҳазрати Алӣ ва модараш низ дар ҳамин силсила ба расули Акрам (с) мерасанд. Чуноне ки қаблан зикр намудем, падари ӯ аз чеҳраҳои шинохтаи дарбори ҳукумати замон буд ва барои ташаккули камолоти ахлоқиву маънавии фарзандаш ҳама шароиту имкониятҳоро фароҳам оварда, ӯро

ба назди устодони машҳури давр барои таълими улуми замонаш вобаста мекард. Зеро ӯ аз даврони кӯдакӣ дорои ҳисси баланди маърифатпешагӣ дошт ва аз худ қобилияти беназиреро дар роҳи кашфи асрори тамоми улум ва ҳоводису воқеаҳо нишон медод. Ҳамин истеъдоди баланд ва зиракиву ҳушёрӣ, хотираи қавӣ ва зеҳни бурояш буд, ки дар синни 11 солагияш «Қуръон»-ро ҳифз ва дар синни 16-18 солагӣ аз аксарияти илмҳои мавҷудаи замонаш комилан бархурдор гардид.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳанӯз аз даврони ҷавонияш бештари умри худро ба омӯзиши илмҳои замони худ ва навиштану мутолиа сарф мекард. Дар таълиму тарбия ва рушду камоли ӯ нақши муҳити оила ва мавқеи ду олими забардасти Ҳамадон Шарофуддин Маҳмуд ибни Абдуллоҳи Маздаконӣ ва Таққиддин Алии Дӯстӣ ва дигар устодон аз қабили: Муҳамади Маздаконӣ, Шайх Алоуддини Самнонӣ, Шайх-ул-ислом Шарифуддин Даргузинӣ, Шайх Рукниддин Сайиди Ҳабашӣ, Низомуддин Яҳёи Хуросонӣ ва шогирдони онҳо: Нуриддин Ҷаъфар Растоқи Бадахшӣ, Шайх Шамсуддини Бадахшӣ, Шайх Қавомуддини Бадахшӣ, Умар Сайид Муҳаммади Толиқонӣ, Мир Сайид Ҳусайни Самнонӣ, хешони наздикаш Шарофуддин Маҳмуд ибни Абдуллоҳи Маздаконӣ, осору таълимоти ҳакимону сӯфиёне чун шарҳи «Фусус-ул-ҳикам», шарҳи «Асмо-ул-ҳусно», рисолаи «Исботи ташеъ», ҳадисҳо, девони ашъори ниёкон ва ғайраҳо ҳамчун манобеи асосии таълимоти ӯ хеле назаррасанд.

Нуриддин Ҷаъфар, ки аз ҷонишинони Сайид Алии Ҳамадонӣ буд, дар асари маъруфи худ «Хулосат-ул-манокиб» аз забони худи Сайид Алӣ меоварад: «Доие доштам, ки мулақаб ба Сайид Алоуддин ва аз авлиёуллоҳ буд. Ба воситаи таълим додани ӯ ман дар хурдсолӣ «Қуръон»-ро ҳифз намудам. Бо вуҷуди ин ӯ маро ба назди яке олимони мутаққӣ ба шогирдӣ супурд, то ман аз ӯ улум биомӯзам. Замоне ки ман ба дувоздаҳсолагӣ расидам ва ба ҳолати он устоди мутаққӣ диққат кардам дидам, ки ба ибодатгоҳе меравад ва дар субҳу шом сар меҷунбонад. Пас аз ӯ пурсидам, ки ин чӣ корест анҷом медиҳед? Дар ҷавоб гуфт: суҳбат бо Ӯ (Аллоҳ) дорам. Ниҳоят, ман аз ӯ мусталзиман хостам, ки ба ман он азкор (зикрҳо)-ро таълим диҳад. Ӯ ин хоҳиши маро қабул кард. Дар натиҷа баъд аз се рӯз ба ман ҳолате рӯй дод, ки ҷамоли ҳазрати Муҳаммад (с)-ро мушоҳида кардам, ки бар фарозе истода буданд. Чун хостам ба он ҷойгоҳ биравам, фармуд: эй фарзанд ту наметавонӣ дар ин ҳол ба чунин маърифате ноил гардӣ, зеро туро лозим аст дараҷоти маърифатро таълим ва тай намоӣ». Сайид Алии Ҳамадонӣ аз 12 солагияш ба таълим рӯй оварда, бар асари истеъдоди баланд ба дараҷоти олии илм ва камолоти нафсонӣ даст ёфт, ки худи ӯ дар ин бора мегӯяд: чаҳорсад тан аз авлиёро дар хурдсолиям дарк кардам. Дар ин маҷмаъ бузургвор-падарам Амир Шаҳобуддин дасти маро гирифт ва аз ҳар яке олимони ҳозир дар ҷаласа хоҳиш кард бароям ҳадисе нақл кунанд, то ба он аҳодис кӯшиш кунам. Дар аввал Шайх Алоуддин Самнонӣ бароям ҳадисе хонд ва охирин нафар Ҳоҷа Қутбуддин Яҳёи Нишопурӣ буд. Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз шахсиятҳое мебошад, ки ба Ҳинду Покистон,

Мовароуннаҳру Шом ва билоди араб ба сафар баромада, масъулиятҳои аз ҷониби давлат ва доиёнаш додаро анҷом медод.
Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ин манотиқ бо суолу ҷавобҳои мантиқан нишонраси худ мардумро ба ҳадде шефтаи илму дониш менамуд, ки онҳо пайрави мазҳабу тариқати ӯ мешуданд. Ӯ пайравони худро ба он ҳидоят менамуд, ки пеш аз рӯй овардан ба ирфон дар риояи арзишҳои баланди ахлоқию фарҳангӣ кӯшою устувор бошанд. Алии Ҳамадонӣ дар ин замина хидмати арзанда ва мондагоре дар кишвари Кашмир намудааст. «Мадарса-ул-Қуръон» яке аз мадориси муҳимтарине буд, ки бо дархости худи Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Кашмир сохта шуд, ки аз тамоми навоҳии Кашмир толибону аҳли илму маърифат ба он ҷо гирд меомаданд, ки ҳатто чандин тан аз шогирдони маъруфи Сайид Алӣ маҳз аз ҳамин ҷо мебошанд.
Ҳамин тавр, лозим ба таъкид аст, ки Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун файласуф, ориф, шайх, суфӣ ва як адиби соҳибзавқ дар таърихи ҷараёни тасаввуфи тоҷик нақши арзанда дорад ва осори ӯ пур аз ҳикмату маърифати орифонаву ҳакимона мебошад, ки бешак он дар ташаккули ахлоқиву маънавии инсон таъсири амиқе мегузорад. Аз ин рӯ таҷлили 700 солагии ин марди накӯном барои боло бурдани ҳисси худшиносии фарҳангии ҷомеаи муосири мо ва дар зеҳни ҷавонони кишварамон парвариш додани майлу таваҷҷӯҳ ба гиромидошти арзишҳои ахлоқии дар мероси фарҳангии мо нуҳуфта мусоидат хоҳад кард. Бинобар ҳамин ҳам Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нашри навбатии маҷаллаи илмии худро ба таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои умдаи афкори фалсафию ахлоқӣ ва ҳуқуқии мутафаккир бахшида, итминон дорад, ки маводи пешниҳодшаванда мавриди писанди ҳаводорони осори беназири Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ қарор хоҳад гирифт.

*Абдураҳмон Маҳмадов. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор,*
*Хайриддин Идиев. – доктори илмҳои фалсафа, профессор*

# ИДОМАИ ГУСТАРИШИ ФАРҲАНГИ ИНСОНМЕҲВАРИИ АЛИИ ҲАМАДОНӢ ДАР ҲАВЗАИ АДАБИИ ХАТЛОНЗАМИН

А.Н. Маҳмадов[1]

**“Маро дар ин рӯзгор касе нашинохт, валекин баъд аз фавти ман сад сол толибон пайдо шаванд, ки аз расоили ман фавоид гиранду қадри ман бишносанд”**
**Алии Ҳамадонӣ**

Муаллиф дар мақолаи мазкур баъзе паҳлӯҳои фалсафаи зиндагӣ ва шеъри орифонаи Мир Сайид Алии Ҳамадониро баррасӣ намуда, идомаи густариши фарҳанги инсонмеҳварии ӯро дар ҳавзаи адабии Хатлонзамин бо баррасии шаммае аз ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Файзи Алами Дуобӣ ва Муҳаммад Насими Порвориро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

**Вожаҳои калидӣ**: Алии Ҳамадонӣ, густариши фарҳанги инсонмеҳварӣ, ҳавзаи адабии Хатлонзамин, фалсафаи зиндагӣ, арзиши илмию фарҳангӣ ва динӣ, мақому мартаба, шахсияти олами ирфонӣ, ахлоқу сиёсат, сайру сулук, ирфони назарӣ ва адабӣ, гушанишин (аскет).

Дар воқеъ, ҳарчанд гуфтаҳои ин марди хирад собиқаи таърихӣ ҳам дошта бошанд, вале то имрӯз арзиши илмию фарҳангӣ ва динии онҳо аз хотираҳо фаромӯш нагардидаанд. Мақому мартабаи ин шахсияти олами ирфонӣ аз дигар бузургони замонаш дар мавзӯъоти ахлоқу сиёсат, сайру сулук, ирфони назарӣ ва адабӣ ба куллӣ фарқ менамуд. Алии Ҳамадонӣ суфии гушанишин (аскет) набуд, балки орифе буд, ки мардумро ба фаъолияти меҳнати ҳалол даъват намуда, гушанишиниро (аскетизмро) инкор менамуд. Бештари амалҳои ӯ дар зиндагӣ аз рӯи принсипи “дил ба ёру даст ба кор” амалӣ мегардиданд.

Дар баробари ин Алии Ҳамадонӣ шахсияти нотакроре дар мақому мартабае буд, ки то имрӯз дар Хатлонзамин қадру қиммати хоссаеро сарфароз аст. Ба андешаи мо ӯ асосгузори мартабаи пиру мурид ва ҳаводори дунёи ҷавонмардии ин минтақа ба шумор меравад ва дар баробари дигар сабабҳои ба Хатлон рахти сафар бастани Алии Ҳамадонӣ чунин сабабҳои дигаре низ ба инобат гирифта мешаванд. Яъне ин пойдории оини ҷавонмардӣ ва ё ахигарӣ дар ин минтақа, ки пеш аз Алии Ҳамадонӣ ба ин ҷойгоҳ Шоҳи хомӯш ва Мир Сайид Ҷалолиддини Гулдастаро ба ин ҷо оварда буд.

Дарвоқеъ, замоне дар шафати деҳаи Лангари Муъминобод авлоде бо номи алишоҳиён умр ба сар мебурданд ва оини ҷавонмардиро парастиш доштанд ва ин амал онҳоро маълуму машҳур карда будааст, ки мардумон аз дигар кишварҳо ба зиёрати онҳо меомаданд. Ҳоло аз ин авлод танҳо номи деҳаи Хоҷаалишоҳ дар ин минтақа мондааст, ки дар хотираи таърихии ин мардум нақши муҳим гузоштааст. Албатта омадани ин нобиғаҳо ба ин сарзамин ба дигар сабабу омилҳои иҷтимоию сиёсии ҳамон замона низ вобастагӣ доранд. Аммо ҷаззобияти ин сарзамин, шуҳрату шаҳомати бузургону шогирдони вафодори шуҷоатманди ин диёр боиси ҷалби дигар бузургони форсизабон мисли Алии Ҳамадонӣ гардидаанд, ки ҳатто бисёри аз онҳо дар васиятҳояшон макони доимии худро дар ин сарзамин интихоб намудаанд.

Алии Ҳамадонӣ дар баробари илму фазилаташ шахсияти хеле бузурге дар риштаи одамшиносӣ ва одамдӯстдорӣ низ будааст, ки баъди чандин асрҳо номи муборакашонро дар ин минтақа бо номи ҳазрати Амирҷон муаррифӣ менамоянд ва ҳатто бо номи эшон имрӯз ҳам мардумони шаҳри Кӯлоб ва навоҳии он қасам ёд менамоянд. Яъне ин орифи бузург рамзи қадршиносӣ ва ростӣ то ҳол дар қалби мардумон мондааст. Дар ҳақиқат бо ибораи худи ӯ замоне “қадри ман

[1] Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор.

бишносанд”, акнун фаро расидааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тоҷикистониён баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ маротибаи дуюм аст, ки ҷашнҳои пуршукуҳи ин орифи дунёи илму маърифатро пешвоз мегиранд.

Алии Ҳамадонӣ дар воқеъ таблиғотгари дини мубини ислом ва ташаккулдиҳандаи завқи тавбаву тақво, эҳсону покизагӣ ва бедорӣ мебошад. Албатта, шахси бедор аз илму маърифат ҳамеша кушиш ба харҷ медиҳад, ки дигаронро бедору воқиф аз асрори зиндагӣ намояд. Аз ин рӯ , ӯ дар маснавии “Ҳафт водӣ” ба таъкид мегуяд:

Охир аз хоби амал бедор шав,
Як дам, эй масти ҳаво ҳушёр шав.
Пас дар ин водӣ фуру шав мардвор,
То бубинӣ роҳравонро сад ҳазор.
Сар ба сар саргаштагон дар роҳи ӯ,
Ту чунин озод аз даргоҳи ӯ....
Ҳар ки ӯ дар кори худ комил бувад,
Оқибат мақсуди ӯ ҳосил бувад.[1]

Чуноне, ки маълум аст шинохти Худо, таблиғи дин ва бедории инсон яке аз масъалаҳои асосии фалсафаи зиндагии Алии Ҳамадонӣ ба шумор меравад. Ӯ динро бештар барои танзими дурусти зиндагии инсон ҳидоят намуда, онро мояи имтиёзи инсон медонад. Дар баъзе маврид дар шеърҳои ирфонии Алии Ҳамадонӣ оҳанги баланди шуҷоатмандие ба назар мерасад, ки ин гувоҳи тафаккури озод ва ҳақиқатҷуии эшон аст. Чунончӣ:

Ё раб, зи карам бар мани дарвеш нигар,
Бар ҳоли мани хастаи дилреш нигар.
Ҳарчанд наям лоиқи бахшоиши ту,
Бар ман манигар бар карами хеш нигар.

Маълум аст, ки чунин муроҷиат, гуфтугӯ дар шеъри форсу тоҷик хеле фаровон ба назар мерасад, ки дар маънӣ бо шуҷоат, бо талаби қотеъона ва боз бо хоҳишу илтиҷо иншо гардидаанд. Аммо дар ин рубоӣ Алии Ҳамадонӣ бештар ба фалсафаи марди Худо, инсони комил такя намуда, хеле шуҷоатмандона аз Худованд талаб менамояд, ки бар ман манигар, ки ман шояд лоиқ ба бахшоиш надошта бошам, бар карами хеш нигар, ки пур аз эҳсону офариниш ва назирандаи олами ҳастӣ мебошад. Яъне ин муроҷиатро ӯ вазифаи инсонӣ шуморида, бо тарзе баён менамояд, ки оромиши равонии инсонро фароҳам меоварад.

Дарки фалсафаи шеъри Алии Ҳамадонӣ аз назари хаёлангезӣ баъди ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил дар ҷануби Тоҷикистон сабаби ривоҷу равнақи таълимоти ирфонӣ ва бештар дар парда сухан гуфтан гардидааст. Махсусан ин ҳолат дар ашъори шоирони нимаи дуюми асри XIX Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Аламии Дуобӣ ва Мавлоно Умари Порворӣ ва ғ. бараъло дарк карда мешаванд.

Маълум аст, ки идомаи густариши афкори динию фарҳангии Алии Ҳамадонӣ дар ҳавзаи адабии шоирони Хатлонзамин нақши хеле муҳим дорад.

Масалан, обрӯй ва нуфузи Алии Ҳамадонӣ ҳамчун пешвои аҳли урафои ин сарзамин ва соири минтақаҳои гирду атроф хеле баланд буд. Камоли шеъри орифонаи вай, ки дар густариши маърифати динӣ эҳтимоми хоса дошт, аз муҳимтарин хусусияти ашъори эшон буда, дар ҷаҳони андешаи аҳли тасаввуф таъсири босазо дошт.

Маълум аст, ки бедилхонӣ ва интихоби маслаки Бедил дар Мовароуннаҳр, бахусус дар Бухоро шӯҳрати зиёд дошт. Алии Ҳамадонӣ низ мисли дигар шоирони даврони худ шефтаю шайдои ин сабк буда, зери таъсири он қарор гирифта буд.

Қобили зикр аст, ки ҳавзаи адабии Хатлони даврони зиндагии Алии Ҳамадонӣ печидаи ҷараёни бедилчигӣ будааст. Баъдан ба мисли ӯ шахсоне дар арсаи илму адаб парварида шуд, ки дар шеъру суханварӣ машҳуру маҳбуб буданд. Аз ҷумла Ҳоҷи Ҳусайн, Аламии Дуобӣ, Мавлоно Муҳаммад Умар, Муҷрими Роғӣ, Хаста, Мирзо Лиқо, ва дигар шоирони соҳибдевони ин ҳавзаи адабӣ буданд.

Барои тақвияти ин гуфтаҳо метавон, аз шоири тавоно Мавлоно Муҳаммад Умари Порворӣ ёд кард, ки ашъори вай дар Покистону сарзамини Аморати араб

[1] Раҷаб Асозода (муҳаррири масъул). Насиҳатномаи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ. – С.32.

вирди забонҳо гардида буд. Яке аз асарҳои машҳури ин шоири бузург "Ҳаёту-ал-маъонӣ" ба шумор меравад, ки дар шарҳи “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ таълиф ёфта, дар радифи китобҳои машҳури ирфонӣ қарор дорад. Муҳаммад Умар таҳсилкардаи мадрасаи Анҷиров (Анҷиракон)-и Хатлон буда ба Афғонистон, Покистон ва мамолики араб сафарҳо намудааст. Баъд аз хатми таҳсилот дар мадрасаи Гавҳархони Покистон ба ҳайси мударрис хидмат намуда, пас ба ар-Риёз меравад ва дар он ҷо чашм аз олами ҳастӣ мепӯшад. Осори ӯ, чун ашъори дигарон, сар то по моломоли маънии ватанхоҳӣ буда, шоир дар ғурбат басо ҷонгудоз ёди Ватан намудааст:

Ғизоли кӯҳи Хатлонам, рамидам,
Ба домони Бадахшон мечаридам,
Расида фитнаи Яъҷуҷи лодин,
Қабои офият бар тан даридам[1].

Мақому мартабаи шоирӣ ва ашъору девони Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ низ имрӯз шарҳу баёни тозае талаб мекунад, аммо то ҳол, мутаассифона осори орифона, ақидаҳои иҷтимоию сиёсӣ, ахлоқӣ, ватанхоҳию ватанпарварии ин шореҳи маорифи сӯфия аз нигоҳи таҳлилгарону файласуфон дар канор мондааст.

Гумон меравад, ки кам шоире аз ҳамасарони Ҳоҷӣ Ҳусайн мисли ӯ алангае дар пайкари маънии дӯстдори ватану ватанхоҳӣ задааст. Ашъори саршор аз завқи ваҳдати вуҷуд, меҳру муҳаббат ва "ҳуббул-ватани миналимонаш" дар замири хонандаи имрӯз низ озодандеширо бедор месозад. Ба ин маъни қувват гирифтани шеъри Ҳоҷӣ сабабҳои зиёде дошта, бештар обу ранги бадеӣ ва тарҳи амиқи фалсафӣ низ дорад.

Ҳоҷӣ дар ибтидои достони "Комде ва Мадан"-и худ ҷой ва мақоми шоирро ба арши аъло бардошта мегӯяд:

Ба меъроҷи сухан пас аз паямбар,
Набошад ҳамчу шоир шахси дигар.

Ҳамзамон, оғози достони "Комде ва Мадан"-ро бо тасвири табиати зебои диёри Хатлон шурӯъ намуда муҳаббати бепоёни хешро нисбат ба ватан чунин баён менамояд:

Рафти сухан бар сари Хатлон бувад,
Ҳубби ватан гӯшаи имон бувад.

Ё ин ки дар порчаҳои дигари ин достон чунин мегӯяд:

Чу Хатлон хиттае кам офарида,
Ки фирдавсе ба олам офарида.
Шамолаш гар бигардад, мушк резад,
Ҳавояш чун биҷунбад, атр безад.
Магӯ дар пеши аз Ҳинду Кашмир
Гунаҳ бошад, забонро дар адаб гир.
Ба хубонаш макун нисбат, ки бини,
Хиҷолат маҳвашони Руму чинӣ.
Ба ин хуби, ки сарфи ин диёр аст,
Бувад кам зиндагӣ то рӯзгор аст (4).

Шиносои ба ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн аз он гувоҳӣ медиҳад, ки яке аз сабабҳои дар адабиёти шӯравӣ "гумном" шудани Ҳоҷӣ ва ашъораш норозӣ будани ӯ аз сохти нави бегонагон ва истилои ин сарзамин буд. Ҳоҷӣ Ҳусайн дар хусуси ҳаёт, ҷомеа, тақдиру қисмати ояндаи ҷомеаю инсонҳо ба таври ба худ хос мулоҳизаронӣ намуда, дар "Таърихи чуда" ном мусаввадаи хурдаш вазъияти таърихии замонашро аз Бухоро сар карда то Хуҷанду Балҷувон ва дигар минтақаҳои ватанаш баён намудааст. Инчунин дар он шахсиятҳои маъруфу машҳур ва замони ҳукмронии пайдарпайи онҳоро ба риштаи назм даровардааст, ки манфиятҳои зиёди илмию таърихиро дар бар мегиранд.

Шоир ба воқеъаҳои пуршури замонаш бетараф намонда, дар таърихчаи мазкур ҳаёти иҷтимоию сиёсиро бо маҳорати баланд тасвир намудааст. Махсусан, номҳои шаҳру ноҳия ва мансабдорони замонааш барои таҳлилу таҳқиқоти таърихшиносон заминаи хуби илмӣ ба вуҷуд овардааст. Баъзе номаҳои то имрӯз ба дастрасидаи Ҳоҷӣ монанди "Мактуб ба Авлиёқулбекбии парвоначӣ

---
[1] Муҳаммад Насимӣ Порворӣ. Ҳаёту-л-маъонӣ фӣ ҳалли мушкилоти «Маснавии маънавӣ»-и Мавлонои Рум бо мухаммасот. Душанбе: «Паёми ошно», 2015. - С.13.

дар зилзилаи воқиаи Кангурт", "Ба Усмонбек", "Ба Иброҳимхоҷа", "Ба Субҳонқулибеки мирохур", "Ба Қосимхӯҷа дар тасаллии хотир" низ хусусияти таърихию адабӣ дошта, барои хатшиносону матншиносон ва шарҳи герменевтикии фалсафа маводи хуби матнива таҳлилӣ ба шумор меравянд.

Акнун аз ин гуфтаҳо саволе ба миён меояд, ки мероси Ҳоҷӣ Ҳусайн имрӯз барои мо чӣ арзише дорад? Гузориши ин савол одӣ аст, ба дараҷае, ки ба рӯзгори имрӯзаи мо мувофиқати амиқ дорад. Оё як хонандаи мактаби миёна, ки дар зодгоҳи шоир таълим мегирад, мартабаи Ҳоҷӣ Ҳусайнро дар баробари Шамсиддин Шоҳин шинохта метавонад? Албатта наметавонад, зеро дар шуури ин талаба шоиру мутафаккире, ки дар барномаи таълимиаш меояд, ҳаргиз баробари шоире, ки берун аз барномаи таълимист, буда наметавонад.

Чаро хонандаи Кангуртиро барои мисол гирифтем? Сабаб ин аст, ки дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии як наврас, ҳангоми омзиши эҷодиёти як тан шахсияти шинохтаи зодгоҳаш ду омили бисёр муҳим дар тафаккури ӯ пайдо мешавад. Аввалан дар таркиби худшиносии ӯ боварӣ ба қудрат ва имкониятҳои эҷодии худаш пайдо мешавад. Сониян, дар тафаккури ӯ як фаҳмише ҷой нахоҳад гирифт, ки бузургони мо бояд ҳатман аз Шероз бошанд, Хиравӣ бошанд ва ба монанди инҳо. Ногуфта пайдост, ки зодгоҳи Мавлавиву Имом Ғазолӣ барои зеҳни наврас тақрибан ба монанди як сайёраи дигар, як ҷаҳони ғайримуқаррарӣ менамояд. Ин омил на танҳо аҳамияти таълимӣ-маърифатӣ дорад, балки тавассути истифода аз маводи маҳаллӣ ба назари мо аҳмияти воқеъии ватандӯстию худшиносӣ низ касб мекунад.

Дар байни аҳли адабу ҳунари Хатлон, ки ба ашъори Ҳоҷӣ бештар рӯй оварда ва ихлос бастанд, бояд, пеш аз ҳама, аз Мулло Холи Кангуртӣ, Домулло Бароти Мӯминободӣ, Карими Шиш (Файзӣ), Мулло Шариф (Сомеъ Одиназода) ва Одина Ҳошим ёдовар шуд. Онҳо ашъори зебо ва ривоёти орифонаи Ҳоҷиро тавассути ҳунари нигорандагӣ ва сароянддагии хеш пешкаши мардум намудаанд. Аммо аз чӣ бошад, ки аксарияти муҳаққиқону донишмандон ва шоирони даврони Шӯравӣ дар бораи чунин як шоири тавоно ва устоди хатту ҳунар, ки дар умри начандон дарози хеш на танҳо дар шоирӣ шӯҳрат дошт, балки дар саҳҳофӣ ва наққошӣ низ тарзи нав эҷод намудааст, таваҷҷуҳе нанамудаанд. Шояд онҳо ба силсилаи тариқати нақшабандия шомил будани "Ҳазрати Мавлоно Халифа Муҳаммад Ҳусайн" ва таваҷҷӯҳи ӯро ба таълимоти сӯфия дониста дар симояш танҳо муллоро медиданд.

Ҳоло он ки мавзӯи ашъори Ҳоҷӣ натанҳо муҳаббат, сайри рӯҳонӣ ва маънавии аҳли тариқати нақшбандия, балки масъалаҳои башардӯстӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ ва ғайраро дар худ табассум намуда, барои шинохти инсон дар ҷомеа аҳамияти зиёде дорад.

Нишонаи дигари идомаи фарҳангии инсонмеҳварии Алии Ҳамадонро ашъори шоир Файзи Алам (Аламӣ), ки аслан аз деҳаи Хоҷа Абдураҳмони Дуоби ноҳияи Муъминобод мебошад ва дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX зиндагӣ кардааст.

Ин нуктаро таъкид кардан бамаврид аст, ки Аламӣ шоири соҳибистеъдод ва рангинхаёл будааст ва дар жанрҳои гуногуни назм: рубоӣ, ғазал, мухаммасу маснавӣ осори арзишманду пуробуранге ба мерос гузоштааст, ки ба зеҳну тафаккури хонанда таъсири пурғановате дорад.

Бояд қайд кард, ки Аламӣ дар байни мардум бо номи Эшони Файз маълуму машҳур будааст ва ин унвон бо он сабаб будааст, ки ӯ воқеан як донишманди маъруф ва соҳибмаърифат дар улуми динӣ низ сабқат доштааст.

Аз мазмуни чанде аз ғазалиёти ӯ бармеояд, ки мавсуф пайрави тариқати нақшбандияи ҷараёни тасаввуф мебошад, ки ин мисраҳояш далолат ба ҳамин маънӣ дорад:

Ин аламро камтарин дон аз муридони дараш,
Бар забонаш ҳар замон Хоҷа Баҳовуддин бувад.

Дар маҷмӯъ, Аламӣ дар ашъораш ба ҳастии инсон, ҳуввияти он, инсонияти инсон, камоли одамият ва маънавиёти он диққати зиёд додааст. Шоир ба масъалаҳои мураккаби зиндагӣ фалсафаи ҳаёту марг, ишқ, покизагии ахлоқ, покизагии ахлоқи руҳӣ, ҷисмонӣ, касби зиннати маърифат ва ғайра дахл карда роҳи расидан ба саодат ба хушбахтиро ба воситаи абёти худ ба хонанда равшан месозад. Яке аз мавзӯҳое, ки дар осору эҷоди шоирон, бахусус орифон, мавқеи ҷавҳарӣ ва калидӣ дорад, ин баракату фазилати субҳ, саҳархезӣ ва бедорӣ дар дили субҳ аст.

Умуман, барои соликони роҳи ҳақ ва пайравони тариқат шабзиндадорӣ, намозу ибодати шабона, лаззату кайфият ва ҳаловат аз насими саҳарӣ манбаи ғизои рӯҳӣ ва маънавӣ аст.

Дар адабиёти пурғановати мо кам шоир ва нависандаеро пайдо кардан мумкин аст, ки руи ин мавзӯъ сухан нагуфта бошад. Аз сипаҳсолори назми форсу тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ то ба Ҳофизу Мавлоно ва шоирони пасин то ба замони муосир таровату назокати субҳ манбаи илҳом ва тасвироти хаёли рангинашон аст. Мо тавони баррасии ҳаматарафаи тасвири субҳро дар осори ҳамаи шоирон надорем, чун доираи таҳлили он хеле васеъ ва густурда бошад ва фақат он чиро мегуем, ки дар девони пири ғазалсароёни адабиёти мо Ҳофизи Шерозӣ чунин ғазале ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст. Ғазале, ки мо барои таҳлил аз мунтахаби Аламӣ интихоб кардаем чунин аст:

Дил мусаффо кун даме аз нури рахшони саҳар,
Дидаро пурнур соз аз лаъли хандони саҳар.
То саманди ҷазбаи тавфиқро ҷавлон диҳӣ,
Басти вусъат бо ту дорад,дон,ки майдони саҳар.
Аз насими ҷонфидояш ғунчаи дил во шавад,
Ройгон аз каф мадеҳ худ файзи эҳсони саҳар.
Хоҳӣ ту гар ғунчаи боғи муродат бишкуфад,
Хоби ғафлатро гузору гир домони саҳар.
Аз шакархоби сабӯҳ паҳрезу огоҳӣ гузин,
Бо ту бахшад хилъати тавфиқ султони саҳар.
То сабо аз накҳати мушкин биёрад бар машом,
Атррези мекунад боди гулафшони саҳар.
Гар ба чашми хеш бинӣ ҷилваи гулро аён,
Ҳамчу булбул кун наво даври гулистони саҳар.
Фаҳм кун рамзи сухан аз боргоҳи Кибриё,
Файзи раҳмат мерасад бар ашки резони саҳар.
Бо дуои субҳ , Алам,дон, мерасад кас бо мурод,
Ҷону дилро кун,тавонӣ, зуд қурбони саҳар.

Дар ин бобат дар таърихи гузаштагон Аламӣ баракати фазилат ва файзу раҳмати субҳхезиро дар роҳи саломатии инсон ва наҷот аз изтиробу ранҷҳои ботинӣ бо василаи баҳравар шудан аз наҳкати саҳар бозтобӣ намудааст. Муқаддамтар он чиро бояд гуфт, ки ҳамчун як шахси тақводори худотарсу бомаърифат, адабиёти хешро дар асоси ҳадиси пайғамбари ислом (с) "Аттакбиру уло хайрунминнад-дунё ва мофиҳо", яъне такбири аввал (манзур такбироти авали намози бомдод) аз дунё ва ҳар он чӣ ки дар он аст беҳтар аст, гузоштааст, аз тарафи дигар шояд Аламӣ дар пайравии ин шеърҳои ҳоҷаи Ҳофиз ғазал эҷод намудааст.

Кас надидам зи мулки хутани нофаи ишқ,
Он чи ман ҳар саҳар аз боди сабо мебинам

Боди сабо дар тафсирҳои шеършинохон чунин омадааст, ки он бодест аз машриқ ба мағриб ҳамкоми субҳ мевазад ва дар ҳолати вазидани он нутфаҳо мекушояд ва гулҳо мешукуфанд.

То саманди ҷазбаи тавфиқро ҷавлон диҳӣ,
Басти вусъат бо ту дорад дон, ки майдони саҳар.

Воқеан, ташбеҳоти мисраи аввали "саманди ҷазбаи тавфиқ" аз тавоноии шоир ва равшанхаёлии Аламӣ дарак медиҳанд. Ӯ ҳастию орзуву омол, ибодату аъмол, баракату амали инсонро барои тавфиқ ёфтан дар роҳи худогоҳӣ ва худшиносӣ ба саманди саркаше ташреҳ мекунад, ки саворӣ

ва ром кардани он хеле мушкил аст. Аламӣ ба ин андеша аст, ки барои аспи сарааш ҳавову нафси саркашро ром кардан майдони саҳар ҷойи ҷавлонгоҳ аст. Ин майдон майдони риёзату тамрин ва кӯшишу ғайрат аст, то ки мисли гул аз накҳати боди сабои саҳарӣ шукуфон бошад.

Аз насими ҷонфазояш ғунчаи дил во шавад,
Ройгон аз каф мадеҳ худ файзи эҳсони саҳар.

Шоир дар ин мисраҳо насими руҳбахшу гуворои саҳарро асоси сафо ва покии дил меҳисобад ва инсонро ба баҳрабардорӣ аз ганҷи ройгони илоҳӣ даъват месозад, чуноне ки таманниёти Ҳофиз рӯи ин мавзӯъ дар тафсири байти аввали Аламӣ иқтибос овардем.

Мисраҳои байтҳои чоруму панҷуми ғазали мазкур қариб, ки як маъноро дорад ва хуб ва хуш набудани хобро дар вақти саҳар таъкид месозанд. Дар байни мардуми мо мисраи зер:

"Хоб неку нест дар вақти саҳар, бедор шав" хеле маъмул аст. Шояд гуфтаҳои Аламӣ аз ин мисраъ маншаъ гирифтаанд. Барои ӯ ҳам хобу ғафлат дар вақти ғафлат нишонае аз аблаҳии инсон, худобехабарии он аст. Дар байти панҷуми ӯ тасвироти зебое шакархоби сабуҳӣ дорад. Агар аз назари ҷисмонию равонӣ маънии ин байтро шарҳ диҳем чунон аст, ки дар ҳақиқат хоби саҳарӣ хеле ширин ва гуворо аст ва на ҳар кас тобу тоқати шикастани ин кайфиятро дорад. Аламӣ бисёр хуш ва зебо мегуяд, ки фақат ба қавли ахборҳои қуръонӣ мардуми соҳибназар ва соҳибхирад, ки бо марҳамати илоҳӣ тавфиқ ёфтаанд, аз ин "шакархоб" парҳез мекунанд. Паҳрезкорони хоби саҳарӣ мардумони бо рисқу рузӣ ва дар бисёр ҳолатҳо бомувафақанд.

Байти минбаъдаи ғазал услуби хоси амал ва ибодати пайравони тариқат ва соликони роҳи ҳақро, ки дар тасаввури ислом бисёр маъруфият доранд, муаррифӣ месозанд. Аз ҷумла ибораҳои овардаи шоир "накҳати мушкин", "атррезии боди гулафшони саҳар", "ҷилваи шухи навои булбул", "гулистони саҳар", "боргоҳи Кибриё", "файзи раҳмат", "ашкрезони саҳар", "дуои субҳ" ва ғ.

Аламӣ дар ин ғазал аслан роҳҳои худсозию худшиносии инсонро дар мисоли ашхоси соҳибмаърифат бо таъкиди қуръони азимушаън, муфлиҳону муштариён (растакорону парҳезкорон) арзёбӣ месозад. Даъвати шоир ба инсонҳо ҷанбаҳои бунёдӣ ва заминӣ дорад то ки онҳо дар шинохти ҳуввияти хеш ғофил набошанд.

Ҷанбаи дигари тасаввуроти ӯ дар ин ғазал шинохти бузургтарин сармояи умрвақт ва истифодаи босамари он мебошад. Хусусияти дигари эҷодии ин шоири тавоно чун "саманди ҷазбаи тавфиқ" дар тамоми ашъораш ҷилваву хумори ҳидояти инсофу адолат аст. Аламӣ инсонро ба зебоӣ, зебо будан ва зебо зистан рағбат менамояд.Ӯ вассофи ахлоқи ҳамида ва тарбиятгари марди Худост, ки ашъори эшон бояд мавриди омӯзишу таҳлил қарор ёбад.

Ҳамин тавр, идомаи густариши фарҳангӣ инсонмеҳврии Алии Ҳамадонӣ дар ҳавзаи илмию адаби ин сарзамин решаҳои мухталиф дошта, намояндагони зиёди андешамандонеро ба миён овардааст,ки новобаста ба мушкилоту дигар нобаробариҳои зиндагӣ ашъор ва ақидаҳои динию фарҳангии хешро рӯи чоп овардаанд. Ӯ бузургтарин мутафаккири ирфони замони худ буда, умдатарин масъалҳои ҳаётӣ ва диниро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ин аст, ки пайравону ҳаводорони фалсафаи зиндагии ӯ дар баробари ғазал, қасидаҳои ирфонӣ, маснавӣ ва достонҳои орифонаю футтуватномаҳоро эҷод намудаанд.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд мақому мартаба ва сабки нигориши Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба фарҳанги ин сарзамин таъсири мусбӣ расонида бошад , вале лутфи ҷавонмардиашон аз боғи мевадори ин сарзамин ва шогирдони содиқу вафодор лаззат бардоштааст, ки ӯ нуфузи худро то ба Хиндустон бурдааст.

**А.Н. Маҳмадов**

## Расширение и восприятие человекоцентрической культуры Алии Хамадони в литературном круге Хатлона

Автор в данной статье рассматривая отдельные стороны жизненной философий

и мистической поэзии Мир Саида Алии Хамадони анализирует последующее развития его человекоцентрической учении в литературном круге Хатлона с привлечением поэзии Хочи Хусайна Кангурти, Файзи Алами Дуоби и Мухаммада Насими Парвари.

**Ключевые слова:** Али Хамадани, расширение культуры человекоцентрической, литературный круг Хатлона, жизненная философия, научно-культурных религиозные ценности, статус и позиция, личность мистического мира, этика и политика.

**A.N. Mahmadov**

## Continue the development homocentric of cultural Ali Hamadoni in the literary circle Khatlon

The author of this article discussed certain aspects of the life of philosophy and mystical poetry Mir Said Ali Hamadoni analyzes the subsequent development of his humanocentric doctrine in literary circle Khatlon with the involvement poetry Hoji Husayni Kangurti, Fayzi Alami Duobi and Muhammad Nasimi Parvori.

**Keywords:** Ali Hamadoni, the development of a culture humanocentric, literary circle Khatlon, philosophy of life, scientific, cultural and religious of value, status an positive, the identity of the world, mysticism (irfon), ethical policy, Irfon theoretical and literary, asceticism.

# АҲВОЛ, ОСОР ВА АҚИДАҲОИ ФАЛСАФИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

П.Ш. Саидҷаъфарова[1]

Аз ақидаҳои фалсафии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чунин натиҷа бармеояд, ки ӯ тамоми мафҳумҳои онтологӣ, чун ҷавҳару араз, ҳаюло ва модда, шакл ва сурат, олами вуҷуд, маъдан, набот, аҷсоми унсурӣ, ҳайвон ва инсонро дар ягонагӣ бо офаридгор меҳисобад. Яъне тамоми олами ҷисмонӣ таҷаллии офаридгор аст.

**Вожаҳои калидӣ:** Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ҷавҳар, араз, модда, ҳаюло, шакл ва сурат, ваҳдати вуҷуд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз мутафаккирони воломақоми фарҳанги форс-тоҷик ба шумор меравад, ки дар асри XIV- умр ба сар бурдааст.

Таҳлил ва омӯзиши ахбору тазкираҳо, рисолаҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои мӯътамад ба он натиҷа меоранд, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ривоҷу равнақи фарҳанги ирфон ва тасаввуф, хосатан баъзе улуми исломӣ нақши муҳиме гузоштааст.

Дар бораи аҳволу осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ як қатор тазкираҳо маълумотҳои кофӣ додаанд, ки инҳо осор ва тазкираҳои Ҷаъфари Бадахшӣ "Хулосат-ул-маноқиб"; Ҳайдари Бадахшӣ, "Мастурот", тазкираҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Султон Ҳусайни Бойқаро,Хондамир, Дида Марии Кашмирӣ, Амин Аҳмади Розӣ, Муҳаммад Маъсуми Шерозӣ, Ризоқулихони Ҳидоят[2] мебошанд.

Муҳаққиқи барҷастаи тоҷик, шодравон Моҳирхӯҷаи Султонзода бахусус ду тазкираро, ки аз шогирдони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буданд, пурарзиш шумурда буданд, ки инҳо Ҷаъфари Бадахшӣ "Хулосат-ул-маноқиб" ва Ҳайдари Бадахшӣ "Мастурот" мебошанд. "Албатта, ҳамаи ин маълумоте, ки дар таъриху тазкира ва сарчашмаи тадқиқот доир ба Алии Ҳамадонӣ дучор меояд, якранг нест. Ҳатто баъзе онҳо мухолифат, иштибоҳ ва таззоди афкор ҳам доранд". [3]

Чи тавре, ки аз маълумоти ахбори тазкираҳо бармеояд, шӯҳрату нуфузи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ на танҳо дар Эрону Осиёи Марказӣ, балки то ба Покистону Ҳиндустон расидааст. Дар Покистон ба таҳқиқи аҳволу фаъолияти илмии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Муҳаммад Риёз ва дар Эрон Саид Нафисӣ машғул буданд. Дар Тоҷикистон муҳаққиқони ҳаёт ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ олим ва файласуфи забардаст, шодравон Моҳирхӯҷаи Султонзода, инчунин Р.Асозода ва И.Давлатов ба ҳисоб меравнд. Олими равоншод Моҳирхӯҷаи Султонзода бори аввал дар Тоҷикистон кори арзишмандеро ба анҷом расонидааст. Ӯ дар чаҳор ҷилд маълумоти мушаххасе оид ба аҳволу осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ додааст.

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо ва таҳқиқоти олимон Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мулаққаб ба Амири Кабир, Шоҳи Ҳамадон, Алии Сонӣ, 22-октябри соли 1314 мелодӣ дар Ҳамадони Эрон ба дунё омадааст. Тахаллуси шоиронааш Алӣ, ё Алоӣ аст:

> Сирре, ки сад ҳазорон сар дар ғамаш фурӯшад,
> Кай гардад, эй Алоӣ, ҳосил ба ними ҷоне.[1]

Падари Алии Ҳамадонӣ ҳаким буда, аксаран ба корҳои давлатӣ банд будааст. Дар рушди маънавии ӯ бахусус тағояш нақши муҳим бозидааст. Тағояш шахси

---

[1] Номзади илмҳои фалсафа, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ

[2] Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс мин қадарот-ил қудс.- Теҳрон,1337. - С. 354.

[3] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Асари мунтахаб дар чаҳор ҷилд / Таҳия, тасҳеҳ, муқобала ва тавзеҳоту сарсухани Моҳирхӯҷаи Султонзода. Ҷ.2. - С.6.

[1] Ҳамон асар. ҷ.1.- С.61.

бомаърифате будааст, ки барои таҳсилоти ибтидоии Алии Ҳамадонӣ кӯшишҳои зиёде кардааст.

Падараш Сайид Шаҳобуддини Ҳамадонӣ мебошад ва ба қавли муҳаққиқон "насаби вай ба 17 восита ба халифа Алӣ ибни Абутолиб мерасад. Модараш Фотима ба 17 восита ба пайғамбар Муҳаммад ва 16 восита ба Алӣ мепайвастааст".[1]

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз рӯи таҳсилоти муқаррарӣ Қуръон ва илмҳои замонаашро омӯхта, ба риштаи тасаввуф низ мароқи зиёде зоҳир кардааст. Мувофиқи ақидаи шодравон Моҳирхӯҷаи Султонзода устодони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар риштаи тасаввуф пайравони тариқати кубравия буданд. Сайру саёҳати дурударози Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо ташвиқи яке аз устодонаш-Шайх Маҳмуди Маздаконӣ ба амал меояд:

"Умуман, дар ташаккули ҷаҳонбинии Алии Ҳамадонӣ ва тарбияи ӯ нақши устодони зикршудааш хеле калон аст. Сарчашмаи дигари ғоявии ташаккули мафкураи Алии Ҳамадонӣ таълимоти мутафаккирони номии таърихи афкори фалсафии халқҳои форс тоҷик ва араб, амсоли Мансури Ҳаллоҷ, Ибни Арабӣ, Саноӣ, Аттор, Ҷалолуддини Румӣ, Абӯҳомиди Ғазолӣ ва аҳли машшоия Абӯалии Сино мебошанд".[2]

Қисмати зиёди ҳаёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар сафар гузаштааст. Вале мутаассифона Алии Ҳамадонӣ дар осораш оид ба сафарҳояш чизе ба ёдгор намондааст.

Донишманди эронӣ Парвизи Азкоӣ оид ба ин масъала таассуфомез қайд кардааст: "Кош Сайид аз он ҳама сайру сафарҳои 50-60 сола мухтасаре ёддоштҳои коромади таърихӣ-иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз шаҳрҳое, ки рафта ва мардумоне, ки дида барои ояндагон фароҳам мекард".[3]

Ӯ чандин бор ба Хатлон сафар кардааст ва дар он ҷо шӯҳрати беандозаеро соҳиб гардидааст. Дар манотиқи Кӯлоб Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо лақаби "Ҳазрати Амирҷон" машҳур аст. Сабаби дигари муҳаббату садоқатмандии мардуми Хатлон он аст, ки марқади мутафаккир дар шаҳри Кӯлоб ҷойгузин шудааст. Аз рӯи маълумоти начандон дақиқи ахбору сарчашмаҳо Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Поҳклии Покистон вафот кардааст, вале аз рӯи васияташ ҷасадашро ба Кӯлоб оварда, дафн кардаанд.

Дар минтақаи Кӯлоб сукунат пайдо кардани Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ якчанд сабабҳои воқеӣ дошт:

- як сабабаш он буд, ки мавқеи ҷуғрофии Кӯлоб ба вай маъқул омад;

-дигар сабаб он буд, ки муҳити фарҳангию иҷтимоии ҳамонвақтаи ин минтақа барои баёни ақоиди мухталиф мусоид буд, чунки руҳияи мардум озодпарастона буд;

-сабаби саввуми дилбастагии Амири Кабир ба ин минтақа ба шавҳар баромадани духтараш буд, чун ӯ ҳамсари шогирди Алии Ҳамадонӣ орифу донишманди замон - Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ буд.

Осор ва таълифоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳам бо забони форсӣ ва ҳам бо забони арабӣ то ба замони мо омада расидааст. Олимон ва бахусус шодравон Моҳирхӯҷа Султонзода бар он андешаанд, ки осори Алии Ҳамадонӣ бештар аз 170 адад мебошанд. Аз ҷумла ба онҳо шомиланд: "Шарҳи асмои ҳусно"; "Асрор-ун-нуқта", "Ал-мувaддат фил-қурбо ва ахл-илибо", "Равзат-ул-фирдавс", "Сифот –ул-фуқаро", "Рисолаи қуддусия", "Рисолаи вуҷудия", "Рисолаи ҳамадония", "Рисолаи ақлия", "Авроди фатҳия", "Истилоҳоти сӯфия", "Даҳ қоидаи сӯфия", "Ҳалли мушкил", "Рисолаи нафсия", "Одоб-ул-машоих", "Рисолаи маномия", "Рисолаи мушайянаи амирия", "Рисолаи саволот", "Чиҳил мақоми сӯфия", "Рисолаи дарвешия", "Рисолаи футувватия", "Машориб-ул-азвоқ", "Рисолаи зикрия" ва рисолаи "Ас-сабъин фи фазоили Амирулмӯъминин".

Рисолаҳои номбаршуда ақидаҳои фалсафӣ ва ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадониро дар бар гирифтааст, ки дар онҳо масъалаҳои зиёди фарҳанги исломӣ, ахлоқӣ-иҷтимоиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Осор ва таълифоти Алии Ҳамадонӣ намунаи беҳтарини таълимоти фалсафӣ ва

[1] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ҳамон асар Ҷ.2.- С.8.
[2] Ҳамон асар, ҷ.2.- С.9.
[3] Азкоӣ Парвиз. Мураввиҷи ислом. Ҳамадон, 1991. - С.84.

ирфонӣ мебошанд, ки "...дар онҳо масъалаҳои назарию амалии ҳикмати ирфонӣ амсоли ваҳдати вуҷуд, таназзул ва зинаҳои он, қавси нузул ва қавси сууд, ишқу муҳаббат, мурииду муршид, холиқу махлуқ, инсон ва қувваҳои он, такмили худӣ, маърифати ҳақ ва усулу воситаҳои он одоби машоих, қоида ва мақомҳои сӯфия, футувват ва ғайра мавриди таҳқиқу таъкид қарор гирифтаанд".[1]

**Ақидаҳои фалсафии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.** Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки яке аз намояндагони маъруфи ирфон ва тасаввуф ба ҳисоб меравад, ақидаҳои фалсафии худро аз нуқтаи назари ирфон ва тасаввуф баён намудааст. Ин таълимоти ӯ дар рисолаҳояш, аз қабили "Асрор-ун-нуқта, ё тавҳиди ирфонӣ", "Рисолаи вуҷудия" ва "Захират-ул-мулук" басо равшан баррасӣ гардидаанд.

Масъалаи ваҳдати вуҷуд дар ирфон ва тасаввуф аз рукнҳои муҳимтарину писандидатарин ва яке аз масъалаҳои баҳснок ба шумор меравад. Аксари мутафаккирони ориф шефта ва дӯстдори ин қисмати таълимоти тасаввуф мебошанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун дигар мутафаккирони ориф масъалаи ваҳдати вуҷудро сарманшаи таълимоти ирфонии худ қарор додааст. Ӯ дар партави ваҳдати вуҷуд масъалаҳои муҳими фалсафӣ, аз қабили олами вуҷуд (ҳастӣ – С.П.), таназзул ва зинаҳои он, доираи қавси нузул ва қавси сууд, дарки вуҷуд аз дидгоҳи файласуф, мутакаллим, ё ориф, навъҳои ҳаракат, тағйирёбии мазмун аз шакл, ҷузъиёт ва куллиёт, табиат ва унсурҳои он (об, оташ, хок бод), инсон ва хусусиятҳои он, маърифатпазирии инсонро ҳал намудааст.

Ваҳдати вуҷуд аз рӯи таълимоти Алии Ҳамадонӣ "...болотар ва арҷмандтарини донишҳо илми тавҳид аст. Барои ин ки мавзӯи он бар тамоми улум шарофат дорад ва дониши он аз тамоми донишҳо бартар ва бузургтар аст".[2]

Мувофиқи ақидаи мутафаккир намояндагони дигар ҷараёнҳо, аз қабили файласуфон ва мутакаллимон масъалаи ваҳдати вуҷудро чун худошиносӣ дарк намуда, ба тарзу услуби ба худ хос ҳал намудаанд. Вале ин масъала маҳз дар ирфон ва тасаввуф роҳи ҳалли дурусти худро меёбад.

Ҳадафи ҳакиму мутакаллим Худойро бо роҳи далелу бурҳон шинохтан аст, вале ҳадаф ва мақсади солик аз худшиносӣ ва пасон Худошиносӣ иборат аст. Мақсади ниҳоии солик шинохтани хилқати вуҷуд, асрори вуҷуд ва ҳақоиқи он мебошад.

Файласуф ва мутакаллим ба воситаи далоили ақлонӣ ба шинохтани Худой ва асрори офариниши ӯ оғоз мекунанд. Вале тарзу усул ва роҳҳои ба Худошиносӣ расидани солик аз ҳакиму мутакаллим куллан фарқ мекунад.

Солики роҳи Ҳақ аввал тавассути тасфияи қалб ва тазкияи ботин худро аз тааллуқоти индунёӣ озод мекунад. Пас аз он, ки зинаҳои тоқатфарсои сулукро гузашт, аз зинаи худшиносӣ ба дараҷаи Худошиносӣ наздик мешавад.

Аз рӯи ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дарки ваҳдати вуҷуд ва фаҳмидани ҳақоиқи ашё ва мавҷудот ба ҳама муяссар намегардад. Касоне ки тавассути далелу санад ба ин асрор расидан мехоҳанд, роҳи хаторо пеш гирифтаанд. Мавлоно, ки гӯё аз мақсади Алии Ҳамадонӣ огоҳ бувад, фармудааст:

Пои истидлолиён чӯбин бувад,
Пои чӯбин сахт бетамкин бувад.[3]

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ илми тавҳидро асл ва мабдаи тамоми аркони ҳастӣ мешумурд, вале онро як олами дастнорас барои баъзе иштиёқмандон меҳисобид. Ин матлабро ӯ ҳам бо забони наср ва ҳам бо забони назм баён сохтааст: "Ва дар навиштани ин авроқ бо лисони завқ ишора оғоз кардам, на бо равиши донишмандони улуми расмӣ, ки дар навиштаҳои худ масоилро бо исботи далоил баён менамоянд, зеро асрори илоҳия болотар аст аз ин, ки даст ба ғайратҳои кӯтоҳ ва ноқис ба василаи далел ба домани азамати он бирасад ва анвориசародиқи пешгоҳи азамати ҳақ равшантар аст аз ин ки хирадмандон ба парҳои борик ва нота-

[1] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Асари мунтахаб. Ҷ.2.- С.11

[2] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Асари мунтахаб. Ҷ.2. Асрор-ун-нуқта, ё тавҳиди ирфонӣ.- С.18.

[3]Фарҳанги забони тоҷикӣ. М., Нашрёти «Советская Энсиклопедия»,1969. Ҷ.1. - С. 499.

вони хираду ҳукми худ дар авҷи он парвоз намоянд.[1]

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ масъалаи ваҳдати вуҷудро бахусус дар рисолааш "Асрор-ун-нуқта, ё тавҳиди ирфонӣ" бисёр возеҳ, саҳеҳ ва бо таammуқи андеша баррасӣ намудааст. Баландии парвози андеша ва борикии назари мутафаккир аз он бармеояд, ки нуқта дар олами ҳуруф ва арқом аломат, ё чизи намоёне нест, вале аслу мабдаи шакл гирифтани ҳарфҳо ва рақамҳо дар ӯ пинҳон аст. Ин ҷо муроди Алии Ҳамадонӣ нисбат додани нуқта аст ба ваҳдати вуҷуд. Яъне Зоти Худованд ҷалла ва ҷалолаҳу як мавҷуди мастур ва пинҳон аз идроку ақли инсонист. Валекин моҳияти он дар олами шайъу мавҷудот ба зуҳурот табдил ёфтааст.[2]

[1] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Асрор-ун-нуқта ё тавҳиди ирфонӣ. Осори мунтахаб. Душанбе, 1995. Ҷ. 2. - С. 29.
[2] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Асрор-ун-нуқта ё тавҳиди ирфонӣ. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 36.
[3]Ниг.: Парвизи Азкоӣ. Мураввиҷи ислом. Ҳамадон, 1991. - С. 83-87.
[4]Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи қуддусия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 42.
[5]Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи қуддусия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 43.

ва дигар ибодот ва қисми дуюм, тооти молӣ аст, ки он ба халқ таллуқ дорад, чун закоту садақа ва иморати пулу тарбияти зуъафо ва ятимон ва амсоли ин.[1] Яъне метавон бо ин амалҳо, ки дар худ ягон шоибаи зуроварию таҳқиру тахриб надоранд, ба мақсадҳои олӣ ва ниҳоии хеш расид.

Чунин ба назар мерасад, ки аксари ҷавонони даврони муосир мақсади асосӣ ва рисолати инсониро на ба он гунае мефаҳманд, ки пешиниёни онҳо дарк кардаву бо тамоми роҳу усулу услубҳои мумкина ба мерос гузошта буданд. Ин раванд дар қаламрави Осиёи Миёна ва Қафқоз аз солҳои 70 – уми асри XX дар байни гуруҳҳое аз намояндагони ислом, ки аксарашон аз хонаводаҳое буданд, ки дар гузашта аз зумраи олимони обиду ботақво ва намунае аз мусулмонони суннатии пайрави мазҳаби Эмоми Аъзам ба шумор мерафтанд. Вале фарзандони онҳо бо роҳҳои гуногун бозичаи дасти бозингарони сиёсии ҷаҳон гаштанд. Ба хусус дар қаларави Тоҷикистони имруза, сабаби аввалин ва асосии гароидани баъзе аз намояндагони ислом ба равишҳои муҳдасаи воқеъ дар хориҷи Ҷамоҳири Шуравӣ, ин аз норозигӣ ба услубҳои таълиму тадрисе, ки аз мадрасаҳои Бухорои Шариф ба мо ба мерос монда буд ва инчунин мухолифат ба урфу одатҳои суннатии беш аз ҳазорсолае, ки дар ҳудуди Хуросон ва Мовароуннаҳри пешин роиҷ буд, маншаъ мегирифт. Ин тоифа теша бар решаи худ заданро оғоз карданд. Масалан, онҳо бо шаклҳои махсуси садақот, ки ба арвоҳи гузаштагон равона буд, мухолифат карданд ва мақбара сохтан бар болои қубури шахсони шинохта ва инчунин зиёрати турбати бузургонро гуноҳи нобахшиданӣ ҳисобиданд. Аз ин миён зиёрати марқади Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳам истисно набуд. Тудае аз ноқисони комилнамо, бо саводи аъзами арвоҳи бузургони ин миллат дар набарде ворид шуданд, ки оқибати ҳалокатбори онро барои худу пайравонашон муҳаё сохтанд. Мирзо Абдулқодири Бедил чанд садсола пеш дар шаъни ин тоифа фармуда буд:

Имруз ноқисон ба камоле расидаанд,
К-аз худсарӣ ба ҳарфи салаф хат кашидаанд.
Инкори комилон ҳамаро нуқли маҷлис аст,
То кас гумон барад, ки ба маънӣ расидаанд.

Боиси таассуф аст, ки ин тоифа дар тамоми дунё ба суръат паҳн шуда истодаанд ва бо пешниҳоди саҳлангорӣ дар ислом (онҳо ба мардум талаққӣ мекунанд, ки ислом соддаву осон аст, аммо олимони ботингаро ва суфиён онро ба шумо мушкилу тоқатфарсо карда нишон медиҳанд) ба дили мардум роҳ ёфта истодаанд. Ғофил аз он, ки на дар умури дунявӣ ва на дар умури ухравӣ чизе ба осонӣ ба даст намеояд. Амири Кабир дар шаъни онҳо гуфта буд: "Инчунин намозкунанда (муъмини комил), ки шунидӣ, кай баробар бувад ба ғофиле, ки (аз рӯи) зулумоти ҳавоҷиси нафсонӣ ва кудуроти васвоси шайтонӣ сар ба замин ниҳад ва бармедорад ва аз сари расм қиёме ва рукуъе ва суҷуде орад ва фотиҳа ба ғафлат хонад".[2] Мутафаккир чунин одамоне, ки ба сурати ибодат ва он ҳам аксаран барои худнамоӣ, пойбанданду аз ҳақиқати ботинии анвои ибодот ғофил, ба гуруҳи беморони рӯҳиву қалбӣ нисбат медиҳад ва мегуяд: "Ҳамчунин нишони бемории дил он аст, ки ба воситаи шавоғили дунявӣ ва лаззоти нафсониву маълуфоти ҷисмонӣ аз лаззату ҳаловати зикр ва завқи асрори маърифат ва муҳаббати Ҳаққ маҳрум монад ва бо зикри Ҳаққ унс нагирад. Ва агар тоате кунаду номи Ҳаққ бар забон ронад, аз сари расму одат бошад ва аз анвори рӯҳу сафои муноҷоти Ҳазрати Самадият, ки аз бاводии карам ба ҷонҳои махсусони инояти азалӣ, ки муқаррабону содиқонанд мерасад, ҳеҷ баҳра наёбад".[3]

Мушкили дигар сари он аст, ки ифротгароёни исломӣ роҳи пешгирифтаи ботилаи худро роҳи асосӣ ва гоҳо роҳи ягонаи расидан ба саодати абадӣ медонанд, ҳол он ки аз даврони нузули Қуръон ва субути суннати санияи Пайғомбари охиру-з-замон (с) роҳҳои расидан ба Ҳаққ ва саодати абадӣ пешниҳод гардидаанд, ки шу-

[1] Ниг.: Ҳамон ҷо. - С. 43.

[2] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи қуддусия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 44.

[3] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи дарвешия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 110.

мори онҳо дар ҳаср наояд. Ҳазрати Амирҷон мефармоянд: "Ва инро муҳаққақ дон, ки роҳҳои халоиқ ба ҳазрати Иззат бисёр аст ва ҳар касе ба роҳе, мувофиқи ҳоли ӯ бувад, бадон Ҳазрат тақарруб тавонад кард".[1] Дигар он ки муътақидони макотиби ифротӣ, кори дунёро мушкил қаламдод кардаанд, ки гуё наҷот аз ҳаводиси он қариб номумкин аст, илло ба роҳҳое, ки онҳо пешниҳод мекунанд ва аз он ҷумла инфиҷори худ дар байни тудаи мардумон, ки ғолибан мусулмононанду ин тоифа онҳоро кофир медонанд, гуиё чашидани шаҳди шаҳодат ва зиндагонии ҷовидона ва ризқ хурдан дар ҷивори Ҳазрати Ҳақ бошад. Ин курдилони нохудогоҳ кори охиратро осон шумурдаанд, ки аз гумони ботилаи худ чараёне сохта, дар хидмати душманони ислому муслимин камар бастаанд. Алии Ҳамадонӣ дар муносибати кори дунёву охират мефамояд, ки: "Эй азиз, кори дунё аз он саҳлтар ва осонтару ҳақиртар аст, ки мардум гумон бурдаанд ва кори охират саъбтару душвортар ва мушкилтар аст, ки халқ тасаввур кардаанд".[2] Ҷои дигар мефармояд, ки: "Эй азиз, яқин донӣ, ки баъд аз ҳар муроде номуродӣ хоҳад буд ва ақиби ҳар фароҳӣ тангӣ ва дар паси ҳар роҳате меҳнате ва дар паи ҳар давлате зиллате ва дар паи ҳар неъмате ниқмате. Пас, агарчи неъмат бисёр бувад, исроф макун ваба қадри ҳоҷат кифоят кун ва дар вақти неъмат аз ҳоли меҳнатзадагон бияндеш ва дар вақти фароҳӣ мӯҳтоҷонро дастгирӣ кун, ки албатта муҷозот ва мукофот хоҳад буд".[3] Таҳаммулпазирую сабр дар офоту балийёти дунё паҳлуи дигари таълимоти Алии Ҳамадонист, ки мавриди қабули аҳли ифроту тафрит намегардад. Ӯ баён медорад, ки: "Эй азиз ҳарчи пеш ояд, шокир бош, ки шукр мӯҷиби зиёдатии роҳату неъмат аст ва агар шокир наметавонӣ буд, ҳарчи пеш ояд, розӣ бош, ки ризо аз Худо мӯҷиби фараҳу кушоиш аст".[4]Ва ин ақида аз партави ояи Қуръони Маҷид зуҳур кардааст, ки омадааст: "Ва он вақт ки Парвардигори шумо хабардор сохт, ки агар шукр кунед, шуморо бештар диҳам ва агар носипосӣ кунед, ҳар оина азоби Ман сахт аст".[5]Албатта дар замони муосир бисёриҳо метавонанд аз хислатҳои зикргардида сӯйистифода кунанд, вале ба ҳар сурат доштани ин сифот дар ботин, мӯҷиби пешгирӣ аз ифроту тафрит дар ҷомеъа хоҳад гашт.

Паҳлуи дигари масъала он аст, ки фирқаҳои навпайдои исломӣ худро ба "аҳли ҳадис" нисбат медиҳанд ва зоҳиргароиро ба тафрит мекашонанд. Дар воқеъ бояд пазируфт, ки аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр дар таърихи беш аз ҳазорсолаи худ равиши "аҳли фиқҳ" - ро доштанд, ки ба онҳо "аҳли райъ" мегуфтанду пояи асосии ин мактаб бар таълимоти мазҳаби Эмоми Аъзам бунёд шуда буд. Аҳли ҳадис ва аҳли райъ дар садаҳои аввали ислом бо ҳам робитаи дустию якдили доштанд, чунки онҳо танҳо дар масъалаҳои фиқҳие, ки ба фуруъот таалллуқ мегирифт ихтилофи зоҳирӣ доштанд, аммо дар масъалаҳои эътиқодӣ, ки ба усулиёт тааллуқ мегирад, иттифоқи назар доштанд. Чаҳор мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат бар як ақида буданд. Ва усулан сабаби асосии адами ихтилофу бадбинӣ, ҷангу маҳкумияти якдигар, ҳамақида будани пайравони ин чаҳор мазҳаб буд. Онҳо ягон нафари аҳли қибларо такфир намекарданд ва ҳатто бо кофирон роҳи мудороро пеш мегирифтанд ва умед доштанд, ки онҳо ба ислом, ақаллан пеш аз маргашон мушарраф мешаванд. Аммо ҳазорҳо таассуф, ки ифротгароёни муҳдаса ҳатто мусулмонони як мамлакатро ба як мартаба кофир эълон медоранду хунашонро воҷиб. Онҳо ба далелҳое, ки дар худи Қуръону Суннат ва мафҳумҳои оёту аҳодисе, ки ба таъвил эҳтиёҷ доранд ва тафсиру тавҷеҳашон метавонад гуногун бошад, бовар надоранд. Алалхусус ба тафсироту тавҷеҳоти аҳли тасаввуф дар масъалаҳои гуногуни динию дунявӣ мутлақо зиданд ва онҳоро золлу гумроҳу ҳатто кофир медонанд. Ҳол он ки бузургони аҳли тасаввуф ба монанди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ намояндагони макотиби тасаввуфанд. Масалан эшон мефармоянд: "Ва бидон, ки илмулякин ҳосил ояд ба истидлоли оёт ва айнулякин ҳосил ояд ба мукошифаи малакут ва сифот. Ва

[1] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи қуддусия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 46.
[2]Ҳамон ҷо. - С. 46.
[3]Ҳамон ҷо. - С. 48.
[4]Ҳамон ҷо. - С. 49.

[5]Қуръон. Иброҳим, 7.

ҳаққулъяқин ба зуҳури Зот".[1] Бунёдгарон ин кашфу зуҳурро афсонае беш намедонанд ва пайравонашонро аз ин гуна улум барҳазар медоранд.

Ихтилофоти бунёдӣ байни аҳли суннат ва ҷамоат ва бунёдгарони ифротӣ аз баҳсҳое атрофи Зот ва асмову сифоти Худованд манша мегирад. Ифротиён, ки аз камоли маънавӣ орӣ буданд, бо ҳавову ҳаваси бепоя бар ҷумҳури салафи солеҳ ба мухолифати ошкор бархостанд ва ақоиди ботилаи худро бо зоҳири оёту аҳодис оростанд. Алии Ҳамадонӣ дар мавриди ин тоифаи мутеъи нафси аммора чунин менигорад:

"Сифати бад дар ӯ басе бошад,
Нафси аммора нокасе бошад.

Ва ин нафс дар вуҷуди одамӣ маъдани сифоти замима аст ва рӯҳ манбаи ахлоқи ҳасана. Ва сифоти нафс бисёр аст ва яке убудияти ҳавост. Ва ҳамеша аҳли ҳаво бар мушаббаҳиёт ва лаззоти ҳиссӣ иқдом намоянд ва камари мутобиати ҳаво бар миён банданд ва ба ҷидди тамом ба хидмати душмани ҷонӣ машғул шаванд ва ҳаворо ба ҳаво парастанд. Ва ин сифот аз нафси аммора зоил нашавад, илло ба муҳаббати Илоҳӣ".[2] Ва роҳҳои расидан ба муҳаббати Илоҳиро Алии Ҳамадонӣ дар рисолаҳои худ баён доштаанд, ки зуҳду тақво намунае аз онҳост: "Ва зоҳид он ки аз манҳиёт иҷтиноб намояд ва ба воҷибот имтисол фармояд. Ростиро шиори худ созад ва хидмати Ҳақ созад. Карами хулқу оқибат ҷӯяд".[3] Вале бунёдгарони ифротӣ ахлоқи ҳамидаи инсониро пеши по зада, дар ҳайвоният аз бадтарин ҳайвон бадтар гаштаанд ва бо вуҷуди ин гумон мебаранд, ки хидмати Ҳақ мекунанд ва ризои Илоҳӣ ба даст меоваранд. Шоҳи Ҳамадон ахборе аз Расул (с) оварда менависад: "Амалҳое бувад, ки эшон тасаввур мекарданд, ки он тоат аст, чун рӯзи қиёмат назар кунанд, он чи эшон тоат мепиндоштанд дар киффаи маъсият бинанд".[4] Ва ин ҳадис дар шарҳи ояи Қуръон аст, ки: "Бигу! Оё шуморо ба онон ки зиёнкортарини мардумонанд аз руи амал, хабар диҳем? Ин ҷамоат ононанд, ки саъйи эшон дар зиндагонии дунё барбод шуд ва эшон гумон мекунанд, кидар амали худашон некукорӣ мекунанд".[5] Ва ин ояро Алӣ ибни Абутолиб (к) дар шаъни хавориҷ тафсир мекарданд, ки аввалин фирқаи гумроҳи сиёсӣ дар ислом буданд ва аксари бунёдгарони ифротӣ бар асли ақоиди ин фирқа асосгузорӣ шудаанд.

Мебояд ҷавонони даврони муосир ба панду насиҳатҳои аҳли илму ирфон гуш диҳанд ва дубора ба гузаштаи хеш назар афкананд, ки масалан чаро дар Хуросону Мовароуннаҳр бо гузашти беш аз ҳазор соли даврони исломӣ ҷангҳои ақидавӣ вуҷуд надоштанд? Чун ки онҳо бар ҳидоят буданд, оқилу олиму фозилу комилро ҳурмат ба ҷо меоварданд ва онҳоро пешвову раҳномои хеш қарор медоданд. Чунки онҳо медонистанд, ки ихтилоф дар ақида афроди як оиларо ба ҳам ҷанг меандозад, чӣ расад ба афроди қавму миллат. Онҳо умри хешро сарфи талаби илму маърифат, хидмати ватану миллат, тарбияи аз пайомадагони инсоният карданд ва осори безаволи онҳо далели ин гуфтаҳост. Алии Ҳамадонӣ дар ин маврид мефармоянд: "Эй азиз, дунё бозори тиҷорати толибони Ҳақ аст ва сармояи ин тиҷорат умр аст. Пас, қадри манзили дунё мухлисон донанд ва қимати ҷавҳари умр орифон шиносанд, ки ба нури яқин донистаанд, ки ҳар ки ин ҷо касби саодат накард он ҷо маҳрум аст ва толибе, ки ин ҷо хилъати камол напӯшид он ҷо маъдум аст. Ва ҳар ки ин ҷо дидаи дил ба кuҳли ирфон равшан накард, он ҷо кӯр аст".[6]

Дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷавонмардию футувват ҷойгоҳи хоссе дорад, ки агар бо вазъияти ҷавонони муосир қиёс карда шавад, мисле ки як мафҳуми ба онҳо бегона менамояд. Агар фаразан мардумони замони муосир аз аркони футувват дар зиндагии рӯзмарраашон истифода мекарданд, ҷамъият муътадил, пешрафта ва ояндадор мегардид. Алии Ҳамадонӣ дар хусуси аркони футувват аз забони Алӣ ибни Абуто-

[1] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Истилоҳоти суфия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 79.
[2] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи нафсия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 87.
[3] Ҳамон ҷо. - С. 88.
[4] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи дарвешия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 111.
[5] Қуръон. Ал-Каҳф, - С.103-104.
[6] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи дарвешия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 114.

либ мефармояд: "Фармуд, ки аркони футувват чаҳор чиз аст: авф кардан бо тавоноӣ ва бурдборӣ дар вақти хашм ва некандешӣ бо душманӣ ва ийсор кардан бо вуҷуди эҳтиёҷ".[1] Ва ҷои дигар аз забони он ҳазрат мефармоянд, ки: "Гуфт (к): Касе, ки мусибатҳои хурдро бузург тасаввур мекунад, Аллоҳ ӯро ба мусибатҳои азим мубтало менамояд".[2]

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки мутафаккироне ба мисли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳар давру замон метавонанд намунаи ибрат бошанд, чун ки осори пурмуҳтавои онҳо ҷавобгӯи талаботи тарбияи ахлоқӣ ва махзани илму маърифат барои толибони содиқ мебошад. Чун ки худи ин мутафаккирон илму маърифат ва тарбияи ҷисму рӯҳро на аз пеши худ, балки назди олимону орифони комили замони худ гирифтаанд. Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ дар "Хулосат – ул – маноқиб" аз забони Алии Ҳамадонӣ ривоят мекунад, ки: "Ҳамчунин фамудаанд, ки ҳазору чаҳорсад валиро (қ) дарёфтаам. Чаҳорсад тан аз ин авлиёро дар як маҷлис, дар сиғари (хурдии) син дарёфтаам".[3] Пас, бояд ин гуна ашхос мавриди иқтидои хосу ом бошанд ва ба осори онҳо бояд чанг зад, на бар осори олимнамоёни одамсурати шайтонсифат, ки девори ҳисори мавқеъашон ба мисли хонаи анкабут заиф ва оянданигарии ақоиди ботилаашон ба мисли хонаи гамбуск пур аз наҷосати касиф. Бар асли поку софу созгори хеш бояд руҷӯъ кард, то аз вартаи ҳалокати маънавӣ раҳо ёбем ва ба илму дониши ояндасоз бояд чанг зад, то ворисонамон аз вартаи найранги бозиҳои ҳалокатбори ҷаҳони имрӯзу оянда дар амон бимонанд.

### Адабиёт


1. Қуръон. Арабистони Саудӣ, 1995.
2. Султонзода М. Ҳикмати ирфонии Алии Ҳамадонӣ. Сарсухан бар ҷилди 2 – и "Осори мунтахаб" - и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Шоҳи Ҳамадон. Душанбе, 1995.
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Асрор-ун-нуқта ё тавҳиди ирфонӣ. Осори мунтахаб. Душанбе, 1995. Ҷ. 2.
4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи қуддусия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2.
5. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Истилоҳоти суфия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2.
6. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи футувватия. Осори мунтахаб. Ҷ. 2.
7. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ас-сабъийн дар фазилатҳои Амирулмӯъминин. Осори мунтахаб. Ҷ. 2.
8. Парвизи Азкоӣ. Мураввиҷи ислом. Ҳамадон, 1991.


[1] Ҳамон ҷо. - С. 111.

[2] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ас-сабъийн дар фазилатҳои Амирулмӯъминин. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - С. 192.

[3] Парвизи Азкоӣ. Мураввиҷи ислом. Ҳамадон, 1991. - С. 21.


М.С. Шамсов


### Антирадикалистские взгляды в творчестве Мир Саида Алии Хамадони


В данной статье анализируются отдельные аспекты мистического учения Мир Саида Алии Хамадони, котрые позволять по-новому увидеть и осмылить многие духовные противоречий переживаемой современным исламским миром. Автор на примере взглядов Мир Саида Алии Хамадони указывает на те стороны учения представителей философской школы суфизма, где учет приоритета человеческих ценностей, необходимости достичь жизненных благ на основе неустанной деятельности, воздержание от осуждения людей в неверии и так далее ставится перед людми.



**Ключевые слова:** суфизм, футувват, радикализм, совершенный человек, добродетельный город, исламский фундаментализм, счастье



M.S. Shamsov


### Antiradicalism views in the works of Mir Sayid Ali Hamadoni


In this article analyzes particular aspects of the mystical teachings of the Mir Sayid Ali Hamadani, which allows you to see anew and to understand many spiritual contradictions experienced by modern Islamic world. The author for example: Mir Sayid Ali Hamadoni indicates those parties teachings of represent-

atives of the philosophical school of Sufism, where the priority of human values, the need to achieve quality of life benefits on the basis of tireless activity, refraining from judging people in unbelief and so on is put in front of people.

Keywords: Sufism, futuwat, radicalism, the perfect man, the virtuous city, Islamic fundamentalism, happiness.

# МАСЪАЛАИ ҲАСТИИ МУТЛАҚ АЗ ДИДГОҲИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ ВА АЛИИ ҲАМАДОНӢ

М. Маҳмадова [1]

Аз таҳлилу баррасии масъалаи ҳастии мутлақ дар таълимоти Ҳофиз ва Алии Ҳамадонӣ ба ин натиҷа расидаем, ки онҳо масъалаи Худованд ва офаринишро аз дидгоҳи ирфонӣ шарҳ додаанд. Яъне, масъалаиа сосии фалсафаро аз назари идеализми объективӣ ҳал намуда, мувофиқи ақидаи онҳо Худованд муқаддам ва абадӣ буда, ҳамаи мавҷудоти ҷаҳон ҳастии зуҳур ва ҷилваи Ҳастии мутлак аст.

**Вожаҳои калидӣ:** ҳастӣ, ирода ва тасаввур, монада– воҳид, тақсимнопазир, касрат, ваҳдат, тавҳид, воҳид, ҳама ӯст, пантеизм, офариниш, ваҳдати вуҷуд, ваҳдати шуҳуд.

Мафҳуми ҳастӣ ҳам мақулаи онтология, ҳам гнесология мебошад. Дар таърихи фалсафа дар бораи субстансияи аввалин, ё таҳкурсии олам, суханони зиёде гуфтаанд: "Адад"-и Пифагор, "Эйдос"-и Афлотун, "Энтелехия"-и Арасту, "Атом"-и Демокрит, "Монада"-и Лейбнитс, "Ашёи дар худ"-и Иммануил Кант, "Руҳи мутлақ"-и Гегел, "Ирода ва тасаввур "-и Шопенгауэр ва ғайра аз кӯшишҳои пайдо намудани ҷавҳари ҳастӣ буданд. Файласуфон аз замонҳои қадим дар ҷустуҷӯи нахустасоси ҳастӣ буданд, ки ҷаҳон аз ӯ падид омадааст. *Масалан,* Зардушт аввалин бор идеяи офарандаи ягонаро ба ҷаҳониён пешниҳод намуд, ки ҳамаи олами вуҷуд мазҳари он аст. Мутобиқи таълимоти Зардушт, ин офарандаи ягона нахуст андешагаре буд, ки бо нури худ афлокро дурахшон сохт ва бо неруи хиради хеш қонуни ростӣ биёфарид.[2] Яъне, Аҳурамаздо зоте аст, ки сарчашмаи куллияи ашё ва офарандаи ҳама чиз аст, зоте ки назм ва қонуни табиат, ки дар саросари гетӣ, ҷори ва ҳукумфармост, аз ӯст.[3]

Фалес файласуфи Юнони қадим обро ибтидои ҳамаи чизҳои мавҷуда ҳисобидааст. Аз нуқтаи назари Фалес "обмабдаъ" аз оби муқаррарӣ фарқ дорад; чунин об илоҳӣ буда, рӯҳ дорад. Ҳамчунин дар ҳамин марҳила мафҳумҳои бештар абстрактӣ барои ифодаи асоси ҷавҳарии бо идроки ҳиссӣ алоқаманд набуда пайдо шуданд. Чунончи, дар фалсафаи Анаксимандр мафҳуми "апейрон" (аз юнонӣ, - *беинтиҳо, беохир*) мавриди истифода қарор дода шуд. Бо ин мафҳум материяи муҳаррик, беинтиҳо, номаълум, ғайрисифатӣ ифода карда мешуд. Намояндаи дигари мактаби милетӣ Анаксимен ҳаворо нахустасоси олам ҳисобидааст, "чунки ҳама чиз аз он пайдо мешавад ва ба он таҷзия мегардад". Гераклит оташро нахустасоси олам медонад, ки кулли чизҳо танҳо "ивазкунандаи баробарарзиши оташ – аз он бо роҳи тунукшавӣ ва ғафсшавӣ пайдо мешаванд". Олам тимсоли "оташи абадзинда, мунтазам шӯълаваршаванда ва мунтазам хомӯшшаванда" мебошад.

Баъзе файласуфон асоси оламро на танҳо аз як ҳаводиси табиӣ, балки аз якчанд ҳаводисот иборат медонистанд. Хок, об, ҳаво ва оташ дар таълимоти натурфалсафии Эмпедокл мақоми "унсур"-ро гирифтаанд. Ин унсурҳоро Эмпедокл "решаи кулли чизҳо" маънидод кардааст. Чуноне Арасту дар "Метафизика" қайд намудааст, дар фаҳмиши Эмпедокл ин унсурҳо "бақои абадӣ доранд ва пайдо намешаванд, бо миқдори зиёд ё кам дар ягона муттаҳид мешаванд ё аз ягона ҷудо мешаванд".

Умуман фалсафа ҳамчун самти ҷаҳонбинӣ дар фалсафаи асрҳои миёна бо тағйироти ҷиддӣ ру ба ру омад. Вазъияти дониш, асосан дониши ратсионалӣ, дар асрҳои миёна мақоми сазовор пайдо накард. Ин омил сабаби болоравии шуури

---

[1] Ходими калони илмии Шӯъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ н.и.ф.

[2] Готҳо ё сурудҳои осмонии Зардушт. Душанбе: «Маздаясно», 2000. – С. 18.

[3] Муҳандиси Абуфазлӣ. Ҷустор дар бунёдҳои фалсафии ойниҳои беҳӣ // Маҷаллаи Ҳофиз. Шумораи 16. Теҳрон,1384. №26.

динӣ шуда, бисёре аз масъалаҳои фалсафӣ аз он ҷумла ҳастишиносӣ дар доираи фаҳмиши динӣ ҳаллу фасл гардиданд. Бисёр кашфиётҳои табиатшиносии он замон дар зери фишори ақоиди динӣ монда, барои ба шакл даромадани дониши фалсафӣ монеаи бузурге пайдо шуд. Хулоса, ҷамъият ҳамеша дар тарозуи фаҳмиши динӣ баркашида шуда, арзишгузорӣ мешуд. Чунин ҳолат маънои онро дошт, ки дониши фалсафӣ ҳамчун хизматгузор ба дониши динӣ ҳисобида мешуд. Масоили ҳастишиносӣ низ дар чунин раванд дар шакли дониши ҳастишиносӣ ташаккул наёфтанд. Ҳолати мазкур дар ташаккули ояндаи ҳастишиносӣ бетаъсир намонд. Ин вазъияти ба амаломадро таърихшинсон бештар ба таърихи фалсафаи Аврупо нисбат медиҳанд. Вале, дар фалсафаи асримиёнагии Шарқ низ чунин вазъият то андозае ҷой дошт. Дар фалсафаи форсизабон ва фалсафаи мамолики ислом масъалаи шинохти Ҳастии мутлақ асосан дар мавриди баҳси масоили маърифатӣ ва ҳастии метафизикӣ матраҳ шудааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз симоҳҳои намоёни тасаввуф аст, ки масъалаи ҳастиро аз нуқтаи назари таълимоти ваҳдати вуҷуд ҳал кардааст. Дар "Асрор-ун-нуқта ё тавҳиди ирфонӣ" тавҳиди ирфонӣ, касрату ваҳдат ва ҷараёни таҷҷалиро мавриди баррасӣ қарор додаст. "… пас вуҷуд фи зотиҳӣ ҳақиқати аҳадияест, ки аслан такассуре дар зоти ӯ роҳ наёбад, вале аз ҷиҳати нисбат ва сараён ва шумули осори ҳақиқати вуҷуд дар муҳдисоти мутакассира ва тааййюноти муҷаддада бо ҳақоиқи онҳо дар зуҳур меояд ва мабдаи зуҳури авсофу нуути онҳо шуда ва ба сабаби таҷаллиёти худ касрат пайдо мекунад ва бо зуҳуроти оёти худ ба ҳасби моҳияти имкония мутаадид мегардад, на ба ҳасби ваҳдати худ ва бо ин ки ӯ дорои ин итлоқу куллияти ҳақиқӣ ва танзеҳи қудси аст дар зоти ӯ тааддуд ва такассуре роҳ наёбад ва тағйире дар сифоти ӯ пайдо нашавад.Таололаҳ ан золика улувван кабиран".[1] *Яъне, Алии Ҳамадон□ аз пайравони мазҳаби тавҳиди вуҷуд аст,* ки мувофиқи ин олам аз як вуҷуд иборат аст ва он ҳам Худост:

Чун яке бошад ҳама набвад дуӣ,
На ману бархезад он ҷо на тӯӣ.[2]

Ин назарияро дар доираи тасаввуф Муҳиддини Арабӣ аз ҷиҳати назарӣ ва фалсафӣ таҳқиқу такмил намуда буд. Ба назари ӯ " Низоми олами билкулл холиқ ё билкул махлукқ аст, зеро низоми олами махлуқ, аз як ҷиҳат ва холиқ аз ҷиҳати дигар аст, вале моҳият як аст".[3] Алии Ҳамадонӣ, ки муътақид ва муфассири Ибни Арабӣ буд, низ доир ба масъалаи ҳастӣ дар чунин ақида аст: "Назди аҳли кашфу шуҳуд вууди мутлақ яке беш нест ва он вуҷудест, ки вуҷуди ҷамеи мавҷудот бадон ҳазрат мунтаҳо мешавад ва он мунтаҳои ҳама аст".[4]

Алии Ҳамадонӣ *ва Ҳофиз* дар бораи ҳақиқати олам ва кайҳон бисёр жарф андешидаанд ва аз афкор ва навиштаҳои пешиниёни худ баҳра гирифтаанд ва натиҷаи ин андешаҳоро дар бархе аз ашъори худ овардаанд. Ин ашъор, чуноне ки муҳаққиқи эронӣ Ҷалоли Субҳонӣ таъкид менамояд, "чакидаи андешаи Хоҷа бо таваҷҷӯҳ ба омӯзиши ӯ аз андешаи пешиниён аст, намунае аз фарҳанги Эронзамин аст, ки то бо арзиш ба дасти мо расидааст ва аз ин дидгоҳ бисёр арзишманд мебошад".[5]

Ҳофиз низ ба мисли урафои дигар меҳисобад, ки ҳама чиз аз таҷаллии воҳид, ки ҳамон зоти мутлақ аст, зуҳур кардааст ва аз лиҳози моҳият ва ҷавҳар воҳиданд:

Миёни ошиқу маъшуқ ҳеҷ ҳоил нест
Ту худ ҳиҷоби худӣ, Ҳофиз , аз миён бархез (156).

Яъне, ҳама шаклҳо як умумиятеро соҳибанд ва ин умумиятро ҳастии шаклҳо гӯянд, вале на ҳастии як шакли ҷудогона, балки ҳастии холис ва бешакл. Ин субстансияе аст, ки дар ҳама шакли ашёи

---

[1] Ҳамадонӣ Мир Сайид Ал□.Асрор-ун-нуқта ё тавҳиди ирфонӣ. Таҳияи Азизуллоҳи Майдончӣ. Теҳрон, 1991. - С.12.

[2] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. ҷ.1.Душанбе.1994.(159с.) - С.60.

[3] Ибни Арабӣ.Теми Мудрости. Перевод А.С.Смирнова. Степаняц М.Т. Философские аспекты суфизма.М. Наука, 1987. С.98-99.

[4] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. ҷ.2.Душанбе.1995.(238с) . – С.10.

[5] Ҷалоли Субҳони. Садои дил. Теҳрон 1377. - С. 167-68

олам ҷойгир аст. Аз нуқтаи назари орифон дар ҳар касе заррае аз Худо ҳаст ва ҳама аз он асл бархостаанд ва ҳама ашё аз лиҳози моҳият ва ҷавҳар воҳиданд. Ҳофиз:

Солҳо дил талаби ҷоми ҷам аз мо мекард,
Он чи худ дошт зи бегона таманно мекард.
Бедиле дар ҳама аҳвол Худо бо ӯ буд,
Ӯ намедидашу аз дур "Худоё" мекард (84).

***Алии Ҳамадонӣ мефармояд:***

Дӯст ба ман наздиктар аз ман ба ман аст,
В-ин аҷибтар, ки ман аз вай дуррам.
Чи кунам бо кӣ тавон гуфт, ки ӯ,
Дар канори ману ман маҳҷурам.[1]

Ҳофиз ва Алии Ҳамадонӣ дар масъалаи ҳастишиносӣ Худоро ҳамчун ҳастии аввал, ҳастии воқеӣ мешиносад. Ҳофиз ақидаи орифонро оиди ҳастӣ такмил дода ба ин натиҷа мерасад, ки ибтидо танҳо маъшуқ, яъне Худо вуҷуд дошт:

Пеш аз ин, к-ин сақфи сабзу тоқи мино баркашанд,
Манзари чашми маро абрӯи ҷонон тоқ буд (122).

Аз назари Алии Ҳамадонӣ ва Ҳофиз ҳамаи мавҷудоти ҷаҳон ҳастии зуҳур ва таҷалии Ҳастии мутлақ аст. Чунончӣ Алии Ҳамадонӣ мегуяд:

Таҷҷаллӣ намуд дар таҷаллии вуҷудаш, бахри диданам,
Ва дар ҳар чизи дидашаванда дидам онро бахри диданам.
Ва чист он он алон(ки ) ҷудо шуд ба зоҳирҳо,
Пиндоштаанд ғайри онро, лек дар он таҷаллӣ намуд.[2]

"…ба ҳар ҷо рӯ кунад, ҳамон ҷо рӯи Худост ва таҷаллии илоҳӣ ҳаст"

Аз дидгоҳи Ҳофиз дар оғози офариниши ҷаҳон партав аз ҳусн ва зебоии мутлақи Худованд таҷаллӣ намуд. Ва ин ҷилвае буд, ки аз он ишқ судур гардид ва саросари ҷаҳонро дар оташи сӯзони худ махлут сохт, ҷаҳон бо як дурахши партави зебоии ӯ аз адам ба ҳастӣ омад, ки ишқ иллати аввалӣ ва ғоии офариниш хонда шуд:

Дар азал партави ҳуснат зи таҷалло дам зад,
Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад.

Алии Ҳамадонӣ низ дар ин маънӣ мефармояд:
Зи шӯри ҷилваи ҳуснат ғубори ғайр шуд зоҳир,
Гар аз ғайрат кунӣ ғамзе, ғубор аз раҳ биандозӣ.[3]

Яъне, сабаби аз ҳолати имкон ба воқеият табдил ёфтани олами ҳастӣ ҳамин ишқи Худованд ба худи ӯ буд. Ба ибораи дигар Худованд ошиқи зоту сифоти худ буд, ки аз зот ба сифат омад. Яъне, тааққули Худованд дар зоти худ иллати офариниш шуд. Ба қавли Фурузонфар, "касоне, ки дорои мазоҳиби таҷаллӣ ҳастанд, тасаввур мекунанд, ки Худо дар марҳилаи зот бар худ таҷаллӣ кард ва сифоти худро дид ва дар худ ошиқ шуд".[4]

Ҳофиз дар масъалаи офариниш азалгарост, ба ақидаи ӯ пеш аз замону макон адам вуҷуд дошта аз ин адам ҷаҳон бо таҷҷалӣ пайдо шудааст:

Ин ҳама акси маю нақши нигорин, ки намуд,
Як фурӯғи рухи соқист, ки дар ҷом афтод.(67)

Аз дидгоҳи Ҳофиз ҳастии мутлақ яке аст, ки дар шаклҳои гуногун таҷаллӣ мекунад, яъне ҳастии ҳақиқӣ яке аст, агарчи дар шаклҳои мухталиф ба сурати касрат даромадааст:

Хез, то бар килки он наққош ҷонафшон кунем,
К-ин ҳама нақши аҷаб дар гардиши паргор дошт (48).

---

[1] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. ч.1. – С.21.
[2] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. ч.2. – С.27.
[3] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. ч.1. - С.68.
[4] Абдуллоҳи Дастғайб. Ҳофизшинохт. Теҳрон, 1386. - С.224.

Гарчанде, ки ҳастии мутлақ дар шаклҳои гуногун таҷаллӣ мекунад, бояд гуфт, ки сабаби мавҷудияти олам асрорест, ки ҳастии мутлақ бе ягон тағйироти худӣ, қувваи дар касрат инъикос намудани ваҳдати худро дорост. Ҳофиз мегӯяд:

Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем,

Эй бе хабар зи лаззати шурби мудоми мо (10).

. Аз назари урафо Офаридагор мутлақ аст, ҳеҷ касрате дар ӯ нест, на касрати тулӣ, на аразӣ. Ғайр аз ҳақ ҳар чӣ ҳаст вуҷуд нест, намуд аст ва зуҳур аст, ҳарчи, ки ғайр аз Ҳақ ҳаст вучуд нест, воқеан ҳастӣ нест.Чун ҳастӣ яке беш нест, аз ин рӯ ҳулул ва иттиҳод аз назари Ҳофиз пеш наояд.

Аз назари Алии Ҳамадонӣ низ байни худову олам ваҳдат ҷавҳарӣ вуҷуд дорад, зеро ба ақидаи мутафаккир ғайри ҳастии Худо дигар чиз вуҷуд надорад. Ин олами моддӣ сояи ӯст.Ин назарияи Ибни Арабӣ арабаст, ки мегӯяд: "Вуҷуд ҳақиқӣ аст, ки воҳид ва азалӣ, ин вучуди воҳиди азалӣ, албатта Худост. Бад ин гуна олам худ вуҷуди мустақили ҳақиқӣ надорад, ваҳм ва хайёли сирф аст ва вуҷуди ҳақиқӣ як чиз беш нест.[1]

Ҳофиз монанди Афлотун ва Ибни Арабӣ ба соя будани ҷаҳони махсус дар муқобили ҷаҳони маъқул ишора мекунад ва ин ҷаҳонро маҷозӣ медонад:

Дар ин мақоми маҷозӣ ба ҷуз пиёла магир,

Дар ин сарочаи бозича ғайри ишқ мабоз.

Аз дидгоҳи Алии Ҳамадони низ *ғайри ҳастии Худо дигар чиз вуҷуд надорад.* тамоми олами реалӣ –ҷомеаи мавҷудот, аз набототу ҷамодот ва ҳайвонот вуҷуди ҳақиқи надоранд, сояи ӯст. Азбаски ҳама чиз мутобиқи ҷараёни судур аз ӯ зоҳир мешавад. Пас ҳама аз ӯст ва ин ҳукм бар он қазоват мекунад, ки дар ин сурат низ ҳама ӯст, зеро агар ӯ ғайри (Худо) ҳастие дигар вуӯуд надошта бошад ва ҳастии имкон аз ӯ содир шавад, пас хоҳ нохоҳ ҳамаи мавҷудот танҳо ӯст.[2]

Ҳофиз, низ дар ҳарчи менигаранд Ҳастии мутлақро мебинанд:

Надиму мутрибу соқӣ ҳама ӯст,

Хаёли обу гил дар раҳ баҳона (250).

Ибораи Алии Ҳамадонӣ ва Ҳофиз "Ҳама ӯст"-ро дуруст фаҳмидан лозим аст, яъне онҳо танҳо айнияти ҷавҳарии худову ашёи оламро дар назар дорад.

Ба қавли файласуфӣ Олмонӣ Гегел ягон пантеизм бевосита Худо будани чизҳоро эътироф намекунад. " Ин қабил тасаввурот доир ба пантеизм, - менависад ӯ, - танҳо дар майнаи девонаҳо пайдо шуданаш мумкин аст ва мо онро на дар ягон дин, ҳатто дар ирокезҳову эскимосҳо ва на ягон таълимоти фалсафӣ ёфта наметавонем".[3]

Қудрати тафаккур ва андеша, ки нотавон аст, бисёр инсонҳо ҳастии мутлақро берун аз худи ҷаҳони материалӣ мушоҳида мекунад. Худоро наметавон аз ҷаҳон ҷудо кард ва наметавон ӯро ба ҷаҳон яке шинохт. Номи Худо дар касрат зуҳур мекунад, вале мазмуни ин касрат ба ваҳдат мепайвандад. Офариниш як шакли дигаргуншавӣ дар назар фиребандаест, ки ба моҳияти Худо ҳеҷ дахл надорад.

Ҳофиз аз он ваҳдати вуҷудиҳои ғарқ дар сукр назири Боязид, Ҳаллоҷ, Ибни Фориз ва Ибни Арабӣ нест. Андешаҳои тавҳидии ӯ сареҳтар ва афзунтар аз баъзе мазмунпардозиҳои андакшумори ваҳдати вуҷуди ӯст. Гарчанде дар талимоти Ҳофиз унсурҳои ваҳдати вуҷуд дида мешавад, асоси талимоти ӯро ваҳдати шуҳуд ташкил медиҳад. Ваҳдати шуҳуд тамоми мавҷудотро натиҷаи таҷаллии Худованд медонад, ё дигар хел ифода кунем "ҳама аз ӯст", яъне шуҳуд шаҳодат медиҳад, ягоагии биниш аст. Яке аз дараҷаҳои маърифати тасаввуф, ки мувофиқи он сӯфӣ ҳангоми ба "олами илоҳӣ" назора кардан мефаҳмад, ки ҳодисаҳо аз таҷҷалӣ, яъне тобиши нури Худо ба вучуд омадаанд ваҳдати шуҳуд аст. Ваҳдати шуҳуд ҳамон вақт ба сӯфӣ муяссар мешавад, ки вай "пардаҳоро" (яъне машғулиятҳои дунёвие, ки сӯфиро аз ҷустуҷӯи Худо боз медоранд) бартараф кунад. Фақат дар ҳамин ҳолат вай метавонад ба ҳар чиз бо чашми "ҳақикати мутлақ" (яъне Худо) нигарад. "Ва шуҳуд

[1] Киёвуши Моили. Ҳикояти аҳли назар. Теҳрон, 1379. – С.103.

[2] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. ч.2.- С.13.

[3] Гегел Г. Эстетика.- М., 1969. -Т.2. - С.75.

он бошад, ки он чӣ бинад, ба Худо бинад на ба хештан". [1]

Дар ишқ хонақоҳу харобот фарқ нест,

Ҳар ҷо, ки ҳаст, партави рӯи ҳабиб аст. (41)

*Алии Ҳамадонӣ ва Ҳофиз мисли дигар орифон* Ҳастии Мутлақро ҳастии бунёдӣ ва нахустасос ҳисобида чунин шарҳ додаанд, ки ҳама ҷо аз ӯ, яъне, аз ҳастии Мутлақ саршору лабрез аст, ҳама чиз аз ӯст ва ҳама чиз дар ӯст ва ӯ берун аз ҳамаи ашёст, ҳеҷ кас ӯро наофаридааст, тағйирнопазир, абадию азалӣ ва ҷовид аст.

Яъне, Худованд "Ҳастии Беолош ва Пок ҳамчун сабаби умумии олам дар шаклҳои гуногун зоҳиршаванда, вале худ дар худ, Шакли Бешаклист. Вай ба қисмҳо чудонашаванда, вале дар қисм пайваст, вай беохир, вале дар хама шаклҳои ба анҷомрасанда махлут аст. Субстансияе, ки дар ҳама гуна шакли ашёи олам ҷойгир аст, бояд ҷавҳарӣ воқеӣ, дигаргуннашаванда, абадӣ ва ҳамеша пойдор бошад. Ҳама шаклҳо як умумиятеро соҳибанд ва ин умумиятро Ҳастии шаклҳо гӯянд, вале на ҳастии як шакли чудогона, балки ҳастии Холис ва Бешакл. Ин гуна ҳастӣ дар ҳолати дарки ҳама гуна объект новобаста аз табиат ва сифати онҳо пайдост. Аз ин ру ҳастиро бояд Субтанция ё Ҷавҳар номид, ки воқеияту сабабияти моддиро ташкил дода "аз он тарафи" шакли объектҳо бетағир вуҷуд дорад".[2]

Бо ибораи дигар, Ҳақиқати воқеӣ падидаест, ки ҳастии он аз кассе ва чизе вобаста нест. Ва новобаста аз олами моддӣ ва тасаввури инсон вуҷуд дорад, Ҳақиқати воқеӣ якто буда дараҷа ва офаридгори дигаре надорад, чунки ӯ ҷовидона, пойдор, тағйирнопазир ва бениёз аст

## Адабиёт


1. Абдуллоҳи Дастғайб. Ҳофизшинохт. Теҳрон 1386.
2. Азиз бинни Насафи. Инсони Комил. Теҳрон. 1362.
3. Гегель . Эстетика.- М. 1969.-Т.2.
4. Готҳо ё сурудҳои осмонии Зардушт. Душанбе: "Маздаясно", 2000.
5. Ибни Арабӣ. Геммы мудрости / Перевод А.С.Смирнова. Степаняц М.Т. Философские аспекты суфизма. М.: Наука, 1987.
6. Киёвуши Моили. Ҳикояти аҳли назар. Теҳрон 1379 саҳ. 103.
7. Ҷалоли Субҳони. Садои дил. Теҳрон 1377 саҳ. 167-68
8. Махдии Фаривар. Рози дахр. Чустучу дар фалсафаи Хофиз. Техрон, 1378.
9. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. Душанбе,1994. ҷ.1.159с
10. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. Душанбе.1995. ҷ.2.238с.
11. Муҳандиси Абуфазлӣ "Ҷустор дар бунёдҳои фалсафии ойниҳои беҳӣ. // Маҷаллаи Ҳофиз. Шумораи 16. Техрон, 1384. 26.
12. Мухаммадали М., Махмадова Т. Муаммои ҳастии олами моддӣ дар оинаи тавҳид ва санавият //Ахбори АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон: силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ. Душанбе, 2004. № 1-2.
13. Мухтасари шарҳи таарруф. Теҳрон, 1349.
14. Ҳамадонӣ Мир Сайид Алӣ. Асрорун-нукта ё тавҳиди ирфонӣ / Таҳияи Азизуллоҳи Майдончӣ. Теҳрон, 1991.


[1] Мухтасари шарҳи тааруф. Теҳрон, 1349. - С.391.

[2] Мухамадали М. Точинисо Махмадова. Муаммои ҳастии олами моддӣ дар оинаи тавҳид ва санавият . Ахбори А. И. Ҷ. Т. силсилаи фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ Душанбе, 2004 № 1-2 саҳ 11.


М. Махмадова


## Абсолютное бытие с точки зрения Хафиза и Мир Саида Али Хамадани


В результате анализа проблемы абсолютного бытия в творчестве Мир Сайида Али Хамадани и Хафиза мы пришли такому выводу, что вопрос о Создателя и творений рассмотрен ими с мистической точки зрения. То есть они к решению вопроса о бытии подошли с позиции объективного идеализма, считая Творца предвечным, а все бытие – манифестаций Абсолютного бытия (Бога).



Ключевые слова; Идея (эйдос), вещи в себе, гносеология, бытие, воля, представление, монады, множественность, единство, единобожие, все – это Он, пантеизм, творение, единство бытия, единство созерцания.



M. Makhmadova

**Absolute being from the point of view Hafiz and Mir Sayid Ali Hamadoni**

The analysis of the problem of absolute being in the works of Mir Sayid Ali Hamadani and Hafiz we came to the conclusion that the question of the Creator and creations reviewed them from a mystical point of view. That is, they solve the issue of being approached from a position of objective idealism, believing the Creator is eternal and all being – manifestations of the Absolute being (God).

**Keywords;** the Idea (Eidos), thing-in-itself, epistemology, existence, will, view, monad, multiplicity and unity, monotheism, all is He, pantheism, creation, unity of being, unity of contemplation.

# МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ВА НАҚШИ Ӯ ДАР ТАРИҚАИ ИРФОНИИ КУБРАВИЯ

Н.М. Зокиров[1]

Айбест баланд баркашидан худро,
В-аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.
Аз мардумаки дида бояд омӯхт,
Дидан ҳама касро ва надидан худро.
(Алии Ҳамадонӣ)

Осиёи Марказӣ ё тавре, ки онро чун Мовароуннаҳр ном мебурданд, минтақаест, ки дар он шахсиятҳои бузурги илмиву фарҳангӣ ба вуҷуд омада, ва мактабҳои зиёди фалсафӣ, фиқҳӣ ва тасаввуфиву каломӣ дар давраҳои гуногун рушд намудаанд. Махсусан дар давомии қарнҳои XI-XV тариқаҳои тасаввуфии ясавия, кубравия ва нақшбандия ба вуҷуд омада рушд намудаанд. Баъзе аз ин фирқаҳо дар ҳудуди минтақа густариш ёфта ва баъзеи дигари он бошад марзҳои Мовароуннаҳрро убур намуда ба тамоми ҷаҳони ислом мунташир гардидаанд.

Силсилаҳои тасаввуфии номбурда дар баробари вуҷудияти худ ба ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи ҳукмрони давр саҳми назаррас доштанд ва то ҷое дар густариши дини ислом ба дигар минтақаҳо муассир будаанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо номҳои "Амири Кабир", "Алии Сонӣ", "Шоҳи Хамадон", "Ҳазрати Амирҷон" ва ғайра машҳур аст, ки яке аз орифони тариқаи ирфонии кубравия аст. Ҳанӯз аз синни 12 солагӣ ӯ ба тасаввуф майл намуда, аз орифони машҳури замони худ – Шарафуддини Маҳмуди Маздақонӣ ва Шайх Алии Дустӣ таълими ирфонӣ гирифтааст. Дар давоми ҳаёти ҳуд Алии Хамадонӣ, ҳамчун як суфии сафаркунанда ва барои дарки ҳақиқат ба минтақаҳои маъруфи он замон - Ҳиҷоз, Сурия, Ироқ, Мовароуннаҳр, Кашмир сафар намудааст. Асарҳои машҳури ӯ "Захират-ул-мулук", "Машориб-ул-азвоқ", "Минҳоҷ-ул-орифин" ва ғайра мебошад.

Бояд қайд намуд, ки рушди кубравия дар Осиёи Миёна метавон гуфт то асри XVI буд. Ҳарчанд ки мақбараи муассиси ин мактаби ирфонӣ - Шайх Наҷмуддини Кубро (1145—1221), дар Хоразм (Урганч) воқеъ аст. Чуноне Девин Давис дар мақолаи таҳқиқотии худ "Уфули (заволи) кубравия дар Осиёи Марказӣ" қайд менамояд: "Кубравиён дар замони худ аз ҳузури муқтадирона дар Осиёи Марказӣ суд мебурданд ва дар воқеъ пешгоми бисёре аз фаъолиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буданд, ки баъдҳо низ ба таври бисёр густурдае тавассути нақшбандиён тавсиа дода шуд".[2]

Густариши мактаби тасаввуфии кубравия асосан баъд аз вафоти Шайх Наҷмуддини Кубро бо кӯшиши шогирдонаш сурат гирифт, ки ин дар арафаи ҳуҷуми муғулон ба Хоразм буд. Мардуми Хоразм ба монанди аҳолии дигар минтақаҳо муҳоҷир гардиданд, ки дар миёни муҳоҷирон шогирдони беҳтарини Наҷмуддини Кубро, чун Ҷамолуддини Гелӣ, Саъдуддини Ҳамавӣ, Наҷмуддини Розӣ ва даҳҳо дигарон ба сели муҳоҷират пайвастанд.[3]

Яке аз шогирдон ва муридони маъруфи Наҷмуддини Кубро ки ба ҳокимони давр муросо намуд ва дар Бухоро ҷараёни кубравияро тавсиа дод - Саёфуддини Бохарзӣ (ваф. 1261) буд. Ӯро хонҳои муғул эҳтироми хосса мекарданд. Ин фирқаи тасаввуфӣ чуноне қайд гардид, соҳиби қудрати иқтисодӣ ва маънавӣ буданд. Асосан намояндагони асосии мактаби ирфонии кубравия иборат аз чанд нафари асосианд, ки онҳо дар рушди мактаби ирфонӣ шахсиятҳои калидӣ будаанд, ки инҳоянд:

Кубро - Лоло – Ҷурфонӣ – Исфароинӣ – Самнонӣ – Маздақонӣ – Ҳамадонӣ –

[1] Ходими калони илмии Шӯъбаи омӯзиши масъалаҳои фалсафии дини ИФСҲ-и АИ ҶТ, номзади илмҳои фалсафа.email:nusrat68@mail.ru, tel: 988886580.

[2] Девин Давис. Уфули кубравия дар Осиёи Марказӣ. Фаслнома.// Таърихи ислом// 1386.№32. Тарҷимаи Мижгони Пурфард.

[3] Девин Давис. Уфули кубравия дар Осиёи Марказӣ. Фаслнома// Таърихи ислом// 1386.№32. Тарҷимаи Мижгони Пурфард.

Хатлонӣ.[1] Бояд қайд намуд, ки баъд аз вафоти Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, силсилаи кубравия дар минтақаи Мовароуннахр дигар рушд нанамуда сукут намуд, ки ин ба пайдоиши омилҳои гуногун вобастагии зич дошт.

Меҳвари асосии тариқаи кубравия дар асоси даҳ принсип мечархад, ки тамоми фирқаҳое, ки аз ин тариқа баромадаанд дар асоси он амал менамоянд. Ин даҳ принсип инҳоянд:

1.Тавба. 2. Зуҳд. 3. Таваккул. 4. Қаноат. 5. Узлат. 6. Мулозамат. 7.Таваҷҷуҳ. 8. Сабр. 9.Муроқаба. 10. Ризо.[2]

Ба ғайр аз ин дар таълимоти кубравия рангҳо ҳамчун рамзҳои махсус қабул гардида буд, ки ҳар ранг як рамзи махсусро мефаҳмонд, ки солик як дараҷаи маърифатро тай намудааст. Масалан, ранги сафед ин аломати ислом, ранги сабз ва итминони қалб ва ғайра.[3]

Муҳаққиқон сабабҳои ривоҷ накардани кубравияро баъд аз қарни XVI дар ин минтақа ба таври гуногун арзёбӣ менамоянд, ки он ба дигар гардидани вазъи сиёсии минтақа, ки аз ихтилофҳои мудҳиши байни шиаву суннӣ иборат буд ва инчунин ба фаъол гардидани равияи тасаввуфии нақшбандия вобаста медонанд. Ҳамзамон бояд тазаккур дод, ки ин давра, давраи хеле ҳассос аз лиҳози сиёсӣ ба шумор мерафт. Чунки ташкили ду давлат (хонадони сиёсӣ) темуриён ва шайбониён ба вазъи фарҳангӣ ва маънавии ҷомеаҳо таъсиргузор буд. Пайравони мактаби ирфонии кубравия натавонистанд муносибати худро бо намояндагони ин хонадонҳо, яъне чехраҳои сиёсии онҳо созгор созанд ва ҷои худро ба нақшбандиён доданд. Ба ғайр аз ин принсипҳои асосии нақшбандия, ки мардумонро аз гӯшанишиниву хилватнишинӣ ба ҳаёти воқеъи даъват намуд ва шиори "дил ба Ёру даст ба кор"-ро ба миён гузошт, ин зарбаи маънавие буд ба кубравия. Кубравия бошад дар таълимоти худ иҷтиноб ва дурӣ ҷустан аз ҳаёти дунёро талаққӣ менамуд.

Чӣ тавре маълум аст, баъд аз истилои муғул мавҷи бузурги муҳоҷират аз Осиёи Миёна ба дигар минтақаҳо аз он ҷумла ба Анатолия, Байнаннаҳрайн ва ғайра сурат гирифт. Махсусан кӯч бастани теъдоди зиёди шогирдони Шайх Наҷмуддини Кубро ба ин минтақаҳо ва бархӯрди онҳо бо пайравони Муҳйиддин Ибн Арабӣ (1165-1240), ки яке аз шахсиятҳои равияи "ваҳдати вуҷуд" аст дар рушди фикри исломӣ, ба вижа тасаввуфи исломӣ саҳми бузурге дошт. Ин руйдодро муҳаққиқи фаронсавӣ Анри Корбен (1903-1978) чунин баён менамояд:

"Бояд қайд кард, ки Ренесанси ("Эҳё") - и Аврупо, ки дар он таъсири ақидаҳои олимони византиягӣ бештар буд ва онон аз Константинопол баъд аз забти туркҳо кӯч баста буданд Ин раванд дар охири қарни XV шурӯъ гардид. Ҷаҳони ислом чунин равандро ҳанӯз 250 сол қабл аз сар гузаронда буд. Барои ҳамин ҳам наметавон фалсафаи исломиро мисли фалсафаи ғарбӣ ба марҳалаҳо тақсим намуд. Дар ин ҷода метавон муносибатҳои (алоқаҳои) байниҳамдигарии муассисони мактабҳои гуногуни фалсафаи исломиро қайд намуд, ки дастоварҳои он дар давраҳои мухталиф зарар дидаанд"[4].

Дар ҳақиқат мактабҳои гуногуни фалсафии исломӣ хоҳ ирфонӣ ва хоҳ каломӣ ба ҳамдигар хеле омехтаанд ва таъсири мутақобила доранд. Дар осори як мутафаккир ақидаҳои ҳамсони мутафаккири дигарро метавон пайдо намуд. Чуноне Мирзо Абдулқодири Бедил дар маснавии "Муҳити аъзам" - и худ чунин меорад:

Зи ҷоми Мавлавӣ гар ҷуръаат бахшанд дарёбӣ,
К-аз ин майхона бӯи таблаи Аттор меояд.[5]

Ақидаҳои ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ баъд аз ӯ зери унвони "ҳамадония" маъруф гардид, ки дар асоси силсилаи ирфонии кубравия бунёд ёфтааст. Муҳаққиқи тоҷик устоди зиндаёд Муҳаммадхоҷаев А. дар бораи ин тариқа аз китоби Миёфакируллоҳи Ҷаллолободӣ

---

[1] Ҳамон ҷо.
[2]Кубравия. Ислам. Энциклопедический словарь. М. Наука. 1991.- С.140.
[3]Кубравия. Ислам. Энциклопедический словарь. М. Наука. 1991.- С.140.
[4] Корбен А. История исламской философии / Пе-ревод А. Кузнецова. https: books.google.ru.- С.286.
[5]Иқтибос аз: Олимов К. Ақидаҳои фаосафию ирфонии Мирзо Бедил. Маҷмӯаи макрлаҳо// Баррасиҳо аз таърихи фаосафаи тоҷику форс// Душанбе. 2002. - С.16.

"Тариқ-ул-иршод" (чопи Кобул. 1329. С.353) чунин меорад:

"Тариқаи ҳамадония мансуб ба ҳазрати Қутби Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад. Аъмоли ин тариқаи улия "тааллуқ аст ба ахлоқи расулу-л-лоҳ(с). Дар зӯҳду муҷоҳида ва риёзату порсоӣ ба пайғамбар пайравӣ намуда, мекӯшиданд, ки ба ахлоқи ҳамида ороста гарданд. Зикри онҳо ҳам мисли дигар тариқаҳо баъд аз нафию исбот, ҳува аст. Хусусияти фарқкунандаи тарзи иҷрои зикр ба ҳар ду ангушти шаҳодат ва кашидани ҳува аз ноф ва ҳабси нафс ва мулоҳизаи ҳар исми мубораки Ҳақ таоло. Аз гуфтаҳои машоихи ин тариқа бармеояд, ки нукоти асосии авроди шарифро Ҳазрати Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҷаҳор ҳазор авлиёи кибор истифода намуда ҷамъ намудаанд".[1]

Бино ба маълумоти яке аз шогирдони Мирсайид Алии Ҳамадонӣ Ҷаъфари Бадахшӣ аз муридони асосии ӯ – Шамсуддини Хатлонӣ, Муҳаммад Толиқонӣ ва Қивомуддини Бадахшӣ будаанд. Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ ва Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ аз шогирдони машҳури Алии Ҳамадонӣ ба шумор меравад. Вале яке аз муридони асосии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ва давомдиҳандаи фаъолияти мактаби кубравия - Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ мебошад, ки мутаассифона аз ҷониби Шоҳрух, яке аз амирони темурӣ дар соли 1423 ба қатл расонда шуд. Ӯ қабл аз ин Сайид Муҳаммади Нурбахшро (ваф. 1464) ҷонишини худ таъин карда буд. Ҳамин тариқ, фирқаи кубравия баъд аз марги Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ ба ду ҷараён - нурбахшӣ ва заҳабӣ, пайравони Абдуллоҳи Барзишободӣ (ваф. 1468) ҷудо щуд.

Хидмати бузурги Алии Ҳамадонӣ дар силсилаи кубравия аз он иборат буд, ки ӯ ин тариқаро ба Кашмир мунтақил дод. Инчунин бояд қайд намуд, ки Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки ҳамасри Ҳофизи Шерозӣ буд ва бо ӯ ҳамсӯҳбат гардида буд ва барои дарки ашъори ирфонии Ҳофиз рисолаи хурде иншо намудааст. Рисолаи мазкур "Муродоти девони Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ" ном дошта, дар он 80 истилоҳи ирфонӣ, ки дар луғат як маънӣ ва дар забони ориф маънии хос доранд шарҳу тавзеҳ дода шудааст, ки ин гувоҳӣ аз бузургии истеъдоди Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ба шумор меравад.

Муҳаққиқи америкоӣ Герҳард Боверинг дар бораи шахсият ва пайравӣ аз мазҳаби динии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ чунин меорад:

"Шахсият ва андешаи Ҳамадонӣ бо як оҳанге аз тазод мушаххас мешавад, ки бар таҷрибаи динӣ ва нигариши ирфониаш соя афканда аст. Ҳарчанд ӯ худашро аз ахлофи содот (хонадони Пайғамбар - Н.З.) дар назар гирифта ва дар маҷмӯаи аҳодиси арабӣ ба Алӣ (а) ҷойгоҳи вижае дода аст ва баъдҳо тавассути муридонаш ба Алии Сонӣ мулаққаб шуд ва бо ин вуҷуд тибқи маъмул ба мазҳаби аҳли суннат эътиқод дошт ва мутаволиян ба яке аз ду мазҳаби аҳли суннат мутааллиқ буд. Ӯ бо мазҳаби ҳанафӣ шурӯъ кард, аммо баъд аз дидани руъёе, ки дар он Имом Шофеъӣ ва Ҳазрати Муҳаммад (с) мулоқот кард ва ба мактаби шофеъӣ тағйири мазҳаб дод"[2].

Инчунин ин муҳаққиқ дар хусуси ба кадом равияи ирфонӣ шомил будани Ҳамадониро чунин меорад:

"Ҳамадонӣ, усули асосии ин тариқаи ирфонӣ (даҳ қоида)-ро пазируфт ва аз суннати тасаввуфи Хуросон пайравӣ кард ва рисолаи "Манозил-ус-соликин"-ро ба пайравӣ аз "Манозил-ус-соирин"-и Ансорӣ навишт. Ҳамадонӣ дар фалсафаи ирфонӣ худ аз Ибн Арабӣ (ваф.1240) таъсир пазируфт. Ӯ "Фусус-ул-ҳикам"-ро ба унвони "Ҳалли фусус" ба форсӣ хулоса кард".[3]

Дар афкори фалсафӣ-ирфонии Ҳамадонӣ таъсири Ибн Арабӣ мушоҳида мешавад. Дар осори ӯ "Худованд, Воҷиб-ул-вуҷуд дар азалияташ Воҳид, Беҳамто ва Зоти Мутаъолия. Ӯ Қодири мутлақ, Холиқ

ва Ҳайю Қайюм аст. Ҷаҳон аз Арши илоҳӣ то сайёраи замин ба воситаи ҷалол ва ҷабаруташ боқӣ аст... Инсон олами сағир, инъикоси ҳастии олами кабир, муташаккил аз ҷавоҳири латифи нуронӣ ва ҷавоҳири касифи зулмонӣ аст. Инсон аз

---

[1]Муҳаммадхоҷаев А. Силсилаҳои тасаввуф. Маҷмӯаи мақолаҳо// Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс// Душанбе. 2002. - С.211.

[2]Герҳард Боверинг. Машоҳир ва фирехтагон. /Риҷоли мазҳабӣ/ Алӣ ибни Шиҳобуддин ибни Муҳаммади Ҳамадонӣ. Тарҷима ва таҳқиқи Ҷамшед Ҷалолии Шайҷонӣ. www.arianica.com/encyclopedia/58

[3] Ҳамон ҷо.

неъмати санҷиши дарунӣ органҳои худогоҳе (нафс, қалб, сирр, рӯҳ) бархурдор аст, ки ба маркази даруни суқ пайдо мекунад, ҷое, ки мазоҳири ҳузури илоҳӣ аз тариқи таҷрибаи ҷазба, мутаҷаллӣ мешавад”.[1]

Чуноне дар яке аз рисолаҳои ирфонии худ, ки “Чиҳил асрор” ном дорад “ ваҳдати вуҷуд”-ро чунин баён мекунад:

“Қиблаи дил офтоби рӯи Ӯст,
Каъбаи ҷон хоки роҳи кӯи Ӯст.
Чун зи зулфаш гашт олам мушкбӯй,
Дӯстии ину он бар бӯи Ӯст.
Куфру дину нуру зулмат дар ҷаҳон,
Аз рухи моҳу шаби гесӯи Ӯст”.[2]

Аз назари Ҳамадонӣ таҷрибаи ирфонии инсон аз ду омили беруна вобастагӣ дорад. Якум, инсон бояд ислом дошта бошад, аркони динро эътироф намояд. Дуюм, имон, тасдиқ, иқрор ва аъмоле, ки барои маъодшиносӣ бино шуда бошад.[3]

Ҳамин тариқ, мактабҳои тасаввуфӣ тавонистанд, ки дар лаҳзаҳои бисёр вазнин ҳамроҳи мардум бошанд, инсонҳоро ба якдиливу ваҳдат ва сабр аз вазниниҳо даъват намоянд. Махсусан вақте, ки ба кишварҳои минтақа аҷнабиён ҳуҷум намуданд, осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ барин мутафаккирон мардумонро рӯҳу равони тоза мебахшиданд. Маҳз дар чунин шароит асарҳои гаронбаҳо таълиф мешуданд:

"Вақте, ки ба кишварҳои Эрон ва Осиёи Миёна сели ҳалокатбори истилогарони муғул омад, шоирони суфимаоб дар ин лаҳзаи вазнин хомӯш нанишастанд. Онон бо мардум буданд ва барои онҳо эҷод менамуданд. Чунки метавон хонадонҳои сиёсиро сарнагун намуд, вале наметавон оммаи мардумро нобуд сохт. Шоири суфӣ медонист барои кӣ асар эҷод кунад. Таваҷҷуҳи мардум акнун ба ӯ нигаронда шуда буд, чунки аз ноороми҃ҳо, қатлу хунрезиҳои истилогарон ба дод омада, хаста шуда буд ва мехост сухане оромкунанда бишнавад. Шоири суфӣ мардумро ба муҳаббат ба наздикон, муттаҳидӣ дар баробари нобасомониҳои давр, ҳамдигарфаҳмӣ даъват намуда, барои ҳифзи мақсади ягона роҳнамоӣ менамуд"[4].

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Чиҳил асрор. Исломобод.1993. - С.26.
[3] Герҳард Боверинг. Машоҳир ва фирехтагон. /Риҷоли мазҳабӣ/ Алӣ ибни Шиҳобуддин ибни Муҳаммади Ҳамадонӣ. Тарҷима ва таҳқиқи Ҷамшед Ҷалолии Шайҷонӣ. www.arianica.com/encyclopedia/58

### Адабиёт


1.Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература. Избранные труды. М., 1965.

2.Герҳард Боверинг. Машоҳир ва фирехтагон. /Риҷоли мазҳабӣ/ Алӣ ибни Шиҳобуддин ибни Муҳаммади Ҳамадонӣ. Тарҷима ва таҳқиқи Ҷамшед Ҷалолии Шайҷонӣ. www.arianica.com/encyclopedia/58

3. Девин Давис. Уфули кубравия дар Осиёи Марказӣ. Фаслнома / Тарҷимаи Мижгони Пурфард.// Таърихи ислом// 1386. №32.

4. Корбен А. История исламской философии / Перевод А. Кузнецова. https: books.google.ru.

5. Кубравия. Ислам. Энциклопедический словарь. М.: Наука, 1991.

6. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Чиҳил асрор. Исломобод, 1993.

7. Муҳаммадхоҷаев А. Силсилаҳои тасаввуф. Маҷмӯаи мақрлаҳо// Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс. Душанбе. 2002.

8. Олимов К. Ақидаҳои фалсафию ирфонии Мирзо Бедил // Маҷмӯаи мақолаҳо// Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс. Душанбе, 2002.


**Н.М. Закиров**

## Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ва нақши ӯ дар тариқаи ирфонии кубравия

Дар давомии қарнҳои XI-XV тариқаҳои тасаввуфии ясавия, кубравия ва нақшбандия дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омада рушд намудаанд. Мирсайид Алии Хамадонӣ яке аз орифони тариқаи ирфонии кубравия буд. Ақидаҳои ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ баъд аз ӯ зери унвони "ҳамадония" маъруф гардид, ки дар асоси силсилаи ирфонии кубравия бунёд ёфтааст.

[4] Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература. Избранные труды. М. 1965.- С.53.

**Вожаҳои калидӣ:** Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, тасаввуф, ясавия, кубравия, накшбандийа, хамадония, ваҳдати вуҷуд, зуҳд.

**Ключевые слова:** Мир Сайид Али Хамадани, суфизм, ясавийа, кубравийа, накшбендийа, хамадонийа, пантеизм, аскетизм.

Н.М. Закиров

## Мир Сайид Али Хамадани и его роль в суфийском братстве кубравийа

Суфийские братства ясавийа, кубравийа и накшбендийа возникались и развивались в период XI-XV ввв Средней Азии. Мирсайид Али Хамадани также являлся представителем суффийское братство кубравийа. Его мистические идеи, которые базировались на основе учение кубравия, позже стали известны под названием “хамаданийа”.

**N.M. Zakirov**

## Mir Said Ali Hamadoni and his role in the Sufi brotherhoods kubraviya

Sufi brotherhoods yasaviya, kubraviya and naqshbandiya emerged and developed during the XI-XV in Central Asia. Mirsayid Ali Hamadani also represents Sufi brotherhoods kubraviya. His mystical ideas, which were based on the doctrine kubraviya later, became known as "hamadaniya."

**Keywords:** Sufism, yasaviya, kubraviya, hamadoniya, pantheism, asceticism

# НИҲОДИ МУҲТАСИБ ДАР "ЗАХИРАТУЛМУЛУК"-И МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

И.Б. Буриев[1]

Соли ҷорӣ 700 солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷашн гирифта мешавад. Мутафаккир осори гаронбаҳое дар мавзӯҳои фалсафию ахлоқӣ, панду ҳикмат, масоили риёзию ҷуғрофӣё боқӣ гузоштааст. Аз ҷумлаи масоили таҳқиқотии Ҳамадонӣ масоили ниҳоди мӯҳтасиб ва эҳтисоб мебошад, ки дар рисолааш "Захиратулмулук" акс ёфтааст.

**Вожаҳои калидӣ:** эҳтисоб, мӯҳтасиб, дараҷаҳои эҳтисоб, мункар, шароити эҳтисоб, намудҳои мункарот.

Дар адабиёти илмӣ ва осори пурғановати мутафаккирони бузурги тоҷик масоили мубрами таърихи муосирашон ҷиҳати осон намудани маърифат, фаҳму дарки онҳо, истифода бурдани таҷрибаи гузаштагон ва дарки илмии масоили гуногуни фалсафию сиёсӣ, ҳуқуқию ахлоқӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанд. Масоили фалсафию ахлоқӣ, панду ҳикмат, масоили риёзию мусиқӣ, кимиё, ҷуғрофӣё аз масоили мавриди таҳлилу баррасигардида мебошанд. Вале оид ба масоили давлату баъзе соҳаҳои ҳуқуқ, мақомот ва ниҳодҳои гуногуни давлатдорӣ дар адабиёти илмии мутафаккирони гузаштаи тоҷик таҳлилҳои илмӣ хеле зиёд ба назар расида, сабаби асосии он - уламо ба сиёсати давлатӣ ва давлатдорӣ таъсири бузург дошта, баъзан мисли Рудакиву Низомулмулк мушовиру вазир бошанд ҳам, кушиш кардаанд, ки бештар аз ин, дониши худро тарғибу паҳн нанамоянд. Аз ҷониби дигар ҷаҳонбинии динӣ, афкори динӣ, ки зиндагии ин дунёро муваққатӣ меҳисобад ва беҳтар кардани онро амали дуюмдараҷа мешуморад. Аз ин ҳама сабаби рушд наёфтани донишҳои сиёсию давлатдорӣ гашта бошанд, аз ҷониби дигар, даст кашидани пешвои мазҳаби ҳанафӣ – Нуъмон ибни Собит аз вазифаҳои давлатӣ ҳамоҳангон ва пайравони зиёдеро дар дунёи ислом пайдо намуда.

Хушбахтона, дар доираи уламои бузурги Осиёи Марказӣ нақши ҷараёни «Нақшбандия» ва таълимоти он "даст ба кору дил ба ёр" таъсирҳо дошта, қисмати азими мутаффаккирони тоҷик аз ин гуфтаҳои пири ирфонии худ баҳраҳо бардоштаанд.

Яке аз абармардони ҷаҳони фалсафӣ ва ирфонии асрҳои миёна Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошанд, ки на танҳо оид ба ҳар як масоили фалсафию ирфонӣ, динӣ, ахлоқии доғи руз, балки оид ба ниҳодҳои давлатдорӣ ва адолати судӣ низ таҳқиқот бурда, хазинаи илму маърифати моро ғанӣ гардонида аст. Махсусан дар китоби "Захиралмулук", боби панҷум "Дар аҳкоми салтанат, вилоят ва аморат ва ҳуқуқи раоё ва шароити ҳукумат ва хатари уҳдаи он ба вуҷуби адл ва эҳсон"[2] бахшида дар он оид ба асос ва шароити эҳтисоб, вазифаи муҳтасиб, афкори ҷолиберо баён мекунад.

Дар ин боби китобаш мутафаккир оид ба ниҳоди муҳимтарини давлатдории давраи исломии тоҷикон ва дигар мардуми машриқзамин, ки дар сарзамини мусалмонон зиндагӣ ба сар мебурданд – ниҳоди муҳтасиб сӯҳбат мекунад. Китоби мазкур яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини таҳқиқи ин ниҳод ба шумор меравад, ки то имруз аз назари муҳаққиқони таърихи ҳуқуқ берун мондааст.

Фаъолияти ниҳоди мазкур тибқи таҳқиқоти муҳаққиқон ҳанӯз дар сарчашмаи асосии Ислом – китоби Қуръон акс ёфтааст ва он "Амр ба маъруф, наҳй аз мункар" ном гирифтааст. "Инналлоҳа яъмуру билъадли валиҳсонив ва иитои зил қурбо ва янҳо анилфаҳшои вал мункари вал бағйи"[3]. Инъикоси вазифаи мазкур дар сарчашмаи асосӣ далели муҳим будани ин ниҳод дар ҷомеаи мусалмонон аст.

Дар ҳадис омадааст, ки "Ҳар ҳокиме, ки бар раияти худ раҳм накунад, Худой,

---

[1] Мудири шӯъбаи ИФСҲ Аи Ҷумхурии Тоҷикистон, д.и.ҳ.

[2] Ҳамадонӣ М.С.А. Захиратулмулук / Таҳиягарон Асоев Ҳ., Турдиев К. Душанбе: Ирфон, 2008. - С.110-185.

[3] Қуръон. Сураи Наҳл, ояти 90.

азза ва ҷалла, биҳиштро бар вай ҳаром гардонад", "ҳар касе ҳоким гардад бар коре аз корҳои мусалмонон, пас, дари хонаи худро бар рӯи заифон ва мӯҳтоҷон бибандад. Ҳақ, ҷалла ва ъало, дари раҳмати худро бар рӯи ӯ бибандад дар рӯзи эҳтиёҷ ва дармондагии ӯ"[1], ки муҳим будани шафқату раҳм ва эҳсонро дар ҷомеа таъкид дорад.

Таърихи таъсиси ниҳоди мӯҳтасиб низ аҷиб буда, дар адабиёти таърихию илмӣ онро ба ашхоси гуногун ва марҳилаҳои гуногуни замони Хилофат нисбат додаанд. Ғайр аз ин муҳаққиқони ин ниҳоди ҷолиби диққати давлатию динӣ онро падидаи зарурӣ барои ҳар як давлатдорӣ номидаанд ва ба он баҳои баланд додаанд.[2]

Агар ба сари мақсад баргардем, дар тафовут аз асарҳои пештар номбаргардида, асари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз он ҷиҳат муҳим ба назар мерасад, ки куллӣ масоили эҳтисоб, шаклҳо ва дараҷаҳои онро ошкор намуда, нисбат ба дигар асарҳо масъаларо мӯъҷаз бошад ҳам ҳаматарафа дар бар мегирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки манъ намудани мусалмон аз корҳои ношоиста, содир кардани гуноҳ ба зиммаи ҳар як мусалмон ва махсусан рафиқу дустони ӯст.[3]

Ин ҷо бояд истилоҳҳои истифода шавандаро шарҳ диҳем. Эҳтисоб ба қавли баъзе муаллифон аз калимаи "ҳисоб" мебошад. Вале дар мазмуни ҳуқуқӣ "ҳисба" – мақомоти ба эҳтисоб машғулро меноманд ва сарвари ҳисбаро муҳтасиб меноманд. Муаллифи "Захиратулмулук" амри маъруф ва наҳйи мункарро воҷиб (ҳатмӣ) медонад ва дар таърифи истилоҳи мӯҳтасиб мефармоянд: "ҳар шахс, ки худро дар миёни халқ ба иқомати ин амри шариф мансуб ва машҳур гардонид, ӯро *мӯҳтасиб* хонанд"[4]. Эҳтисоб ба қавли Алии Ҳамадонӣ "он амале, ки аз ӯ (мӯҳтасиб – И.Б.) содир мешавад"[5], яъне фаъолияти мӯҳтасиб *эҳтисоб* номида мешавад.

[1] Ҳамадони.М.С.А. Захиратулмулук. - С.111.
[2] Кук М. Шестой столб ислама. Запрещение осуждаемого // Пер. с английского. СПб.: Изд-во «ДИЛЯ», 2008. С.9-10 (1352 с.)
[3] Ҳамадонӣ М.С.А. Захиратулмулук / Таҳиягарон Асоев Ҳ., Турдиев К. Душанбе: Ирфон, 2008. - С.100.
[4] Ҳамон асар. - С.170.
[5] Ҳамон асар. - С.170.

Шахси маъмурро, ки мустаҳаққи эҳтисоб аст, мӯҳтасабун алайҳи меноманд.

Амалеро ки шахс бо содир намудани он мустаҳаққи эҳтисоб гаштааст, мӯҳтасабун фиҳӣ меноманд. Пас, хулоса намудааст, Алии Ҳамадонӣ амри маъруф ва наҳйи мункарро чор асл бошад: аввал, мӯҳтасиб; дуввум, эҳтисоб; севум, мӯҳтасабун алайҳи; чаҳорум, мӯҳтасабун фиҳӣ. Танҳо, бо мавҷудияти кулли ин аслҳо амр ба маъруф ва наҳйи мункар, яъне фаъолияти мӯҳтасиб қабул аст.

Ҳамадонӣ шарти мавҷудият ва қабули ҳар яке аз ин аслҳои ниҳоди таҳқиқшавандаро баён намудааст. Аз таҳлили таҳқиқоти муаллифи асар маълум мегардад, ки оид ба масъала огоҳии комил дошта ва шароити фаъолияти эҳтисобро пурра баён доштааст.

Муҳтасиб, ба қавли Ҳамадонӣ, бояд мусалмон, мукаллаф ва соҳиби қудрат бошад. Ба ақидаи мутафаккир вазифаи мӯҳтасибро шахси ба балоғатрасида, пайрави дини ислом, соҳибақл ишғол карда метавонад. Ғайримусалмон ҳуқуқи эҳтисоб карданро надорад. Инчунин, ба кӯдак татбиқи амали шаръӣ воҷиб нест. Кӯдак, девона, оҷиз қудрати баҳо додану эҳтисоб карданро надоранд ва агар кӯдак амалеро анҷом диҳад, ки ба амалҳои наҳйшаванда дохил шавад ҳам, манъ намудани ӯ маънои эҳтисобро надорад.

Тибқи таълимоти баъзе муҳаққиқон мӯҳтасиб, яъне ашхосе, ки ба амри маъруф ва наҳйи мункар машғуланд, ин амалро бояд бо иҷозаи сарвари давлат, яъне ҳоким, нисбат ба дигарон анҷом диҳанд. Дар ин ҳолат худи ҳоким аз эҳтисоб истисно мегардад ва эҳтисоб аз ҳоким вобаста мегардад. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон, одил, соҳибтақво будани мӯҳтасибро шарти муҳим мешуморанд. Ҳамадонӣ ҳар ду андешаи муҳаққиқони масъалаи мӯҳтасибро инкор мекунад ва ба андешаи мутафаккир, эҳтисоб махсус зидди мункарон, зулм, золимон нигаронида шудааст ва "агар ҳоким ва подшоҳ розӣ бошанд, дар савоби он шарик бошанд ва агар ҳоким кореҳи (бадбинӣ) он бувад, кароҳияти ӯ аз ҷумлаи мункарот аст ва инкор бар ҳоким воҷиб аст". Пас, хулоса мекунад, мутафаккир, "чун дар мубошарати мункарот инкор бар нафси ҳоким воҷиб аст, иҷозати (изни) ӯ чи гуна

шарт бувад"[1]. Аз ин сабаб иҷозаи ҳоким барои эҳтисоб лозим нест. Дар радифи гуфтаҳои худ ҳикоятеро аз зиндагонии шайх Абулҳасани Нурӣ, ки дар замони халифа Мӯътаззу биллоҳ мезист ва ҳар мункареро медид, доимо ба ислоҳи он мекушид, овардааст. Шайх Нурӣ рузе ба канори Даҷла рафт ва завраќеро бидид, ки дар он сӣ хуми мӯҳркарда ва дар ҳар яке навишта "латиф". Оид ба онҳо аз маллоҳ пурсид, Маллоҳ ҷавоб дод, ки "чӣ кор дорӣ". Дуюмбора пурсид ва ҷавоб шунид, ки дар хумҳо хамр (шароб) аст барои халифа. Шайх чуби гаронеро аз завраќ гирифт ва хумҳоро як-як бишикаст. Шаҳна Юнус бинни Афлаҳ даррасид ва ӯро назди Халифа Мӯътаззу биллоҳ бурд. Муътаззу биллоҳ бонг зад, ки ту кисти, кӣ ин густохӣ мекунӣ? Шахс ҷавоб дод ман мӯҳтасибам. Гуфт: Ба амри кӣ эҳтисоб мекунӣ? Гуфт: Ба амри Худой, азза ва ҷалла ва Расул. Гуфт: Кӣ туро муҳтасиб гардонид? Гуфт: Он кӣ туро подшоҳӣ дод, маро мӯҳтасибӣ дод. Мӯътаззу биллоҳ соате сар пеш кард ва баъд сар баровард гуфт: Туро чӣ чиз бар ин дошт. Гуфт: Шафқат (раҳм) дар ҳаққи ту кардам ва туро аз гирифтории қиёмат халос кардам ва мункаре, ки дар изолати он тақсир раво доштӣ, онро аз ту манъ кардам. Мӯътаззу биллоҳ гуфт: Туро иҷозат додам. Баъд аз ин ҳар мункаре, ки бинӣ, тағйир кун ва ҳеҷ кас туро аз он манъ накунад. Шайх фармуд, ки мо ин маънӣ ба амри Ҳақ мекардем, чун фармони ту шуд, баъд аз ин яке аз уммоли ту хоҳам буд, ки ба фармони ту халқро меранҷонанд, ин натавонам кард.[2] Хулоса аз ҳикояти овардашуда, уламои динӣ эҳтисобро қарзи динии худ медонистанд ва аз барои Худо ин амалҳоро анҷом медоданд ва намегузоштанд он наҳй, ки ба мункар шудааст, онро мардум амалӣ созанд. Дар фаҳмиши аҳли уламо ва Шайх Нурӣ, эҳтисоб вазифаи ҳар як мусалмон ва донишманд аст, ба иҷозаи ҳоким ва фармони вай вобаста нест.

Масъалаи дигар, ки адолат шарти эҳтисоб ҳаст ва ё на, ба андешаи Ҳамадонӣ барои манъи маъсият ва гуноҳ, шарт нест, ки шахс одил бошад. Фосиқ низ метавонад, ки фосиқи дигарро аз фисқ манъ созад. Масалан, шахсе, ки либоси абрешимин дорад (ки он ба ҷумлаи мункарот дохил аст), метавонад, шахсеро аз шаробнушӣ ва ё зино манъ кунад. Шаробнӯш (шориб) қотилро аз қатъи нафс манъ намояд. Ба ҳар як шориб воҷиб аст[3], ки ходимону аҳли оилаи худро аз шароб манъ намояд. Албатта, мутафаккир, ҳолати руҳии мардумро хуб медонад, масъалаи он ки мардум ба фосиқ бовар надоранд ва агар фосиқ амр ба маъруф кунад, мардум қабул намекунанд ва болои ин нисбат ба амри маъруф ва наҳйи мункар мутанаффир мешаванд, дар ин амр вай адолатро зарур мешуморад. Яъне, аз таҳлили афкори Ҳамадонӣ бармеояд, ки ба ҳар як фард воҷиб аст, ки наҳйи мункар намояд, вале амр ба маъруф хоси ашхоси одил мебошад.

Дуюм, ба қавли Ҳамадонӣ, эҳтисоб, яъне амали мӯҳтасиб бар зидди мӯстаҳабун илайҳи ба панҷ навъ сурат мегирад. Якум, таъриф; дуввум, ваъз ба талаттуф ва сухани дилпазир; севвум, ҳолати дуруштӣ, унф ва таҳқиромез (масалан: гуяд: Эй ҷоҳили аҳмақ, эй бешарм); чаҳорум, ҳолати манъ аз мункарот бар сабили мубошарати феъл, чун шикастани зарфи хамр, кашидани ҷомаҳои абрешимин аз тани мардон, рабудани ашёи ғасбшуда (мағсуб) ва боз гардонидан ба соҳиби он; панҷум, ҳолати муованат ва нусрат мӯҳтоҷ аст ва ин маънӣ ба ғавғо ва фитна хоҳад кашид, бе иҷозаи ҳоким ва подшоҳ нашояд, зеро ки амри ҳоким дар инфози (амалӣ гаштани) амсоли ин умур садди фитна ва таскини ғалаёни таассуботи омма аст.[4]

Эҳтисоб ба андешаи мутафаккир ба се навъ мебошад: Навъи аввал: эҳтисоби амсол ба амсол, яъне эҳтисоби ашхоси аз ҷиҳати мартаба баробар, авом ба авом, хавос ба хавос. Навъи дуюми эҳтисоб, эҳтисоби авло ба адно, яъне роҳбар ба зертобеъ, мисли подшоҳ ба раият, волидон бар фарзандон, шавҳар ба зан, сайид ба банда. Дар ин навъи эҳтисоб кулли ҳолати эҳтисобро истифода бурдан ва мункарро рафъ намудан муяссар аст, ба андешаи Ҳамадонӣ.

Навъи сеюми эҳтисоб эҳтисоби адно бар аъло (эҳтисоби тобеъон бар ҳокимон) - чун эҳтисоби раоё бар султон, шогирд ба

---

[1]Ҳамадони М.С.А. Захиратулмулук. - С.172.
[2] Ҳамадони М.С.А. Захиратулмулук. - С.173.

[3] Яъне, қарзи динии ҳар як нафар аст, ки шахсеро аз содир намудани гуноҳ ва маъсият манъ намояд.
[4] Ҳамадонӣ. М.С.А. Захиратулмулук. - С.174.

устод, фарзанд бар падар, зан ба шавҳар, банда ба сайид (ғулом ба ғуломдор). Дар ин навъи эҳтисоб дар мартабаи сеюм ва панҷум ки аз таҳқир кардан ва задан аст, соқит аст ва дар мартабаи аввал ва дуюм воҷиб ва дар мартабаи чорум ихтилоф аст, чи фарзанди солеҳро бар падари фосиқ дар мартабаи аввал ва дуввум, ки таъриф ва ваъз (амри маъруф) аст, эҳтисоб воҷиб аст ва дар мартабаи севум, ки таҳдид, дашном (саб) ва унф (дуруштгуӣ) аст ва дар мартабаи панҷум, ки задан (зарб) аст, ҳаром бувад ва дар мартабаи чаҳорум, ки мубошарати тағйир аст, чун шикастани мазомир (асбобҳои мусиқӣ), рехтани хамр, кашидани ҷомаи абрешимин аз тани мард, рабудани матои ғасб, сутурдани сурати девор аз хона ва шикастани зарфҳои тилоӣ ва нукра. Ва амсоли ин эҳтисоб рухсат аст, ки падар ба сабаби он мутааззӣ (дард) ва мутаалим (алам, ранҷ) хоҳад шуд, ихтилоф аст. Саҳеҳ он аст, ки фарзандро дар мисоли ин эҳтисоб рухсат аст.

Аммо эҳтисоби фарзанд падарро ба унф (дуруштӣ, сахтгуӣ), саб (дашном) ва мубошарати зарб (задан) ҳаром аст, зеро ки дар ҳуқуқи волидайн ба тахсис оёт ва ахбор ворид аст, ки мӯҷиби истисноии ҳукм мегардад. Аксари муҳаққиқон андешаеро тарафдоранд, ки ҷаллод набояд падари худро дар ҳадди қасос қатл кунад, агарчанд падараш кофир бошад.[1]

Он чи вобаста ба қудрат аст, қайд намудан лозим аст, ки бар нотавон эҳтисоб воҷиб нест. Нотавон танҳо мункар ба дил (қалб) мекунад, аз он чӣ дид ва шунид. Нисбат ба султон эҳтисоб дар шакли таъриф, ваъзу насиҳат амалӣ мегардад.

Эҳтисоб бар мӯҳтасиб вобаста ба қудрату тавоноӣ ва оҷизӣ чаҳор ҳолат доштанаш мумкин аст: якум, вуҷуб (ҳатмӣ, зарурӣ будан); дуюм, суқути (соқит гаштани) эҳтисоб, сеюм, эҳтисоб, чаҳорум, ихтиёр[2].

Ҳолати аввал, ҳангоме ба вуҷуд меояд, ки мӯҳтасиб яқин медонад, ки бо эҳтисоби ӯ тағйири мункар хоҳад шуд ва ба сабаби эҳтисоб намудан ҳеҷ зиён (молӣ, пулӣ, ҷонӣ) ба ӯ нахоҳад расид. Дар ин ҳолат эҳтисоб ҳатмӣ (воҷиб) аст бар муҳтасиб.

Ҳолати дуюм, ҳангоме, ки мӯҳтасиб яқин медонад, ки эҳтисоб фоида надорад ва дар баробари он ба вай зарар хоҳад расид. Дар ин ҳолат эҳтисоб ҳатмӣ нест, яъне соқит гаштани воҷиб аст.

Ҳолати сеюм, донад, ки эҳтисоб фоида надорад, вале хавфи зарар низ вуҷуд надорад. Дар ин ҳолат эҳтисоб мустаҳаб аст, яъне агар эҳтисоб кунад савоб гирад. Шарти эҳтисоб он аст, ки агар мӯҳтасиб донад, ки дар натиҷаи эҳтисоб тағйири ҳолат рух медиҳад ва эҳтисоб ба мункар асар дорад, вай бояд аз чизе андеша накунад ва эҳтисоб намояд. Вале агар бар вай зарар расад, ё ба наздикони вай таъсири манфие мерасад, пас, эҳтисоб накунад, чунки пешгирии гуноҳ ба сар задани гуноҳи дигар сабаб нашавад. Масалан, дар ҳолате, ки шахсеро эҳтисоб карда шуд, ки минбаъд ба хашм омада, шахси дигарро қатл намуданаш мумкин аст.

Мисоли дигар, агар шахсе, узви худро қатъ кардан мехоҳад ва эҳтисоб ба яқин ба қатъи нафс ё кушта шудани он шахс оварданаш мумкин аст, шахс бояд ки эҳтисоб кунад, чунки қатъи узви худ маъсият (гуноҳ) аст, ки бояд эҳтисоб шавад.[3] Ғараз пешгирии маъсият (гуноҳ, мункарот) аст, ки ба тариқи сареҳ манъ шудааст.

Ба андешаи мутафаккир кулли гуноҳҳое, ки асоси эҳтисоб мешаванд, се навъанд: гуноҳи гузашта; гуноҳи ҳоло содиршудаистода; гуноҳе ки дар оянда содир шуданаш мумкин аст. Гуноҳи гузашта, масалан, зино ва шаробнушӣ, ки дар гузашта содир шуда ва осори он қатъ шудааст. Ҷазои онҳо муайян ва барои онҳо ҷазои ҳадд муқаррар карда шудааст. Мӯҳтасиб ва ашхоси раиятро бар он коре нест, яъне эҳтисоб нисбат ба ин навъи гуноҳ таҳти тобеияти мӯҳтасиб нест. Гуноҳи содиршудаистода, масалан, шахсе ҷомаи абрешимин пушида ва ё шароб менушад. Ин навъи гуноҳ, дар тобеъияти мӯҳтасиб аст ва эҳтисоб дар ин навъи гуноҳ ҳатмӣ аст.

Барои гуноҳҳои дар оянда содиршаванда, бар андешаи аксари муҳаққиқон эҳтисоб ҳатмӣ нест, чунки гуноҳ эҳтимол ба вуқӯъ ояд ва ё наояд. Танҳо дар ҳолатҳое, ки тайёрии ашхос ба яқин сабаби гуноҳ мегардад, эҳтисоб лозим аст. Масалан, ҷамъ омадани авбошон бар дари ҳаммоми занон барои наззораи онон;

[1] Ҳамадонӣ. М.С.А. Захиратулмулук.- С.176.
[2] Ҳамон асар. - С.176.
[3] Ҳамадонӣ. М.С.А. Захиратулмулук.- С.177.

ҷамъ омадани ду бегона, ки зану шавҳар нестанд ба хилват бояд пешгирӣ карда шавад.

Рукни дуюм худи фаъолияти эҳтисоб аст.

Адаби ин рукнро ҳафт дараҷа бошад: аввал, маърифати, шинохти мункар; дуюм, таъриф ба ваъз ва насиҳат; сеюм, дағалӣ, дуруштӣ (унф); чаҳорум, тағйир, панҷум, таҳдид ба зарб (таҳдиди задан); шашум, мубошарати зарб (задан); ҳафтум, истизҳор ба аъвон ва муқобала (мурочиат намудан ба ёрдамчиён ва фаъолона зиддият намудан).

Дараҷаи аввал, шинохт ва ё маърифати мункар аст. Мӯҳтасиб бояд барои дарёфти мункар кушиш накунад. Таҷассус, яъне тафтиши мункар барои мӯҳтасиб раво нест. Масалан, агар аз хонаи касе овози баланд меояд, ки ба овози ашхоси маст ва шаробнуш монанд аст, мӯҳтасиб ҳаққи дохил шудан ба он хонаро бе иҷозаи соҳиби хона надорад. Ҳатто агар ду нафар шоҳид шоҳидӣ диҳанд, ки дар хонае май менушанд, қавли саҳеҳ он аст, ки бе иҷозаи соҳибхона ба он дохил шудан мумкин нест. Агар шахсе зери ҷома зарферо дорад, ки ба шишаи шароб монанд аст, мӯҳтасиб ҳуқуқи таҳқиқу тафтиши онро накунад. Хулосаи ин масъала он аст, ки мӯҳтасиб танҳо нисбат ба ашхосе эҳтисоб мекунад, ки маъсият, гуноҳи ошкоро кардаанд ва барои исбот намудани он таҳқику тафтиш бурдан лозим набошад. Дар сурати зарурати таҳқиқу тафтиши амал, барои таҳқиқ он ба мақомоти қозӣ, шаҳна ва ё мазолим ирсол мегардад.

Дараҷаи дуввум, таъриф аст. Одоби мӯҳтасиб он аст, ки "ибтидои таъриф ба ваҷҳи аҳсан кунад дар мавъиза ва насиҳат ҳаққи шафқати ухувват ба ҷой орад, чунки иллати аксари иқдоми оммаи халқ бар мункарот ҷаҳл аст ба ҳақиқати он". Насиҳат ба гунае боодобона, нозукона ба самъи мардум расонида шавад, ки ба иззати нафси онҳо нарасад ва хуб қабул кунанд. Дар акси ҳол насиҳат манфиатбахш намегардад. Дар насиҳати мӯҳтасиб он чӣ дар Китоб ва ҳадис ва ривоятҳо омадааст, бояд гуфта шавад, то шахс бо дониши тамом содир шудани гуноҳҳоро пешгирӣ намояд ва ё аз он даст кашад. Ин андеша дар таҷрибаи ҷаҳонии имруза низ васеъ истифода мегардад, ки ҷазо бояд мутобиқ ба ҷурм бошад ва натавонад, ки ҷинояткорро ба суи ресидив ҳидоят намояд.

Тибқи андешаи мутафаккир, мӯҳтасиб бояд муъминонро мушобеҳи як тан шуморад, чунонки Паёмбар фармудааст, ки ""мӯъминон ҳама чун як тананд ва хосияти тан он аст, ки чун як узв аз он алам (дард, ранҷ) ёбад, ҳама аъзо дар таб ва бедории шаб ба он узв шарик гарданд.[1]

Яъне содир намудани гуноҳ мусибат барои ҷамъият ва аҳли дин аст ва шахс бояд, ки барои пешгирии он мубориза барад ва дар сурати содир шудани он бояд эҳтисоб кунад.

Дараҷаи сеюм, сахтгуӣ (таъниф, тағлиз) ба сухани дурушт ва дашноми ғайрифаҳш.[2] Яъне мӯҳтасиб дар сурати баён намудани мункарот, фаҳмонидани роҳи дуруст, ва насиҳат намудани гунаҳкор, мушоҳида намояд, ки гунаҳкор аз содир намудани гуноҳ бознамеистад, ба содир намудани он исрор дорад, ислоҳ нашуд, пас, бар ӯ лозим мегардад, ки ӯро ба сухани дурушт, таҳдид, дашном аз он кирдор манъ намояд. Ҳангоми истифодаи ин дараҷаи эҳтисоб, мӯҳтасиб бояд сухану дашномеро истифода барад, ки он кизб, зиёдаравӣ, дашноми номуносиб набошад. Масалан, лафзҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст: эй аҳмақ, эй ҷоҳил, эй фосиқ. Ба ақидаи Ҳамадонӣ ҳар касе дар мутобаати ҳавои нафс мухолифати Ҳақро раво дорад, ӯ аҳмақ аст[3]. Дар баробари ин мӯҳтасиб он чӣ мегуяд бояд сухани ҳақ гӯяд ва мухтасар гӯяд ва дар дуруштӣ аз ҳадд ва қадри зарурат дарнагузарад. Агар мӯҳтасиб донад, ки бо руй турш кардан, яъне бад-бад нигоҳ кардан шахс аз содир намудани кирдори ношоям даст мекашад, руй турш кардан воҷиб мегардад[4]. Агар донад, ки қаҳру ғазаб метавонад пеши роҳи содир шудани кирдорро гирад, пас, қаҳру ғазаб кардан ба мӯҳтасиб ҳатмӣ мегардад.

Дараҷаи чаҳорум, тағйири мункар аст ба даст. Мӯҳтасиб агар дарк намояд, ки бо се роҳи аввал мақсуд ҳосил намегардад ва шахс аз содир намудани кирдор барнагардад, ва ё дар ҳолатҳои зерин, шахс уд, тора, чанг, ки асбобҳои мусиқӣ мебошанд дар дасташ аст, маллоҳ хуми шароб овар-

---

[1]Ҳамадонӣ М.С.А. Захиратулмулук. - С.179.
[2] Ҳамадонӣ М.С.А. Захиратулмулук. - С.179.
[3] Ҳамон асар. - С.180.
[4] Ҳамон асар. - С.180.

дааст, шахс шароб нушида истодааст, дигар ҷомаи ҳарир ба бар дорад, шахсе моли дигарро ғасб карда истодааст, дар ҳамаи ин ҳолатҳо мӯҳтасиб бояд бо даст тағйири кирдори ашхос намояд. Яъне вай уду чангро метавонад аз дасти шахс гирифта шиканад; хуми шаробро шиканад ё резад; ҷомаи ҳарирро аз тани ҷомапуш кашад, молро аз чанги ғосиб кашида гирад ва ба соҳибаш баргардонад.

Дар ин дараҷа низ мӯҳтасиб бояд ба қадри ҳоҷат иктифо кунад. Мӯҳтасиб агар метавонад аз дасти ғосиб гирифта аз хонаи мазлум ӯро берун кунад, вай бояд ба гиребону рую риши ӯ чанг назанад. Агар зарурат бошад, аз гиребони ӯ гирад ва берун орад.

Агар зарфи шаробро соҳиби он метавонад барои нигоҳдории ашёи дигар истифода кунад, пас, нашояд онро шикастан. Баръакс, агар зарфи шароб дар ҷое бошад, ки мӯҳтасибро дасташ ба он нарасад, вале агар санг андозад, мерасад, пас, лозим мегардад, ки мӯҳтасиб санг занад то он зарф шиканад.

Дараҷаи панҷум таҳдид ва тарсонидани (тахвифи) фосиқ аст. Масалан мӯҳтасиб гуяд: ин кор бигзор, вагарна саратро бишканам, ё туро таъзир кунам, ё ҳад бар ту биронам. Шарти муҳими ин дараҷаи эҳтисоб он аст, ки шахсро (мӯҳтасабун алайҳиро) ба ҷазое таҳдид накунад, ки дар шариат он ҷоиз набошад. Мисоли он, таҳдиди хонаатро хароб кунам, зан ё фарзандатро ба асирӣ мегирам. Дар ҳолате ки мӯҳтасиб ин таҳдидро кардааст, агар дар сари қаҳр гуфта бошад, пас, он ҳаром аст, дар акси ҳол вай дуруғгуй бошад, чунки амали намудани ин таҳдидҳо тибқи шариат раво нест.

Мӯҳтасиб метавонад дар ҳолате ки яқин мекунад, ки бо боздоштан ва зурӣ фосиқ аз кирдори худ даст мекашад, зиёдаравӣ кардан боке надорад. Муболиға дар ин ҳолат мумкин аст.

Дараҷаи шашум, мубошарати зарб аст ба даст ва пой ва ғайри он. Мӯҳтасиб дар дараҷаи шашум, метавонад бо роҳи фаъол – ҷазои ҷисмонӣ бо роҳи задан бо даст, пой ва олоти дигар эҳтисоб намояд, то гунаҳкор аз кирдори худ бозмонад ва аз он даст кашад. Шарти муҳим дар ин дараҷа задан то қадри зарурат бошад, яъне бо роҳҳои авалу то чорум гунаҳкорроислоҳ кардан муяссар нагардад, яъне ба вай насиҳат, дурухштӣ, сахтгӯӣ, таҳдид таъсир накунад. Шарти дуюм, дар задан аз ҳад нагузаронад ва бар қадри ҳоҷат иктифо кунад ва чун даст аз задан боздошт, дигар ба ранҷонидани вай кушиш накунад[1].

Агар барои эҳтисоб даст ба силоҳ бурдан лозим гардад. Пас, мӯҳтасиб бояд силоҳ ба даст гирад, то пеши роҳи мункаротро бигирад.

Дараҷаи ҳафтум он аст, ки муҳтасиб заиф бувад ва фосиқ қавӣ ва дар дафъи мункар ба силоҳ, ёридиҳандагон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мӯҳтоҷ бошад. Дар ин ҳолат баъзе уламо тарафдори он ҳастанд, ки дар ин ҳолат султон ва мақомот бар дафъи мункар мувазassaf ҳастанд. Ҳамадонӣ дар баррасии ин масъала андешаи дигар дорад. Дар ин ҳолат низ вай эҳтисоби ашхосро ҳатмӣ мешуморад. Агар дар ҷараёни мубориза фосиқ кушта шавад, хуни вай ҳадар ва агар мӯҳтасиб кушта шавад, ӯ шаҳид мегардад. Ҳамадонӣ то дараҷаи ҳафтум расидани исрори мункарро ҳодисаи наводир мешуморад. Аз ин сабаб аз ҳамагон даъват ба амал меорад, ки метавонад ба забон, бо даст, бо нафс, бо силоҳ ва бо ёридиҳандагон тағйири мункар намоянд[2]. Яъне кулли омма вазифадоранд, то бар зидди вайрокунандагони қавоиди умумӣ мубориза баранд, барои ислоҳи бародарон ва ҳамсоягони худ кушиш намоянд, то тартибот дар ҷомеъа устувор гардад.

Рукни сеюм – мӯҳтасабун алайҳи аст. Шахсе, ки ба сабаби тарки маъмур ё ирткоби манҳӣ муставҷиби иқоби эҳтисоб гаштааст, яъне шахсе, ки фаъолияти манъшударо содир кардааст. Барои мункар оқил, ба балоғат расидан, озодӣ шарт нест. Масалан, кӯдаке шароб нушад, ё девонае зино кунад, ҳарчанд эҳтисоб ҳисоб намекунанд, воҷиб аст, ки манъ карда шаванд.

Мункароти масоҷид, пеш аз ҳама, ҳангоми хондани намозу иҷрои русуми динӣ зоҳир мегардад, аз қабили бо лаҳн хондани Қуръон, пушидани ҷомаи абрешимин, ё абрешимаш аз дигар ашъёи он бештар бошад, хатиб шамшере ба даст гирад, ки банди он аз тилло ва ё нуқра бошад, маҷлиси қиссахонон ва ғайра.

---

[1] Ҳамадонӣ М.С.А. Захиратулмулук. - С.182.
[2] Ҳамадонӣ М.С.А. Захиратулмулук.- С.183.

Мункароти бозор даҳ аст: кизб дар муробаҳа (шахсе матое ба даҳ дирам харидааст, мегӯяд, ки ба 12 дирам харидаам ва ба сенздаҳ дирам ба ту мефурушам). Тибқи таълимоти ислом ин шахс бо ин сухан ҳам фосиқ аст ва ҳам козиб. Агар шахсе кизби ӯро донад, бар вай воҷиб аст, ки харидорро огоҳ намояд, дар акси ҳол дар кизб ва фисқ ба ӯ ҳамроҳ бошад; Дуюм, пушида доштани айби мол. Тибқи таълимоти ҳуқуқи ислом аз ҳадиси Паёмбар: "ҳалол нест касеро, ки чизе мефурушад, то он, ки айби он чизро нагуяд ва ҳалол нест касеро, ки он айб бинад, магар он ки муштариро аз он огоҳ кунад ва агар нагуяд, гунаҳкор бувад"[1]. Мункари сеюм, зиёдат (наҷас) аст. Зиёдат он аст, ки шахсе дар бозор матое мехарад ва шахси дигар меояд ва бар баҳои он зиёдат мекунад, то муштарӣ фирефта шавад. Ва ин феъл ҳаром аст ва фоили он осӣ ва манъи он воҷиб (ҳатмӣ). Мункари чаҳоруми бозор савм аст. Савм он, аст, ки шахсе матое харид ва байъ кард ва баъди қарори саман шахсе ӯро мегӯяд, ки ин матоъ бозгардон, то ман беҳтар аз ин ва арзонтар аз ин ба ту фурӯшам. Агарчӣ дар зоҳир ин навъ байъ саҳеҳ менамояд, инкори он воҷиб аст[2]. Мункари панҷум тафовути паймона (микёл) ва мизон (тарозу) ва зироъи (ченак) аҳли бозор аст. Яъне, доштани ду тарозу аз ҷониби фурӯшанда, ки ба яке мехарад ва ба дигаре мефурӯшад, ё ин ки фиреб додан аз вазни санги тарозу. Мӯҳтасиб бояд ҳар моҳ як бор санги тарозуи бозорҳоро чен кунад ва назорат барад, ба ҳоким хабар диҳад, шахсро таъзир намуда ислоҳи он фасод кунад.

Мункари шашум, тарки эҷоб ва қабул аст дар муототи хатира, яъне додан ва қабул накардани ашъё ба лафз.

Мункари ҳафтум, шарти фосид аз рибавиёт, яъне байъ бо шарти рибо, ки иллати манъ ва инкори аҳд мегардад.

Мункари ҳаштум, хариду фурӯши расми ҳайвонот, ки ҳангоми ид ба кӯдакон фурӯхта мешавад.

Мункари нуҳум, хариду фуруши олоти тиллоӣ ва нуқрагин, ҷомаҳои абрешимини мардона аст.

Мункари даҳум, хариду фурӯши ҷомаҳои рангкардашуда ва дарбеҳшуда, ки амали ҳаром ва манъи он зарур аст.

Мункароти кӯча ва ҷомеа, даҳ аст: вазъи сутунҳо ва шинонидани дарахт (ғарси ашҷор), чунон ки роҳ танг гардад; дуюм, бинои дуконча барои нишастан, чунон ки роҳгузаре зарар ёбад, ки дар ин ҳол тағйир ва таҳриби он зарур аст; ихроҷи новадон, ки аз он оби ифлос мерезад ва либоси роҳгузареро ифлос мекунад; байъи таъомҳо ва ғайра бар роҳе, ки танг бошад ва гузаранда аз он зарар ёбад (фурӯхтани таъомҳо дар ҷои танг ки роҳи дигаронро бандад ва ё ба мушкилии роҳгузарон сабаб шавад); панҷум, гузоштани ҳезум (вазъи ҳатаб) ва хор зиёдат аз муддати нақл; шашум, бастани ҳайвоноти чаҳорпо (рабти давоб) дар роҳе, ки танг бошад, ба истисноИ бор кардан, бор фуровардан, бор бастан. Кашонидани хор бо роҳе, ки танг аст ва ҷомаи мардумро медарад. Ҳафтум, куштани ҳайвонот аз тарафи қассоб ва партофтани узвҳои ҳайвони забҳшуда ба роҳ. Ҳар қассобе бояд мазбаҳе бино кунад, ки аз назари халқ пӯшида бошад; хаштум, илқои қумома бар роҳ, чун хокрӯба ва хокистар ва пусти тарбуз, ки барои роҳгузар хавфнок аст, манъ аст. Нуҳум, илқои ҷифаи майта бар раҳгузар, яъне партофтани ҷуссаи мурдаи ҳайвонот бар роҳ; даҳум, партофтани газанда ба дари хона ва ё раҳгузари мардум.

Мункароти ҳамомот ҳашт аст: суратҳо ки дар ҳаммом нақш мекунанд, сутурдани онҳо ҳатмӣ аст ва даромадан ба ин гуна ҳаммом ҳаром. Дуюм, кашфи аврот ва назар ба аврати каси дигар манъ аст; сеюм даровардани даст ба зери либос ва хоридану молидани андоми ниҳонӣ; чаҳорум, ру ба замин хоб кардан ва нопадид шудан дар об (тағмизи эъҷоз), барои онҳое ки муҳаррики шаҳват гардад; панҷум, тағмиси (даровардани) даст ва оинаи наҷис дар ҳавзе, ки оби он андак бувад; ҳафтум, оби садр ва собун дар раҳгузар рехтан ва нošӯста гузоштан; Ҳаштум, вазъи санги ҳамвор дар фарши ҳаммом, ки сабаби сақтаи гузаранда мегардад ва қатъи он воҷиб аст ва ба сабаби суқут замон лозим ва эҳтисоб ва инкор бар он ҷумла воҷиб аст.

Қисми панҷум мункароти зиёфат ва маҷолис. Ва усули ин ҳам даҳ аст: аввал, фарши бисотҳои ҳарир аст ба ҷиҳати

[1] Ҳамадонӣ М.С.А. Захиратулмулук. - С.191.
[2] Ҳамон асар. - С.191.

ҷулуси риҷол. Ва он ҳаром аст; дуюм, табаххури дар миҷмари зар ё накра, ё шурби машрубот дар зарфҳои зар ва нукра; сеюм, истидоли пардаҳо, ки бар он сурати ҳайвонот бувад, аммо агар сурат дар болиштҳо бувад ва дар фарш боке нест. Чаҳорум, ҳузури симои автор аз чанг ва рубоб ва уд ва ғайра; панҷум, иҷтимои занон бар суқуф ва ибиния бар ҷиҳати наззораи мардон, ки он аз мункароти маҳзура аст ва манъи он воҷиб; шашум он, ки таом ҳаром бувад ё ҷои ғасбшуда (мағсуб) бошад, чӣ дар ин ҷой нишастан аз ашаддӣ мункарот аст; ҳафтум, чизе аз машруботи мункар бошад, чи маҷолисати фосиқ дар ҳолати мубошарати фисқ ҳаром аст; ҳаштум, он ки дар мачлис мубтадиъе бувад, ки сухани бидъат мегӯяд. Агар ба манъ ва радди он қодир аст, ҳузур ҷоиз бувад, вагарна ҳаром бувад ва инкор воҷиб; нуҳӯм дар маҷлис масхарае бувад, ки ба суханҳои фаҳш ва кизб мардумро механдонад, ҳузур дар он ҳаром бувад, агар фаҳш ва кизб набошад ҳузур дар ҷаласа раво аст. Даҳум, дар маҷлис агар ғайбати мусалмоне карда шавад ва ин кас аз манъ кардан оҷиз аст, ҳузур дар ин маҷлис ҳаром аст ва инкор ҳатмӣ аст.

Мункароти нафақот ду қисм аст.Аввал, исроф дар либосу матоъ. Дуюм, исроф дар биноҳо ва маскан. Исрофи либосу матоъ панҷ навъ аст: нест кардани мол (изоати мол); дуввум, нафақа додан (инфоқ) дар зино, хамр, мутриб, ва ноиҳа (зане, ки болои сари мурда гиря мекунад); саввум, нафақа ба риё, барои шӯҳрат; чаҳорум, муомалаи рибо; панҷум, исроф дар мубоҳот (масалан, шахсе ҳазор динор дорад, ки нафақаи оилааш аст, аммо онро барои хариди ашъи гаронбаҳо, нақши дару девори масҷид сарф карда оиларо бе нафақа мегузорад).

Қисми ҳафтум, мункароти омма аст ба сабаби умуми ҳукм. Ва ҳеҷ кас нест дар ин рузгор, ки ӯ аз мункаре холӣ бошад, аммо ҳокимро воҷиб аст, ки ба ҳар як воҳиди маъмурӣ олиме, фақеҳе тайин намояд, то он ки оммаро аз макруҳот боз дорад, агар дар минтақа касе набошад, ки аз мункарот боз дорад, куллӣ ҷомеа осӣ ва гунаҳкоранд.[1]

[1] Ҳамадонӣ М.С.А. Захиратулмулук. - С.195.

Албатта, хулоса он аст, ки муҳтасиб дар ҳақиқат ниҳоди давлатии динӣ буда, намояндагони сулолаҳои ҳукмрон низ онро тақвият дода, ба ҳукми ӯ тобеъ мешуданд. Нуфузи муҳтасиб дар куллӣ давлатҳои мусалмонӣ хеле баланд буда, фарҳанги ҷомеъа таҳти таъсири фаъолияти ӯ рушд меёфт.

Албатта, ҷомеъаи муосири тоҷикон ҷомеъаи дунявӣ ва шаҳрвандӣ буда, маориф ва фарҳанги миллии тоҷикон имконоти бузурги тарбияи ахлоқию сиёсӣ ва шаҳрвандӣ дорад. Як қатор мункароти номбаршуда дар қонунгузории ҷорӣ манъ шуда, ва аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатию мақомоти маҳалии он назорат мешавад.

Вале, бо ин ҳама, махсусан, ҷомеъаи давраи гузариш ниёз ба ин гуна ниҳод дорад, чунки давраи гузариш кулли асосҳои фарҳангию ахлоқӣ, динӣ, иқтисодӣ ва ғайра заиф мегарданд ва ин сабаби нобоварӣ ба худ, ҷомеъа, давлат, дилмондагӣ аз мақомот, нобоварӣ ба мавҷудияти адолат, баробарӣ, бародарӣ, ахлоқи ҳамида, башардӯстӣ мегардад.

Мавҷудияти "пулиси ахлоқ" метавонад, пайдоиш ва ташаккули амалҳои маҳкумшуда, манъшударо дар ҷомеъа пешгирӣ намуда, барои аз фасоду амалҳои зишт барҳазар намудани мардум хизмати шоиста намояд, чунки аксари мункарот (амалҳои маҳкумшуда) ҳаёти имрӯзаи ҷомеъаи тоҷиконро низ доғдор мекунад.

## Адабиёт


1.Абдулхонов Ф.М. История судопроизводства досоветского Таджикистана. Дисс. канд. юр. наук. Душанбе, 2011. -190 с.

2.Буриев И.Б. Судебные институты государственности досоветского Таджикистана. Душанбе: Ирфон, 2010. 188 с.

3.Зоиров Д.М., Сафаров Б.А. Суверенная государственность на постсоветском пространстве: предпосылки и процесс формирования (на примере Республики Таджикистан. СПб.: РЕНОМЭ, 2012.336 с.

4.Кук М. Шестой столб ислама. Запрещение осуждаемого // Пер. с английского. СПб.: Изд-во «ДИЛЯ», 2008. -352 с.

5.Қуръон. Сураи Наҳл, ояти 90.
6.Сафаров И.Д. Правовая система государства Саманидов. Душанбе, Ирфон, 1999.
7.Сокит М.Ҳ. Ниҳоди додрасӣ дар ислом. Қум, 1385.
8.Ҳамадонӣ М.С.А. Захиратулмулук / Таҳиягарон Асоев Ҳ., Турдиев К. Душанбе: Ирфон, 2008. -372 с.
9. Холиқов А.Г. Таърихи давлат ва ҳуқуқ. Қисми 1. Душанбе, 2002.

**И.Б. Буриев**

### Институт муҳтасиба в "Захиратулмулуке" Сайид Алии Хамадони

В этот год отмечается 700 летие Мир Сайид Али Хамадани. Он оставил труды по философии, этике, эстетике, математике, географии, химии. В частности, Хамадани в своем трактате "Захиратулмулук" исследовал проблемы институт мухтасиба, своего рода "полиции нравов"

**Ключевые слова:** эхтисаб, мухтасиб, формы осуждаемого, осуждаемые действия, условия осуждения, виды осуждаемых действий.

**I.B. Buriev**

### Institute muhtasib in "Zahiratulmuluke" Alia Syeed Hamadani

This year marked 700 years of the Mir Syeed Ali Hamadani. He left works on philosophy, ethics, aesthetics, mathematics, geography. In particular, the Hamadani in his treatise "Zahiratulmuluk" examined the problem muhtasib institute, a kind of "morality police".

**Keywords:** ehtisab, muhtasib, form condemned, condemning the actions, terms of condemnation, condemned kinds of actions.

# НАҚШИ ШАХСИЯТҲОИ ТАЪРИХӢ (МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ) БА УНВОНИ ОМИЛИ ҲАМГИРОӢ ВА ВАҲДАТ ДАР ЭРОН ВА ТОҶИКИСТОН

**Муҷоҳид Амирӣ**[1]
**Муҳаммад Фарҳодӣ**[2]

Муаллиф дар мақола нақши таълимоти Мир Сайид Алии Хамадониро дар густариши ҳамгиройиҳои фарҳангии миёни мардуми Тоҷикистон ва Эрон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин маврид муаллифон ба паҳлуҳои муҳими таълимоти мутафаккир такя намуда, мубрамияти ин масъаларо дар шароити муосир ишора намудаанд.

**Вожаҳои калидӣ**: ҳамгироӣ, ваҳдат, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Эрон, Тоҷикистон, омилҳои ҳамгироӣ, ваҳдат, ҳувиятзудоӣ

Имрӯз яке аз асоситарин равишҳо дар ҷиҳати боло бурдани иртиботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ёфтани муштаракот байни кишварҳо, махсусан фарҳанг, забон ва монанди ин аст. Эрон ва Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ дорои муштаракоти фаровоне дар таърих, фарҳанг, забон ва дин ҳастанд. Аз ин рӯ, алоқа ва пойбандӣ ба одобу русуми аҷдод ва ниёкон, муҷиби афзоиши мизони ҳамбастагӣ байни сокинони ҳарду кишвар гардидааст. Ҷашни Наврӯз ва ишқ ба адабиёти муштарак ва шуарои бузурги форсизабон пайванди деринаеро байни мардуми ҳарду кишвар ба вуҷуд овардааст, ки дар сурати таваҷҷуҳ ба он метавонанд дар ишоаи ваҳдат ва ҳамгироӣ, бо ҳифзи ҳуввияти миллӣ, ба сурати минтақавӣ таъсири муносибе дошта бошад. Лизо дар ин боб эҷоди зарфиятҳои лозими фарҳангӣ, ҳунарӣ бо ташкили анҷуманҳои адабӣ ва баргузории барномаҳои фарҳангӣ замина ва фурсати ҷадиде дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои ду кишвар – Тоҷикистон ва Эрон эҷод хоҳад намуд. Ба ҳар ҳол, ҳамгироӣ ва ваҳдат ниёзманди муаллифаҳои муштараки мухтас ба худ аст, аз ҷумла ин муаллифаҳо: вижагиҳои муштараки фарҳангӣ, таърихӣ, монандии забон, таҷрибаи таърихӣ, дину мазҳаб, нажод, қавмият, хонадону одоб ва русуми муштарак ва баҳрагирӣ аз донишу тафаккури машоҳири фалсафӣ, адабӣ ва динӣ. Аз ҷумлаи он шахсиятҳое, ки метавонанд дар шаклгирии раванди ҳамгироӣ ва ваҳдат миёни Эрон ва Тоҷикистон ёрӣ расонад, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аст. Бинобар ин, ду кишвар ба унвони маҷмӯаи воҳид, ки дорои савобиқи таърихӣ, фарҳангӣ, ақидатӣ ва сиёсии муштарак ҳастанд, мебояд бозгашт ба асолати таърихӣ ва фарҳангиро сарлавҳаи ҳаракати худ қарор дода, муаллифаҳои ҳуввиятӣ ва миллиро ба хубӣ шиносоӣ ва даруни намоянд.

**Нақши уламо ва файласуфон дар эҷоди ҳамгироӣ ва ваҳдат дар ҷомеаи имрӯз**. Вуҷуди роҳбарон, андешамандон ва уламо дар ҳар ҷомеае ба унвони аркони таъсиргузор, нақши шарёнҳои ҳаётиро ифо мекунанд, ки агар бамавқеъ ва дуруст амал накунанд, он миллат ва ҷомеа дучори таназзул ё дар маърази сукут ва измиҳлол қарор мегирад. Дар ҳақиқат, сукккондори ҳидояти мардум, уламо ва фикру андешаи онҳост. Ҳувиятзудоӣ ва ё ҳувиятбахшӣ бо тадбир ва дирояти (афкор) андешамандон ва уламо муҳаққақ мешавад.[1] Шинохти зарфияҳо ва фурсатҳои ду кишвар – Эрон ва Тоҷикистон дар ҷиҳати зайл ба тавсеа ва фоиқ омадан бар мушкилот ва масоили мавҷуд ва шиносоӣ ва истифода аз фурсатҳо ва зарфиятҳое, ки барои мувоҷеҳ шудан бо таҳдидҳо ва костиҳо дар ихтиёри онҳо аст ва тадбири роҳи ҳалли бурунрафт аз вазъияти тавсеанаёфтагии феълӣ, бо ҳушёрии хос ва дирояти андешамандон масир аст. Ба ҳамин ҷиҳат, андеша, тафаккур ва низоми мавриди назари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ метавонад як улгуи бумӣ дар ҷиҳати ҳувиятёбӣ ва ҳувиятбахшӣ ба ҷавомеи мавҷуд дар ду кишвар бошад. Аҳамияти дарки ин мавзӯъ замоне равшан

---

[1] Унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ
[2] Унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ

[1] Абдулҷалил Фараҳманд. Нақши уламо дар бедории исломӣ / Абдулҷалил Фараҳманд // Фаслномаи илмии тахассусии «Ҳабл-ул-матин». – 1392. Давраи дувум. -№ 2. –С.88-105.

мешавад, ки бидонем, ки муаллифаҳои бедории миллӣ ва фарҳангӣ дар нигоҳи шахсиятҳои таърихӣ ва динии ҳаммонади Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ин аст, ки ҳамвора бар бедории ҳамаи миллатҳои дорои муштаракоти фарҳангӣ ва қавмӣ, сарфи назар аз ҷуғрофиёе, ки дар он қарор доранд, таъкид кардаанд ва муборизаро дар ҳар куҷо ки бошад, мадди назар қарор додаанд. Бетардид, нақши андешамандон, бахусус Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар табйин, густариши фарҳангсозӣ, тавсеа ва таъмиқи ҳуввияти миллӣ ва тақвияти ҳамгироӣ нақши бебадале аст.

**Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ омили фарҳанги муштарак ва ҳамгироӣ**. Дар ҷаҳони мутакасир ва саросар тазодии имрӯз, тафоҳум, мадоро, тасоҳил ва ҳамзистии мусолиматомез як зарурати иҷтинобнопазир аст, лизо ғавр дар дарёи амиқи андеша ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва созукорҳое, ки моро дар расидан ба сулҳу зиндагии мусолиматомез ёрӣ медиҳад, баёнгари таваҷҷуҳи ӯ ба ин зарурати ҷомеаи башарӣ аст. Тасоҳил ва мадоро дар андешаи ӯ, фазилати ахлоқӣ ва инсонӣ аст, ки хостгоҳи он баргирифта аз рӯҳияи сулҳдӯстӣ ва мадоро дар андешаи эронӣ аст.[1] Ӯ авф ва раҳмати Худовандро васеъ медонад, ки ба инсонҳо умедворӣ ва ништро ҳадя медиҳад, то бо хушбинӣ ва пӯёӣ замони ҳозирро ғанимат бидонанд. Дар асри ҳозир низ, ки солҳо аз даргузашти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мегузарад, аммо оромгоҳи вай таҷаллидиҳандаи навъе ваҳдат ва ҳамгироӣ мебошад, ба сурате ки метавон гуфт фарҳанг аз ҷумлаи падидаҳое аст, ки ба шиддат таҳти таъсири мазҳаб ва ойинҳо ва маносики онҳо қарор мегирад. Фарҳанги эрониён пеш аз фатҳи Эрон тавассути мусалмонон дар иртиботе, ки бо вижагиҳои фарҳангии ҷадид пайдо кард, тағйироти фаровонеро пазируфт. Ба вуҷуд омадани амокини мазҳабӣ дар бахшҳои мухталифи Эрон ва Мовароуннаҳр, тағйироти фарҳангӣ ва ҳамчунин рафторҳои фарҳангии хосе ба вуҷуд овард. Афроде, ки ба мазорҳо мурочиа мекунанд, рафторҳои хосеро буруз диҳанд, ки реша дар одобу русум, эътиқодот, андешаҳо, факкурот ва ба таври куллӣ фарҳанги онҳо дорад. Мардуме, ки ба зиёратгоҳҳо мурочиа мекунанд, навъе иртибот бо якдигар барқарор мекунанд, ки натиҷаи ин инртиботот метавонад ба табаддулоти фарҳангӣ мунҷар шавад. Ин афрод ҳар кадом вижагиҳои фарҳангии худро дар маърази диди дигарон қарор медиҳанд ва аз ин тариқ фарҳанги худро мунтақил мекунанд. Аз тарафи дигар, бо мушоҳидаи рафторҳо ва вижагиҳои фарҳангии дигарон аз онҳо таъсир мепазиранд. Вуруди истилоҳот ва луғоти ҷадид дар забони форсӣ ва тоҷикӣ монанди ҳарам, саҳн, мазор, марқад, зоир ва зиёрат низ аз ҷумлаи коркардҳои фарҳангии ин зиёратгоҳ ба шумор мераванд. Ҳузури зоироне аз Покистон, Ҳиндустон, Эрон ва Русия дар мазори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Кӯлоб ҳалқае аз иттисол ва талфиқи афрод бо миллатҳо ва фарҳангҳои мутафовитро ба тасвир мекашад, ки онҳо соатҳо, ҳатто рӯзҳо дар канори ҳам одоби зиёратро ба ҷо оварда ва ба забони ислом бо якдигар ба гуфтугӯ ва мубоҳиса мепардозанд ва ин худ омили муҳим дар ваҳдати иҷтимоӣ-динӣ миёни мардуми Эрон ва Тоҷикистон ва дигар кишварҳои мусалмон мубаддал шудааст.

Илова бар мавориди боло, талоши Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар баҳрагирӣ аз забони форсӣ дар тарвиҷи андешаҳои худ дар нуқоти мухталифи минтақа ва ҷаҳон низ илова бар эҷоди гароиш ба ҳамгироӣ дар асри худ имрӯз низ метавонад омиле дар ҷиҳати тақвияти ваҳдат миёни мардуми форсизабон ба ҳисоб ояд. Ба гунае ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар густариши ҳамгироӣ ва ваҳдат бо баҳрагирӣ аз забони форсӣ талоши бисёр ҳушмандона ва хирадмандона будааст. Талоши Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар фарогир шудани ҳуввият ва забони форсӣ дар манотиқи мухталиф бисёр ҳоизи аҳамият аст. Бахусус дараи Ҷому Кашмирро ба иллати шабоҳати обу ҳаво ва замин ва муҳити он сомон ба Эрон, Эрони кӯчак номидаанд. Дар бисёре аз биноҳо ва боғот ва қолии Кашмир ҳунари Эрон машҳуд мебошад. Аз лиҳози насрнависӣ ҳам давраи пеш аз Темуриён дар Кашмир бисёр ғанӣ аст. Вуруди забон ва адабиёти форсӣ ба дараи паҳновари Ҷому Кашмир ҳамзамон бо густариши дини ислом дар он навоҳӣ дар рабеъулаввали садаи ҳаштуми ҳиҷрӣ ба таври хос оғоз шуда, вале аз садаи якуми ҳиҷрӣ ба баъд, иддае аз мусалмонон

---

[1] Муҳаммад Беҳфар. Тасоҳил ва мадоро дар «Захират-ул-мулук»-и Мир Саид Алии Ҳамадонӣ / Муҳаммад Беҳфар, Муҳаммад Бахшоизода // Фаслномаи мутолиоти шибҳи қора. – 1392. - № 11.

дар ин ноҳия ба сар бурдаанд. Дар садаи мазбур сӯфиёни бузурги Эрон монанди Сайид Шарафуддин Булбул Шоҳи Туркистонӣ (ҳ727м ва Мир Ҳамадонӣ (ҳ 782 м.) ва бисёре аз ҳамроҳони онон муҷиби тавсеаи фарҳанг ва забони форсӣ дар он сомон будаанд.

**Нақши Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаклгирии ваҳдат ва ҳамгироӣ дар миёни ду миллат – Тоҷикистон ва Эрон**. Ваҳдат ва инсиҷоми миллӣ яке аз заруритарин масоил дар кишвари Эрон ва Тоҷикистон чи дар бӯъди дохилӣ ва чи хориҷӣ аст ва ҳеҷ гуна мунофоте бо усули истиқлолият дар ду кишвар надорад. Дар ин росто ҳамвора андешаи "ваҳдати миллати форсизабон" аз ҷумлаи дағдағаҳои фикрӣ ва деринаи роҳбарон ва мусолеҳон ва шахсиятҳои таърихӣ ва миллӣ будааст. Мусаллам аст, ки ёрӣ гирифтан аз боварҳо ва арзишҳои муштарак, яке аз муҳимтарин авомили шаклгирии ваҳдат ва ҳамгироӣ миёни ин ду кишвар аст. Дар ҳақиқат, бо такя бар арзишҳо ва боварҳои муштарак, заминаи баҳраҷӯйӣ аз зарфиятҳои мавҷуд дар ду кишвар ба манзури ҳифзу иртиқои манофеи миллӣ имконпазир мешавад. Ҳамон гуна ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бар он таъкид намуда ва, ҳатто, бо баҳрагирӣ аз забони форсӣ, ки забони муштараки бахшҳои васее аз минтақа буд, ба тарвиҷи андешаҳои эронӣ-исломӣ ва ба табъи он ба ваҳдат ва ҳамгироӣ иқдом намуда.

**Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, омили фарҳанги муштарак дар ҷиҳати ҳифзи ваҳдат дар миёни ду миллат – Тоҷикистон ва Эрон**. Аз дигар роҳкориҳои афзоиши ваҳдат ва иттиҳод миёни Эрон ва Тоҷикистон, таъкид ва таваҷҷуҳ ба фарҳанги умумӣ ва аносири муштараки фарҳангӣ ва шахсиятҳои таърихӣ аст. Дар як ҷомеа ва низ дар миёни ҷавомеи форсизабон, фарҳанги муштарак омили таъйинкунандае дар ваҳдат ва инсиҷом маҳсуб мешавад ва бархурдорӣ аз ин гуна шахсиятҳо, худ яке аз омилҳои иштироки фарҳангӣ аст. Аносири фарҳангӣ дар шаклгирии ваҳдат ва иттиҳод бисёр ҳоизи аҳамият аст. Рӯшан аст, ки ҷавомеи инсонӣ дорои хурдафарҳангҳои гуногуне мебошанд ва ҳар ҷомеае алорағми доштани хурдафарҳангҳо, дорои аносири фарҳангии муштарак аст. Ин ҷавомеъ дар гузори замон бо баҳрагирӣ аз созукорҳои мутааддиде инсиҷом, ваҳдат ва ҳамгироии хешро ҳифз кардаанд. Ваҳдат ва инсиҷоми иҷтимоӣ ва якпорчагии сарзамин аз раҳгузари ҳамзистии мусолиматомези афрод бо якдигар ва таъаллуқи онон ба фарҳанги муштарак, макон ва сарзамини муштарак, ду кишварро дар канори якдигар солиёни сол нигоҳ доштааст.

**Нақши Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар бедорӣ ва огаҳисозӣ ба унвони омили ваҳдат дар миёни ду миллат – Тоҷикистон ва Эрон**. Оро ва рӯйкардҳои донишмандон ва мутафаккирони эронӣ, аз ҷумла Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки дар гузашта дар боби бедорӣ, хезиш ва огоҳисозии миллӣ-исломӣ матраҳ шуда, метавонанд манобеи ғанӣ барои назарияпардозӣ маҳсуб гардад ва бахши қобили таваҷҷуҳе аз захоири илмӣ ва фикриро таъмин намояд. Бедории миллӣ дар ду кишвар барои боландагӣ ва ҳамагир шудан, ниёзманди андешаҳоест, ки дар арсаи шаффоф ва илмӣ ба мансаи зуҳур расида ва бо ҳадафи мутаолии танвири ҷараёни бедории ҳуввияти эронӣ-тоҷикӣ ба ниҳоли муқаддаси он тазриқ гардад. Аз ин рӯ, тааҳҳуди инқилобӣ ва миллӣ дар ин замина метавонад бисёр корсоз буда ва ба таквини андешаҳои ҳидоятгароёна мусоидат намояд. Бо ин тавсиф раҳбарӣ ва ҳидояти ҷараёни ҳамгироӣ ва ваҳдат марҳуни шахсиятҳои миллӣ-таърихӣ аст, ки гузари умри гаронқадри худро масрафи тафаккур, андешаварзӣ ва назарияпардозӣ намуда ва бо бо иттако бар мабонии маърифатшиносонаи худ ва халқи андешаҳои мусолеҳона ва рӯшангарона дар ҳавзаи ғанитар гаштани ваҳдати миллӣ шудаанд.

**Низоми фикрӣ-сиёсии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба унвони як улгу ва модели ҳукуматӣ барои ҷавомеи форсзабон**. Талоши Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар иораи як модели ҳукумати муносиб бо таъкид бар ҷанбаҳо ва дастурҳои ахлоқии вай ба ҳокимон ва подшоҳон, бахши зиёде аз навиштаҳо ва мактуботи сиёсии Мир Сайид Алии Ҳамадониро дар бар гирифта ва ӯро дар ҳавзаи андешамандоне ҷой дода, ки ба сиёсати ахлоқӣ тавсия мекунанд. Дар дидгоҳи Ҳамадонӣ сиёсати фориғ аз ахлоқ ва диёнат дастмояи шайтон ва ҳавою нафс талаққӣ мешавад. Аз ин рӯ, Ҳамадонӣ дар ҳар мавқияте ҳокимро мутаваҷҷеҳи амри хатири тазкияи нафс ва ахлоқ мекунад. Дар дидгоҳи Ҳамадонӣ сиёсати фориғ аз ахлоқ ва диёнат дастмояи шайтон ва ҳавою нафс талаққӣ мешавад, аз ин рӯ, Ҳамадонӣ дар ҳар мавқияте ҳокимро мутаваҷҷеҳи амри

Ибн Сина далее, разъясняя позицию каждой из этих групп, говорит "Однако те, которые утверждают, что и тело, и душа возвращаются, говорят: Тело существует благодаря душе, и ее при повторном сотворении возвращают в ее тело. Некоторые из этих людей полагают, что душа духовна, а не телесна. Другие из них считают, что душа - изящное тело. Группа из них говорит, что если душа благодетельная, то при повторном сотворении и возвращении в свое тело она получит двойное вознаграждение: одно - духовное, другое- телесный покой и наслаждение".[2]

Что же из себя представляют эти вознаграждения - душевный и телесный покой? По этому поводу Ибн Сина пишет: "Душевное спокойствие означает созерцание мира ангелов и единение с ними посредством разума, спасения от небытия и т.п. Но если душа зловредная, то наказание [для нее] будет как духовным, так и чувственным, относящимся к телу. Наказание, относящееся к телу- это зной, холод и им подобное; духовное [наказание]- это отдаленность от горнего мира, разочарование, унижение, боязнь и им подобное". Ибн Сина, основываясь на принципах сравнительного религиоведения, рассматривая эту проблему в контексте доисламских религий, в частности пишет: "Те, которые считают ма'ад уделом только души, также разделяются на несколько групп. Одни из них считают, что душа есть тело. Другая группа утверждает, что душа - светлая субстанция из мира света, тело же - темная субстанция из мира тьмы, но смешанные друг с другом. Это зороастрийцы и манихеи. Согласно их вере, душа будет счастливой, если она освободится из мира тьмы, пересечет небесную сферу и войдет в мир света. Она будет несчастной, если останется в мире тьмы. (Действительно, в манихействе имеется подобная концепция. - М.Э.). Третья группа утверждает, что счастье и несчастье [касаются] возвращения души в тело после того, как она была освобождена и отделена от него".[3]

Философы и сторонники истины считают, что счастье души заключается в совершенстве ее субстанции, а последнее достигается освобождением от земных, суетных привязанностей и страстей, от стремления к богатству, власти и т.п. Несчастье (души) исходит из поступков, противоположных вышеуказанным. Сторонники метемпсихоза (реинкарнации) также разделяются на несколько групп. Одна из них допускает переселение души как в тела животных, так и растений. Другая говорит, что переселение возможно только в тело животного. Третья группа утверждает, что невозможно, чтобы человеческие души переселялись в иное тело, кроме людских. Эта группа, в свою очередь, делится на две категории. Одна из них говорит, что если душа несчастна и не обрела (при жизни) знания, необходимо ее повторное возвращение в тело, дабы стать способной к освобождению. Вторая утверждает, что переселение необходимо для всех душ. Если душа зловредна и невежественна, то вселяется в такое тело, которое всегда находится в мучении, болезни и трудности. Если же душа овладела наукой и знаниями, то она счастлива и вселяется в такое тело, которое находится в блаженстве и покое. По этой характеристике Ибн Сины мы узнаем, что сторонники метемпсихоза были и в среде мусульман. По его словам, эти люди признающие Коран, ссылаются на следующий его стих: "Нет животного на земле и птицы, летающей на крыльях, которые не были бы общинами, подобными вам" (К.6:38) и, толкуя его в духе своей веры, говорят, что этот стих свидетельствует, что души этих птиц по своей силе потенциально сходны с нашими. То есть они считают возможным, чтобы человеческая душа вселялась в птичьи тела после отделения ее от человеческого тела, как это мы указали выше. Они приводят и другой стих, где говорится: "А те, которые уверовали и творили благое…" (К.7:38). Ибн Сина стремится как - то рационально разъяснить смысл метемпсихоза. По мнению сторонников метемпсихоза, смысл переселения души - в ее очищении. Зловредная душа постоянно переселяется из тела в тело, и в этом переселе-

---

[1] Ибн Сина Абу Али (Авиценна). Соч. Т.I. С.803.

[2] Там же. - С.804

[3] Там же.

нии она, очищаясь, становится более изящной; что если вселяется в тело маленького червя, в нем она становится такой крохотной, что может поместиться в отверстие иглы. Таковы их учения о ма'аде и его сущности. А то, что сказано от имени философов, есть аллегория и иносказание. Цель их объяснений – сделать доступными эти учения простолюдинам, чтобы они познали все это и воздерживались от злодеяний.[1]

Ибн Сина как бы раскрывает особенность религиозного восприятия верующих, особенно если они еще не способны к абстрактному мышлению. Как было сказано ранее, простолюдиному невозможно было постичь сущности абстрактного мышления и голое рациональное доказательство бытия Боги, Ибн Сина, заостряя внимание на этой проблеме, пишет: "Что касается религиозного закона, то его необходимо принимать за абсолютное, а остальное сопоставить с ним. Суть его в следующем: любой религиозный закон, введенный каким-либо пророком, касается всех людей. Известно, что для веры необходимо признание единства творца и его непричастности к таким [атрибутам], как "количество", "качество", "место" и "время" (что арабы называют "заманом"), положение и превращение из одного состояния в другое. Творец един, и невозможно, чтобы он имел подобное себе по роду, он не имеет частей ни по "количеству" (по -арабски "кам"), ни по сущности, т. е. ни по роду, ни по видовому отличию. Он находится ни в мире, ни вне мира, и на него нельзя указывать. Но в такой форме это нельзя сказать всем людям, ибо если сказать это арабу-кочевнику или невежественному еврею, то они единодушно утверждали бы не возможность [существования] такой сущности. Поэтому вся Тора есть аллегория, а в Коране указанное нами единобожие четко не объясняется, и то, что там сказано, есть или аллегория, или абсолютная аксиома".[2] (выделено нами.- М.Э.).

Таким образом, чтобы выйти из затруднения, с позиции философского познания, Ибн Сино обращается к аллегорической интерпретации проблемы ма'ада. В европейской социологии и религиоведении только в Х1Х-ХХ вв. начали говорить о необходимости аллегорического и герменевтического толкования текста. Ибн Сина, применяя этот метод, стремился дать двоякое толкование проблемы ма'ада. По словам З. Диноршоевой, восточные перипатетики по существу разработали теорию двойственности воскресения: телесное воскресение – удел простолюдинов, духовное воскресение – прерогатива мудрецов.[3] Суть этой двойственной концепции наиболее четко и обстоятельно изложена в трудах Ибн Сины. Он, в частности, пишет: "Необходимо знать, что мы восприняли один вид воскресения (возвращения - ма'ад) от шариата, и нет другого пути его доказательства, кроме пути шариата и признания истинности сообщений пророков. Это есть телесное воскресение. Истинный шариат, данный нам избранным пророком Мухаммедом, превосходно разъяснил состояние телесного счастья и телесного несчастья. Другой вид воскресения- это воскресение, которое познаётся при помощи разума, доказательного силлогизма и подтверждается пророчеством. Оно есть счастье и несчастье, устанавливаемое для души посредством аргументов, хотя воображение, по причинам, которые будут объяснены, в данный момент не в состоянии их представить. Теософы больше желают достичь этого духовного счастья, нежели телесного счастья. Скорее похоже, что они не проявляют никакого интереса к телесному счастью, и если обладают этим телесным счастьем, то при наличии духовного счастья, которое есть близость к Первой причине, не проявляют к нему никакого внимания".[4]

Ибн Сина, выдвигая эту свою теорию двойственного духовного и телесного вознаграждения, всячески старался доказать обоснованность телесного наказания и вознаграждения в контексте пророческих учений, так как "основателю религиозного закона необходимо, чтобы он так объяснил смысл [своего] учения, чтобы оно исключало всякие ошибки и неточности, и сделать его понятным всякому, кто потратит свою жизнь на очищение своего рассудка и ума, хочет знать смысл вопроса и нуждается в подробном объяснении и комментарии. Отсюда ясно, что природа религиозного зако-

[1] Ибн Сина Абу Али (Авиценна). Соч. Душанбе: «Дониш», 2005. Т.1. - С.805.
[2] Там же. - С.806-807.

[3] Диноршоева З.М. Мухаммад ал-Газзали и его отношение к философии. Душанбе, 2002. - С.132-133.
[4] Ибни Сино. Илохиёти начот.-Техрон, 1377.- С.293-294.

на такова, что ее нельзя объяснить всем. То, что люди могут достигнуть в религиозном законе, как он есть, объясняется пророком, а то, что остается непостижимым и недоступным для них, он освещает сравнениями и аналогиями".[1]

Далее он еще раз заостряет внимание на этой проблеме, говоря о природе потусторонней жизни и трудности постижения ее простыми людьми. В этой связи, он пишет: "Но если суть шариата была бы такой, то он был бы бесполезным, и его внешняя сторона не могла бы служить здесь доказательством. Если предположим, что все явления мира, такие как наслаждения, покой, страдание и им подобные, являются духовными, а не телесными, и разум людей бессилен непосредственно их постигать, то религиозный закон не может объяснить их людям, проповедовать или предостерегать их без сравнений и аллегорий, доступных пониманию народа. Если это так, то как же бытие одной вещи может быть доказательством бытия другой вещи? Если предположим, что нечто общепринятое не таково, каким его представляют люди, то смысл разговора сводится к следующему: каким образом внешнее религиозного закона может быть доказательством истинности явлений потустороннего мира? Предположим, что явления того мира всецело духовны. В таком случае, религиозный закон не может быть тем, чем он есть. Стало быть, наличие религиозного закона необходимо в таком виде, независимо от того, являются ли явления того мира духовными или телесными. Но это еще не доказательство истинности ни того, ни другого. Изложенное нами полезно тому, кто желает быть избранным, а не простым среди людей. И этому человеку необходимо знать, что внешнее религиозного закона в данном случае не есть доказательство. И, наконец, все, что сказано в этой книге, далеко от нашего метода объяснения".[2]

Как видно, все эти доказательства не относятся к его методам, и поэтому он переходит как бы к позиции собственно философского метода рассмотрения этого вопроса и связывает его с определением сущности человека. Исходя из этого, Ибн Сино пишет: "Знай, что человек становится человеком не благодаря субстрату, называемому "материей", а благодаря форме, бытие которой заложено в материи. Человеческие дела, такие, как искусства, науки и т. п., восходящие от людей, возможны благодаря наличию формы материи, а не из-за материи как таковой. Когда форма исчезает, а ее материя превращается в прах или в другой элемент, то исчезает и тот субстрат, который был материей данного человека. И если в этом субстрате проявляется форма другого человека, то это суть другой человек, ибо от первого человека второму досталась лишь материя, а форма его иная. Человек становится человеком благодаря форме, а не материи. Стало быть, восхваление, порицание, вознаграждение за добродетели или наказание за грех относится к форме, но не к материи. Все перечисленное относится к человеку потому, что он человек, а человек он благодаря форме, но не благодаря материи. А если это так, то при воскресении наказаннию подлежит не зловредный и вознаграждается не добродетельный, ибо он не тот, который был раньше, а другой. Стало быть, между ними имеется общность материи. Но если это так, то воскресение и вторая жизнь не достигнут желаемой цели, а она такова, что каждый должен получать соответственно своим действиям. Поскольку наказываются и вознаграждаются другие, цель не будет достигнута".[3]

Действительно, все религии считают, что материальное тело это темница души, от которой душа должна освободиться и достичь спасения, а если в будущей жизни душа возвратится в то же тело, то для нее это страдание. Ибн Сина остерегает философов от поспешного суждения и как бы защищает шариат и его законы, говоря: "Однако тот, кто знает философию и через нее очистил душу свою, не должен поспешно отрицать те вещи, смысл которых еще не ясен, и должен размышлять о сущности шариата. Он должен знать, что величайшим признаком правильности шариата является то, что он ниспослан в том содержании и в той форме, в которой существует".[4] В связи с этим уместно напомнить 259 и 260 стихи второй суры Корана. В последнем стихе говорится: "Задумывался ли, о Мухаммед, над

[1] Ибн Сина Абу Али (Авиценна). Соч. Т.1. – С.809.
[2] Там же. - С.810.
[3] Там же. - С.810.
[4] Там же..- С.810.

тем, как Ибрахим сказал: "Господь! Покажи мне, как Ты оживляешь покойников". (Аллах) спросил: "Разве ты не уверовал?" Ответил тот: "Почему же? Но это ради того, чтобы мое сердце успокоилось". Аллах велел: "Поймай четырех птиц, возьми их (разорви на части) и оставь по кусочку на каждой горе. А потом кликни их. Они слетятся к тебе стремительно. Знай же, что Аллах- велик, мудр". (К.2:260)

Далее Ибн Сина заостряет внимание своих читателей еще на одной логико-теоретической проблеме. Он пишет: "Если ты поразмыслишь, то будешь знать, что вся поверхность обжитых земель состоит из тел покойников, смешанных с землей, превращенной в поля, где выращивают зерно, служащее пищей для людей. Если это так, то становится невозможным, чтобы обе человеческие формы, которыми материя обладала в два разных отрезка времени, одновременно возвращались к ней без всякого различия".[1]

Ибн Сина далее в этом трактате подвергает критическому анализу и христианские преставления о воскресении и тем самым восхваляет религию, ниспосланную на языке Мухаммеда. "Знай, что самым слабым мнением о ма'аде является мнение христиан. Это объясняется тем, что религия, ниспосланная на языке Мухаммеда, да будет ему мир, является самой превосходной и избранной среди [всех] религий. Поэтому его религия стала завершающей".[2] Далее он разъясняет почему религия, ниспосланная на языке Мухаммеда, превосходит другие религии, в том числе и христианство. Шайхурраис Абу Али Ибн Сина в этом суждении, прибегая к теории двойственности истины, отводит на задний план основную проблему воскресения, т.е. его духовность или телесность. Он говорит о превосходстве конкретно-чувственного разъяснения данного в Коране, о загробном мире. Здесь он, основываясь на характере религиозного сознания пишет: "Но нельзя объяснить все это так, чтобы все высказывания были абстракциями чистого разума. Духовные качества не поддаются познанию другими разумами, кроме разума умнейших мудрецов. Этот разум должен проповедовать среди людей добродетель, извещать о добре и устрашать их наказанием за злодеяния, объяснять им потустороннее счастье и несчастье таким образом, чтобы люди предпочитали и поняли добро, а не преподносить так, чтобы было непонятно людям. Разум должен преподнести наслаждение потустороннего мира в зримых, слышимых, осязаемых, обоняемых и съедобных формах, а также в форме полового сношения. Об этом он должен рассказать подробно, чтобы [люди] удовлетворились. Причину каждого из этих наслаждений необходимо объяснить последовательно, как сказано: "Большеокие гурии, вечные слуги и фрукты" (К.56:14-23) То есть объяснить им, что они будут иметь все желаемое: женщин и рабов, фрукты и сады с ручьями из меда, молока, вина и прозрачной воды, террасы, шатры, высокие купола, золотые ковры, красивые халаты, поля рая, различные виды небес и земли и т. п. Он должен объяснить им, что у них не будет тоски и горя, они гарантированы от страха и исчезновения, и всегда будут в радости и веселье. Самое высшее наслаждение среди них - лицезрение всевышнего бога, когда он снимает завесы, чтобы люди увидели его. Хотя лицезрение бога некоторым представляется невозможным, тем не менее оно доказывается религиозным законом, и многие верят в него. В сообщениях Пророка (да благословит Аллах его и его семью), переданных из уст в уста, а они правильные и не может быть иначе, говорится, что если призывают невежд к действительному добру и справедливости, которые имеются у многих, то это означает призывать их к таким делам, которые противоречат их характеру и сущности, т. е. эти призывы будут против животных поступков, которые взяли верх над говорящей душой человека, будто она исчезла или исчезло действие, присущее ей и подобающее ее управляющему положению. Смысл этих слов таков: поскольку в простолюдине возобладали такие животные действия, как страсть, вожделение, гнев и так далее, постольку исчезли мудрость, благодарение и повелевание другим людям совершать добрые дела, присущие говорящей душе.

Если это так и если религия объясняет все, как оно есть на самом деле, то люди не будут понимать сказанного и будут принимать религию только путем насилия и страха. Но невозможно, чтобы каждый человек был настолько трусливым, чтобы стать [по

---
[1] Там же.- С.814.
[2] Там же.- С. 814.

этой причине] приверженцем религии. И поскольку тот путь невозможен, религия должна объяснять, что в потустороннем мире добродетеля ждет вознаграждение, а злодея — наказание. Объяснить это надо так, чтобы оно было сходно с теми вещами, которые они видят и слышат. Творец сам по себе награждает людей за их дела. Когда люди представляют это и узнают об этом, тогда примут религию. Необходимо объяснить дела потустороннего мира таким образом, чтобы люди не думали, что они невозможны, а чтобы у них появился интерес к ним. Как перечисленные выше телесные наслаждения и блаженства, о которых говорят, являются уделом добродетелей, уделом же злодея, напротив, являются — огонь и холод, жара и пламя, цепи, которые привязаны к их шеям, демоны, испившие кровавых слез, железный гвоздь, которым прокалывают людей. И когда в результате мучения кожа исчезнет, заменяют ее другой, и это продолжается до тех пор, пока огонь не пожирает человека. Этим мучениям и страданиям не будет конца. Поэтому мы сказали, что пророк должен заложить основы религии таким образом, чтобы действительное вознаграждение и наказание не было понятно людям, до тех пор, пока они не укрепят и не очистят душу, не изучат науки и не познают истинное добро. Суть этого вопроса не прояснится тому, кто не будет стремиться к очищению души и изучению наук и не будет бояться наказания за грехи. И поскольку невозможен [прямой] призыв простонародья к действительному добру, то необходимо избрать другой путь: устно излагать телесное вознаграждение и наказание, объяснять воскрешение тела и возмездие ему за поступки, и разъяснить, что наказание и награждение возможно тогда, когда воскресают тела. Следовательно, религии необходимо основываться на том, что нами было объяснено. Наш пророк – Мухаммед, мир ему и его семье, - настолько в совершенстве излагал этот вопрос, что невозможно дополнить его.

Поэтому Ибн Сина считает, что христианская идея потусторонней жизни, т.е. представление о том, что "истинное счастье и наслаждение духовно", не привлекательна, если люди в той жизни, по учению христианства, как ангелы, хотя большинство людей придерживается этого учения. "Однако, они, опасаясь религии, не говорят о том, что ангелы являются несчастными, что у них нет наслаждения и блаженства, ибо если они не едят, не пьют, не совокупляются, а днями и ночами находятся в служении, нет смысла в такой жизни. И в итоге им не будет вознаграждения, как представляют люди, ибо они не едят и не пьют. Следовательно, это большое несчастье и мучение. Это вводит в заблуждение простой народ, хотя из-за боязни он откровенно не говорит об этом. Поскольку истинное счастье и наслаждение духовно, им оно непонятно, они его не представляют и потому думают, что оно невозможно. Правда, некоторые люди на словах признают, но внутренне не верят в него. И если это так, то они думают, что ангелы находятся в вечном мучении".[1]

Ибн Сина нигде в открытой и абсолютной форме, как было рассмотрено выше, не отрицает ни телесного воздаяния и наказания, ни ада, ни рая. Он только подчеркивает, что все, что сказано в шариате об этих явлениях, есть аллегории, сравнения, метафоры, которые употреблены в соответствии с пониманием необразованной публики и простолюдинов. Газали признает метафорический характер некоторых положений Корана, но, по его мнению, то, что сказано о качествах рая и ада, и объяснение этих состояний, настолько ясны и четко изложены, что не подлежит толкованию. То, что сказано загробных явлениях, не представляется невозможным для Божественного могущества. Стало быть, необходимо, чтобы их восприняли по их внешнему выражению. Ал-Газали, рассматривая аргументы философов о невозможности телесного воскресения, лишь отмечает, что в сокровищнице предопределений есть чудеса и тайны, которые целиком и полностью познать невозможно. И только тот отрицает их, кто думает, что не существует ничего другого, кроме того, что он наблюдает. Ал-Газали не согласен и с идеей философов-перипатетиков о невозможности одновременного воскресения души и тела, об одновременном духовном и телесном воздаянии и наказании. Но он подробно не анализирует и не опровергает их аргументы, выдвинутые для доказательства их взглядов о невозможности одновременного воскресения души и тела, а также об одновременности духовного и телесного воздаяния и наказания, а ограничи-

[1] Ибн Сина Абу Али (Авиценна). Соч. Т.I. - С.818.

вается замечанием: "...что препятствует осуществлению объединения двух видов счастья - духовного и телесного, а также телесного и духовного несчастья".[1]

Опровергая учение философов о невозможности телесного воскресения, ал-Газзали предлагает свою теорию воскресения. Суть ее состоит в том, что "душа после отделения от физического тела привязывается к другому, но таким образом, что все части первоначального тела не возвращаются (не возрождаются). Но тело, к которому привязывается возрожденная душа, таково, что ты скажешь, что оно есть то первое тело, которое уже существовало. В целом, физическое тело постоянно находится в состоянии разложения, изменения и превращения. Вместе с тем оно имеет некоторую постоянную, неизменчивую сущность, которая сохраняется при всех обстоятельствах. Вот эти постоянно сохраняющиеся части тела и называется подлинными частями тела".[2]

Согласно исследованию З. Диноршоевой, изложенная здесь Мухаммадом ал-Газали концепция воскресения не нова. "Она уже существовала в эпоху Ибн Сино, который открыто оценивал ее как метемпсихическую. Как метемпсихическую понимали и оценивали концепцию ал-Газали и некоторые его современники и многие последующие мыслители. Больше того, они обвиняли его в том, в чем он обвинял философов, - в неверии и вероотступничестве".[3]

Таким образом, сущностную основу человека, благодаря которой человек становится человеком, составляет душа, которой присущи такие виды человеческой деятельности, как познание вещей, ремесленное искусство, а также познание самого себя, иначе говоря, размышление над своим бытием. Когда человек воздерживается от зла и совершает добро или каким-либо образом причастен к горю, радости и наслаждению, то в действительности всё это испытывает его душа. Наслаждение и страдание, добро и зло свойственны не только душе, но и телу, хотя относятся ко второму роду. Привязанность тела к душе и привычки делают его соучастником её горя и радости. Но телесные наслаждения не могут заменить духовных наслаждений, ибо истинные наслаждения человек испытывает душой, а не телом.

Мы рассмотрели только те основные споры, которые были в истории исламской философии и богословия, но следует сказать, что и после Абу Али ибн Сины и Абухамида Мухаммада Газали также были споры и дискуссии по этим вопросам. Все они говорят о том значении, которое имели эти проблемы в исламской богословской и философской литературе.

[1] Диноршоева З.М. Мухаммед ал-Газали и его отношение к философии. - С.142.
[2] Там же.- С.142.
[3] Там же. - С. 143.

### Литература

1. Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины..Душанбе: Дониш, 1985.С.137.
2. Диноршоева З.М. Мухаммад ал-Газзали и его отношение к философии. Душанбе, 2002. С.132-133.
3. Ибн Сина Абу Али /Авиценна. О сущности маад. Соч. Т.1Душанбе: Дониш, 2005.-960с.- С.802.
4. Ибн Сина Абу Али /Авиценна. Соч.Т.2. Душанбе: Дониш, 2005. -840с.
5. Ибни Сино. Илоҳиёти наҷот.-Теҳрон, 1377.С.293-294.
6. Муҳаммад бини Муҳаммад Ғазолӣ. Кимёи саодат. Иборат аз ду ҷилд. Тасҳеҳи Аҳмад Ором.-Теҳрон: Китобхонаи марказӣ,1334.-886с.
7. Муҳаммад бини Муҳаммад Ғазолӣ. Эҳёул-улум-ад-дин. Ҷ.1-4.-Қоҳира, 1939.
8. Муҳаммад бини Муҳаммад Ғазолӣ. Таҳофут-ул-фалосифа.Чопи Бомбай,1304 қ.
5.Платон. Соч. в 3-х т. /Пер. с древнегреч. Под общ. ред. А. Ф. Лосева и В.Ф. Асмуса. М.: Мысль, 1968. Т.1. С.84-88.
6.Рахимов М. Философия человека Абуали ибн Сины (Авиценны). Душанбе: Ирфон,2004. С.67.
7. Шамолов А.А.Философия теологии Мухаммада Газали.-Душанбе, 2008.

**М.Б. Элназаров**

## Шарҳу тавзеҳи фалсафию диншиносии консепсияи ухравию дунявии ҳаёт

Мавзӯи дунё ва охирати инсон яке аз пурбаҳстарин мавзӯи афкори фалсафию илоҳиётшиносӣ буда, донишмандон зиёде ба он таваҷҷуҳи зиёд намуда, асарҳои алоҳида навиштаанд. Муаллиф дар мақола кӯшиш кардааст, ки назариёт,ҷаҳонбинӣ ва таълимоти ду намояндаи маъруфи фалса-

фаи асримиёнагии тоҷик- Абуалӣ ибн Сино ва Муҳаммад Ғазолиро оид ба ин масъала шарҳу эзоҳ диҳад.

**Вожаҳои калидӣ:** маънидод (тафсир), дунё, охират, ҷон, рӯҳ, эҳё, бозгашт, маод, накӯкорон, бадкорон, сазо, ҷазо, ҷавҳар,эътиқодмандон, нобоварон, дунёи баъдимаргӣ, хирад, саодат, шақоват, Офаридгор, ҳакимӣ, хушбахтӣ, бадбахтӣ, хубӣ, бадӣ.

**M.N. Elnazarov**

## Philosophical and theological interpretation of the concept of hereafter and other worldly life

The problem of life and death was one of the main theme and pivotal think of humanity in all time. For some men the death wasn't the end of life but it is the way to enter into another world. The man is the best creation of Got and with the sufiya's think of "Orphanhood world" always tries to look for dicovering of death's mistery. That's why about the human, the crux of his life and death and the ways of well being of this and that world were sent.The prodiction of all prophets also were admonished to make kindness for people and to be supplied their happiness. The theme of the world and the end of humanity was one of the disputable theme of philosophers and thinkers thought and many learneres paid a lot of attention and wrote a number of works. The autor of the article tried to show and comment the views, outlook and teachings of two well-known reprisentatives of the tajik philosophy of the middle ages Abuali ibni Sino and Muhammad Gazoli.

**Key words:** commentary, world, the end, soul, spirit, revival, return, benefacors, adulterers, deserving, punishment, pearl, sincere, distrustful, afterdeath's world, intelligence, happiness, generosity, creator, good natured, luckiness, misfortune, evil, good qualities.

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -3/2015

# "ЗАХИРАТ–УЛ - МУЛУК"— БУЗУРГТАРИН НАМУНАИ ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Ҳотам Асозода [1]

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314-1386) намояндаи бузурги илму адаб ва фалсафаю ҳикмати асри Х1У- и Машриқзамин дар ривоҷу нумӯи як қатор улуми замони хеш саҳми босазо доштааст. Ин орифи шаҳир бо офариниши асарҳои пурмазмуну баландғоя аз қабили "Чиҳил асрор", "Захират – ул - мулук", "Даҳ қоида", "Минҳоҷ – ул - орифин", "Мақомоти сӯфия", "Одоб – ул - машоих", "Авроди фатҳия", "Авроди асрия" ва амсоли инҳо дар осмони маърифат ва илму адаб то кунун чун ситораи дурахшон нурпошӣ менамояд.

Дар ин қатор "Захират – ул - мулук" - асари машҳури аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буда, дар китобхонаҳои калонтарини ҷаҳон, азҷумла Эрон, Ӯзбекистон, Англия, Русия, Амрико ва инчунин нусхаи беш аз садсолаи "Захират – ул - мулук", ки дар хазинаи Осорхонаи мероси адабӣ ва осори хаттии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамдонӣ маҳфуз мебошад. Ба ҷуз чанд адад аз нусхаи маҳфуз дар хазинаи осорхонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хазинаи Институти шарқшиносӣ ва осори хаттӣ таҳти рақами 546 дар варақҳои $1^{б}$ то $156^{б}$ нусхаи дигари ин асар низ мавҷуд мебошад.

Оид ба соли таълифи "Захират – ул - мулук" дар маъхазҳо ва сарчашмаҳои илмии дар ихтиёри мо қарордошта маълумоти дақиқ пайдо накардаем.

Асоси мундариҷавии ин асари пурарзишро панду насиҳати шоҳону ҳокимон ва дигар табақоти ҷомеаи он замон ташкил медиҳад. Ба панди шоҳону ҳокимон рӯ овардани Алии Ҳамадонӣ бесабаб набудааст. Замоне, ки ин марди фозил зиндагӣ ва эҷод намудааст, ба даврони ҳукумронии сулолаи Темуриён иртибот дорад. Ҳамчунон, ки аз ишораи сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, бештари ҳокимони ин сулола дар сафаҳоти таърих номи хешро аз аъмоли солеҳаю накӯ дида, бештар бо ахлоқи замимаашон чун қатлу ғорат, зулму истибдод "муаррифӣ" намудаанд.

Ҳарчанд, ки муносибати Амир Темур ва баъзе намояндагони хонадони ӯ ба аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хуб набуд ва пайваста аз ҷониби онҳо озору шиканҷа медид, аммо бо вуҷуди ин вай забон аз насиҳат бознамедошт ва бе тарсу ваҳм ба шоҳону ҳокимони замонаш сухани ҳақро иброз медошт. Ин ҳама фошгӯиҳо ва ҳақиқатхоҳиҳо оқибат боиси фирору гирифторӣ ва мусибату азияти ӯ мегардиданд. Орифи бузург бар ин аст, ки агар подшоҳону ҳокимон аҳли хираду адаб бошанд, ба салтанати раият ҳақ доранд вагарна не.

Ақидаи шоҳи одил ва раиятпарвар дар боби панҷуми асар, ки "Дар аҳкоми вилоят ва салтанат ва имορат ва ҳуқуқи раоё ва шароити ҳукумат ва хатари ӯҳдаи он ва вуҷуби адл ва эҳсон" номгузорӣ шудааст, хеле муфассал таҳлил гадидааст. Ҳаким бо мақсади нишонрас гардидани андарзҳои хеш аз ҳаёт ва зиндагии ҳокимони одили салаф, аз рӯзгору хилофати хулафои ислом ва ҳатто паёмбарони мурсал дар ин боб андарзҳои фаровон истифода намудааст: "Ва аз замони Одам, алайҳиссалом, илалон чанд каси маъдуд беш набуданд аз акобири анбиё, чун Юсуф ва Мӯсо ва Довуд ва Сулаймон ва Муҳаммад, алайҳимуссалом ва аз хулафо чун Абӯбакр ва Умар ва Усмон ва Алӣ, ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаин, ки сирри ин мансаб дар вуҷуди шарифи эшон зуҳур кард ва эшон ба адои ҳуқуқи он, чунон ки мебоист, қиём намуданд ва сиратҳои эшонро бар золимони ҷофӣ ва ҷоҳилони осӣ ҳуҷҷат гардониданд. Пас, ба ҷиҳати танбеҳи золимони фоҷир ва фосиқони ҷобир, ки салтанат ва ҳукумати аҳли исломро сармояи таҷаббур ва такаббур сохтанд ва имορат ва вилоятро доми

[1] Директори генералии Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб», номзади илми филология.

шаҳвати нафс ва ҳаво гардонида ва зулм ва шурурро салтанат пиндошта ва фисқу фуҷурро расми бузургӣ намуда, ҳикояте чанд аз аҳволи салтанат ва вилоят ва хилофати анбиё ва авлиё ва осори ҳукумати атқиёи хулафои рошидин дар ин боб эрод карда ояд, то тазкира бувад толибони саодати онҷаҳониро ва ҳуҷҷат гардад бар тобеони васовиси шайтонӣ ва окифони маҳовии нафсонӣ, иншоаллоҳу таъоло"[1].

Ҳидоят ба накӯкорӣ, адолату инсоф, пайравии ақоиди ҳамидаи инсонӣ ва дигар хислатҳои ҳамида дар тамоми боби мазкури асар чун хатти сурх ба назари хонандаи нозукбин мерасад. Алии Ҳамадонӣ ба такрор таъкид менамояд, ки шоҳону ҳокимон пайваста пайи беҳзистии раият кӯшиш намоянд ва ин салтанати чандрӯза насибашонгаштаро сабаби балову офати ухравияшон нагардонанд: "Эй азиз, чун аз ин ҷумла, ки гузашт, маълум кардӣ, ки анбиё ва хулафои рошидин, разияллоҳу анҳум, дар салтанат ва подшоҳӣ чӣ гуна будаанд ва чӣ гуна зиндагонӣ кардаанд, бо вуҷуди қудрат ва подшоҳӣ ва хазоин чӣ гуна бар нафси худ танг мегирифтаанд ва дар меҳнати дунё ба сабр зиндагонӣ мекардаанд ва дар нашри осори маъдалат ва шафқат ва эҳсон бар халқ мекӯшиданд ва бо ин ҳама аз хатароти вилоят ва ҳукумат эмин набуданд, то бидонӣ, ки мубошарати вилояти мусулмонон кори азим аст ва иштиғол ба ҳукумат амри хатир аст. Ва ҳоким ва подшоҳ чун бар наҳҷи адл ва эҳсон бувад ва дар иқомати ҳудуди шаръ ва нифози аҳкоми дин кӯшад, дар замин ноиби баргузидаи Ҳақ ва сояи илоҳӣ ва халифаи Раҳмон бошад. Ва чун тариқаи адл ва эҳсон бигузорад ва бар бандагони Ҳақ шафқат накунад ва мутобаати нафс ва ҳаво кунад ва эҳмоли иқомати ҳудуди шаръ раво дорад, вай, ба ҳақиқат, ноиби даҷҷол ва душмани Худой ва Расули Худост ва халифаи шайтон аст. Ва гӯйи саодати абадӣ аз майдони ҳукумат ва салтанат касе барад, ки аз сари инсоф тааммул кунад ва бидонад, ки аз куҷо омадааст ва охир ба куҷо хоҳад рафт ва аз омадани ӯ бадин олам мақсуд чист"[2].

Нусхаи дар хазинаи Осорхонаи мероси адабӣ ва осори хаттии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамдонӣ маҳфуз аз 308 саҳифа иборат буда, соли 1905 дар чопхонаи шаҳри Лоҳур ба табъ расидааст ва аз чопи асар сад сол гузашта бошад ҳам, он дар шакли хуб маҳфуз мондааст. Ин нусха аз рӯйи ишораи саҳифаи охир, бар асоси нусхаи чаҳорсадсола нашр гардидааст. Дар бораи арзиши таърихии асар ва сайю кӯшиш дар чопи навбатии китоб аз забони Ҳоҷӣ Зулфиқор ном шахс чунин ишорае омадааст: "... бо саъйи бисёр ва кӯшиши бешумори бандаи хатокор Ҳоҷӣ Зулфиқор валади марҳуми мағфур Оқои Шермуҳаммадхон. ... умед аз нозирини ин китоби мустатоб файзи истисоб он аст, ки баъд аз истифодаи хайр мусанниф ва муҳаррирро ба дуои хайр ёд фармоянд, ки аз нусхаи чаҳорсадсола нақл карда ба касрати вақт барои фоидаи мӯъминони қадрдони аҳли ислом…"[3]

Нусхае аз "Захират – ул - мулук"-ро донишманди эронӣ Сайид Маҳмуди Анворӣ соли 1980 ба чоп омода намудааст. Хонандаи тоҷик бори нахуст соли 1991 тавассути китоби чопнамудаи қиблагоҳи бузургворам Раҷаб Асозода ва муаллифи ин сатрҳо таҳти унвони "Шаммае аз "Захират – ул - мулук" ба таври мухтасар огаҳӣ пайдо намуда буд[4]. Соли 1993 бошад, мухтасари даҳ боби ин китоб дар таҳияи муаллифи ин сатрҳо бо пешгуфтори муфассал ва пурмӯҳтавои Раҷаб Асозода пешкаши хонандагони гиромӣ гардонида шуд[5].

Асар бо ҳамду санои Ҳазрати Самадият оғоз мегардад. Алии Ҳамадонӣ дар мавриди таълифи асар чунин нигоштааст: "Муддате буд, ки ҷамъе аз мулук ва ҳукамои аҳли ислом ва амоҷид ва ашрофи навъи аном, ки дар истислоҳи аҳли дин эҳтимом мекунанд,…. ба сабаби акидаи муҳаббат ва робитае, ки бо ин заиф доштаанд, аз ин фақир ҳар вақт илтимоси

[1] Агар Худои бузург хоҳад:

[2] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират – ул - мулук. Лоҳур, 1905. – С.132.

[3] Ҳамон ҷо. 1905. - С.135.

[4] Раҷаб Асозода, Ҳотам Асозода. Шаммае аз «Захират – ул - мулук». Кӯлоб, 1991

[5] Раҷаб Асозода,Ҳотам Асозода. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Кӯлоб,1993.

тазкираи муфид мекарданд ва боиси азм дар ибрози он маънӣ мутараддид буд…"[1]

Шарқшиносони рус "Захират – ул - мулук"-ро "Сокровище государей" тарҷума намудаанд. Воқеан, ҳангоме ки кас бо мазмуну мундариҷаи ин асар шинос мегардад, онро як рисолаи пурарзишу пурмӯҳтаво ва роҳнамои ҳақиқии ҳокимону салотин мебинад.

"Захират – ул - мулук" аз даҳ боб иборат аст:

1. Боби аввал. Дар шароит ва аҳкоми имон ва лавозими камоли он, ки сабаби наҷоти банда аст аз азоби абадӣ ва василати вусули ӯ ба давлат ва наими сармадӣ.
2. Боби дуввум. Дар адои ҳуқуқи убудият.
3. Боби саввум. Дар макорими ахлоқ ва ҳусни хулқ ва вуҷуби тамассуки ҳоким ва подшоҳ ба сирати хулафои рошиддин.
4. Боби чаҳорум. Дар ҳуқуқи волидайн ва завҷ ва завҷа ва авлод ва абид ва ақориб ва асдиқо.
5. Боби панҷум. Дар аҳкоми салтанат ва вилоят ва аморат ва ҳуқуқи раоё ва шароити ҳукумат ва хатари ӯҳдаи он ва вуҷуби адл ва эҳсон.
6. Боби шашум. Дар шарҳи салтанати маънавӣ ва асрори хилофати инсонӣ.
7. Боби ҳафтум. Дар баёни амри маъруф ва наҳйи мункар ва фазоил ва шароит ва одоби он.
8. Боби ҳаштум. Дар баёни ҳақоиқи шукри неъмат ва зикри аснофи инъом ва ифзоли Ҳазрати Самадият.
9. Боби нӯҳум. Дар баёни ҳақиқати сабр бар макореҳи масоиби дунявӣ, ки он аз лавозими умури вилоят ва салтанат аст.
10. Боби даҳум. Дар мазаммати такаббур ва ғазаб ва ҳақиқати он. Ва хатми китоб.

Аз муқоисаи сабки нигориши асар чунин бармеояд, ки забони он содда буда, дар услуб ва тарзи баён ба "Насиҳат – ул - мулук"-и Ғазолӣ ва ба "Гулистон"-и Саъдӣ хеле шабоҳат дорад.

Олими эронӣ Маҳдии Дурахшон "Захират – ул -мулук"-и Сайид Алии Ҳамадонӣ ва "Ахлоқи носирӣ"-и Насируддин Тӯсиро дар як радиф ва услуби нигориши ин ду шоҳасарро ба услуби нигориши "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ баробар медонад.

Ба қавли муҳаққиқи дигари эронӣ Сайд Маҳмуди Анворӣ, ин ду асар дар зери таъсири яке аз шахсиятҳои шинохтаи олами ислом ва рӯҳонии бузург Абӯҳомиди Ғазолӣ (1058-1111) таълиф гардидаанд. Ҳатто бархе аз масоили "Захират – ул - мулук", ба қавли Анворӣ, тарҷума ва рӯйнависи "Эҳё – ул - улум"-и Ғазолӣ мебошанд. Албатта, ин нукта баҳсталаб аст. Дар "Захират – ул - мулук"-и Алии Ҳамадонӣ низ масъалаҳои ахлоқ, иҷтимоиёт, дин ва тасаввуф васеъ баррасӣ гардидааст. Ин асар ҷаҳонбинӣ ва умуман, консепсияи сӯфияи ӯро равшан мегардонад.

Мутаассифона, асари мазкур то кунун, чуноне месазад, омӯхта нашудааст. Фақат муҳаққиқин ҳангоми дар бораи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сухан рондан нисбати ин ва ё он тарафи асар ақоиди хешро баён намудаанд.

Масалан, шарқшиноси олмонӣ Этте бобҳои 5 ва 6 уми асарро бобҳои асосӣ ва ҷавҳари асосии китоб дониста менависад: "Дар аввали ин китоб сухан дар бораи эътиқоду дуо меравад, сипас, мубоҳиса доир ба вазифаҳои аъзоёни оила ва дар бобҳои панҷуму шашум, ки қисматҳои муҳими асар ба ҳисоб меравад, дар бораи қонунҳои идоракуниии ҳукумат ва мақсаду усулҳои давлати ҷудогона ба назар мерасад…"

Дар пайравии баъзе аз нуктаҳои "Захират – ул -мулук" дигар адибону файласуфон асарҳои ҷолиб офаридаанд. Далели равшани ин бобҳои асосии "Наводир – ул - вақоеъ"-и Аҳмади Дониш дар мавриди салтанат ва раият мебошад.

Чуноне ки дар фавқ зикр намудем, мазмуну мундариҷаи "Захират – ул - мулук" - и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ иборат аст аз васфи маърифату ҳикмат, тараннуми ахлоқи ҳамида ва мазаммати ахлоқи замима, тарғиби дӯстию рафоқат, ҳуқуқи убудият, ҳидоят ба сабру таҳаммул дар муқобили ранҷу машаққат, шукру сипоси неъмат. Дар маҷмӯъ ин асари рангину диққатҷалбкунанда хонандаро ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Андарзҳои ҳакимонаи ин марди фозил дар тамоми давру замон барои тарбияи панду ахлоқи

[1] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират – ул - мулук. Лоҳур 1905. – С. 2.

башарият кӯмак хоҳанд намуд. Масалан, ба одоби пӯшонидани либос барои фарзандон, ба қавли Алии Ҳамадонӣ, волидайн бояд аз синни хурдсолии онҳо таваҷҷӯҳ намоянд. Волидайн аз хурдӣ дар ниҳоди фарзанд одоби пӯшидани либосро ба тавре талқин намоянд, ки эшон аз хурдӣ дарк намоянд, ки пӯшидани ҷомаҳои рангину мунаққаш хосси мардон набуда, боиси пайдо гардидани тафохур ва кибр, ҳасад ва намима барин хислатҳи замима мегардад. Ва ин аъмоли номашрӯъ дар ҳаёти минбаъдаи фарзанд таъсири манфӣ хоҳад расонид: "...ва аз пӯшидани ҷомаҳои рангину абрешим манъ кунад ва ӯро огоҳ кунад, ки ин пӯшиши занон ва муханнасон аст. Ва фарзандро аз сӯҳбати кӯдаконе, ки ба ҷомаҳои рангин ва абрешимин пӯшидан ва танаъум карда бошанд, албатта, нигоҳ дорад, ки фасодии ахлоқи бештари атфол аз ин аст. Ва бад - он сабаб бештарин сифоти мӯҳлика аз дурӯғ ва намима ва ҳасад ва уҷб ва кибр ва ҳирсу бухл ва макру ғадр дар ниҳоди кӯдак росих меёбад..."[1].

Роҷеъ ба Алии Ҳамадонӣ ва "Захират – ул - мулук"-и ӯ сухан ронда, набояд фаромӯш созем, ки мутафаккир фарзанди замони хеш буд ва бешак, фармонбари идеологияи ҳукумрони ҷомеаи худ буд. Сарчашмаи асосии таълифоти Амири Кабир ин пеш аз ҳама Қуръон ва аҳодиси набавӣ маҳсуб мегардиданд.

Аллома дар баёни таълимоти тасаввуфии хеш аз осору эҷод ва ғояҳои намояндагони машҳури ҷараёнҳои мухталифи адабу тасаввуф, аз қабили Абӯҳомиди Ғазолӣ, Шайх Фаридуддини Аттор, Ибни Арабӣ, Саноӣ, Наҷмуддини Кубро, Маҳмуди Шабистарӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва монанди инҳо фаровон истифода намудааст.

Аз таълифи асар 700 - сол гузашта шуда бошад ҳам, ин ганҷи пурбаҳои маънӣ аҳамияти таърихии хешро гум накардааст.

[1] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират – ул - мулук. Лоҳур. 1905. – С. 78.

Hotam Asozoda

## Mir Said Ali Hamadoni and his treatise "Zakhirat-ul-Muluk"

In this article the author involving previously not included in the scientific revolution of the information talks about the content and history of writing important tract M. S. Hamadoni "Zakhirat-ul-Muluk". This treatise was written under the influence of a priceless work of M. Ghazali's "Revival of the Sciences". The treatise of M. S. Hamadoni "Zakhirat-ul-Muluk" covers important aspects of Sufi teachings and other sides of the ideological creativity of the thinker.

**Keywords:** History of resources, occupation, steal, great mystic, justice king, build, Islam, selfishness.

Ҳотам Асозода

## Мир Саид Алии Хамадони и его трактат "Захират-ул-мулук"

В данной статье автор с привлечением ранее не вошедшие в научный оборот сведений рассуждает о содержание и истории написания важного трактата М. С. А. Хамадони "Захират-ул-мулук". Данный трактат была написана под влиянием бесценного труда М. Газали "Воскрещение наук". Трактат М. С. А. Хамадони "Захират-ул-мулук" охватывает важные аспекты суфийского учения и другие мировоззренческие стороны творчества мыслителя.

**Ключевые слова:** Исторические источники, оккупировать , воровать , великий мистик, справедливый царь, здание, эгоизм.

# ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚӢ, СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Ф.М. Абдулхонов[1]

Дар мақола масоили ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар таъимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барасӣ гардидааст. МирСаид Алии Ҳамадонӣ аз ҷумлаи бузургони форсу тоҷик, мутафаккири шинохтаи машриқзамин мебошад.Мавсуф чун бузургони гузашта кӯшидааст, ки дар асарҳои эҷод намудаи хеш ба масоили мубрами ҳаётӣ инсондӯстӣ, ростқавлӣ, ҳақшиносӣ, илмдӯстӣ ва ғайра андешаҳои ноб баён дошта, тавасути ин ин таълимоти хеш ба ашхоси табақоти гуногун ба хусус ҳокимону амаллорон панду андарз дода, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намуда аз амалҳои зулмпешагӣ боз дорад.

**Вожаҳои калидӣ:** Адолат, ҳокимият, шоҳ, давлат, маърифат, инсондӯстӣ, ҳақиқатпешагӣ, давлат, давлатдорӣ, ҳақшиносӣ, зулм, беадолатӣ.

Мавзуи панду ахлоқӣ ва тарғиби андешаҳои инсондӯстӣ ва адолатпешагӣ дар таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик мавқеи муҳимро ишғол намуда, аксари бузургони мо дар таълифот ва таълимоти хеш кӯшидаанд, ки ба ин масоили муҳими иҷтимоӣ андешаҳо баён дошта баҳри наслҳои оянда як роҳу равиши созандаро пешкаш намоянд. Аз ҷумлаи бузургони форсу тоҷик мутафаккири шинохтаи машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад мавсуф чун бузургони гузаштаи худ кӯшидааст, ки дар асарҳои эҷод намудаи хеш ба масоили мубрами ҳаёт, инсондӯстӣ, ростқавлӣ, ҳақшиносӣ, илмдӯстӣ ва ғайра андешаҳои ноб баён дошта, тавассути таълимоти хеш ба ашхоси табақоти гуногун ба хусус ҳокимону амалдорон панду андарз дода, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намуда аз амалҳои зулмпешагӣ боз дорад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар кулли таълифоти панду ахлоқии хеш ба ташвиқу тарғиби ғояҳои олии инсонӣ, аз қабили покманишӣ, маърифатдӯстӣ ва умуман ба тарғиби инсони комил кӯшидааст. Мутафаккир дар ҳама асарҳои худ масоили баробарӣ, бародарии тамоми инсонҳоро ба миён гузошта, ҳатто аз афроде, ки дар ҷомеа соҳибимтиёз буданд мурувватпешагӣ ва татбиқи адолати иҷтимоиро талаб менамояд.

Дар масоили мазкур мутафаккир мефармояд: "Филҷумла ҳар киро банда ва ҷорияест ӯро мавқуфи арз, аз ҳуқуқи эшон хоҳад пурсид ва бандаро бар хоҷа ҳафт ҳақ аст. Аввал он ки дар хӯрдан ва пӯшидан ӯро бо худ баробар дорад; дуввум он ки ӯро зиёдат аз тоқат кор нафармояд; саввум он чӣ аз ҳудуд ва аҳкоми шаръ, бар вай воҷиб аст, ӯро таълим кунад; чаҳорум он ки чун дар рӯз вазифаи хидмат бар ҷой оварда бошад, ба шаб кори дигар нафармояд; панҷум он ки ӯро ба назари ҳақорат набинад; шашум он ки дар вақти адои фароиз ӯро кор нафармояд, чунончӣ ба сабаби кори ӯ фароизи ӯ қазо шавад; ҳафтум он ки ҳар зилате, ки дар вай нуқсони дин набошад аз ӯ авф кунад"[2].

Дар таълимоти фавқуззикр мутафаккир масоили татбиқи адолати иҷтимоиро баён сохтааст. Мутафаккир тавассути панду андарз ба соҳибмансабон ва афроди корфармо таъкидан мефаҳмонад, ки доир ба ҳуқуқҳои ашхоси зертобеъи худ бо эҳтиёт бошанд ва онҳоро бо худ баробар бояд донанд, инчунин тамоми ҳуқуқҳои онҳоро аз қабили таъмини анвоъи ғизоворӣ ва либосворӣ, зиёда аз вақти муайян кор нафармудан, илм омӯзонидани зертобеъон, таҳқиру паст назадани онҳо, дар рӯзҳои муайян ба корманд истироҳат додан, баъзе амалҳои хатои онҳоро авф намудан ва ғайраро риоя намоянд.

Ин ақидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсию ҳуқуқии мутафаккир ҳақиқатан дар асрҳои миёна ақидаҳои пешқадам маҳсубгардида аз мутафаккир ҷуръату мардонагии хосаро талаб менамояд.

---

[1] Ходими пешбари ИФСҲ АИ Ҷумхурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.

[2] Асозода Ҳ. Насиҳатномаи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ. Кӯлоб, 1993.- С. 3-4.

Ин андешаҳое, ки мутафаккир дар татбиқи ҳуқуқҳои синфи меҳнакаш баён сохтааст баъд аз гузашти садсолаҳо дар таълимоти мутафаккирони аврупоӣ ба хусус файласуфон ва мутафаккирони замони эҳё, сотсиалистони хаёлӣ, маорифпарварони фаронсавӣ вохӯрдан мумкин аст.

Инчунин ин андешаҳои пешқадами Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар пешбурди мутафаккирон ва файласуфони форсу тоҷик таъсири амиқ расонидааст. Аз ҷумла таъсири ин андешаҳоро дар таълимоти мутафаккири барҷаста Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ вохӯрдан мумкин аст. Мавлоно Ҷомӣ ҳамфикр бо ин таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ баён медорад, ки шоҳ низ ба мисли одамони дигар як "бандаи Худо", буда, ҳокимиятдорияш абадӣ нест. Дар "Хираднномаи Искандарӣ" Ӯ ишора ба он мекунад, ки шоҳони зиёд кишварҳои дунёро забту истило намуданд, тиллову дигар ғанимат ҷамъ оварданд, вале пас аз фавташон ҳама ҳокимияту дорояшон барбод рафтаву аз худ номи нек нагузоштанд.

Аз ин хотир, накукорӣ хислати муҳими ҳокимиятдории боадолат пазируфта шуда, некӣ аз ҳокимият дида арзиши баландтар эътироф мешавад. Мутафаккир махсус таъкид менамояд, ки "ҳаёти инсон кӯтоҳ буда, дар онҳо "танҳо амалҳои некро бояд навишт". Дар "Хираднномаи Искандарӣ" ишора ба он мешавад, ки "дарҳои ҷаннат барои онҳое кушодаанд, ки бо амалҳои нек шӯҳрат касб намудаанд". Дар "Саламон ва Абсол"-и Ҷомӣ махсусан таъкид мекунад, ки таваҷҷуҳаш бештар ба "шоҳони ғамхору адолатпеша" нигарон аст.

Адолат таҳкурсии давлат эълон гашта, дар ин замина назарияи "ҳокимиятдории адолатпеша" тавассути истифодаи қоидаҳои "санъати шоҳӣ" пешбарӣ мешаванд. Ҳифзи ҳаққи раият, пеш аз ҳама фақирон, кишоварзон, ғуломонро вазифаи муҳими давлат эътироф менамояд.

Зимни чунин тарзи дарки ҳокимиятдорӣ Абдураҳмони Ҷомӣ, ба шакли мутафаккирони дигари форсу тоҷик, давлатро чун падидаи хайр, сохтори некхоҳ, василаи таъмини адолат, ҳимояи ҳуқуқҳои раият арзёбӣ мекунад"[1].

Чуноне ки маълум мегардад Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар баёни андешаҳои сиёсӣ - ҳуқуқии худ аз таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пайравӣ намудааст.

Таълимоти сиёсӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчунин таъсири худро дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии олимону мутафаккирони баъдии форсу тоҷик гузоштааст. Расул Ҳодизода зимни таҳқиқи осори маорифпарвари тоҷик аллома Аҳмади Дониш чунин қайд менамояд: "Дар вақти мутолиаи "Наводир-ул-вақоеъ" ба чанд нукта ва порчаҳое бархӯрдем, ки қисме аз онҳо дар китоби "Захират –ул -мулук" мундариҷ будааст.

Аҳмади Дониш дар вақти таълифи рисолаи сиёсиаш аз ин асари Алии Ҳамадонӣ истифода кардааст, зеро ин асар сар то по ба масъалаҳои шарту қоидаҳои ҳукумат бахшида шуда буд ва дар забони форсӣ рисолаи комиле дар ин мавзуъ монанди ин асар то он замон мавҷуд набуд ё хеле кам дар даст буд"[2].

Хосияти таълимоти мутафаккир дар он аст, ки моҳияти андешаҳояш тибқи таълимоти шариати Ислом буда, аз сарчашмаҳои ҳуқуқии он бевосита истифода намудааст.

Таълимоти зикргардидаро оид ба риояи ҳуқуқи раият, ғамхорӣ намудан бо аҳли зертобеъони худ, ки аз ҷониби мутафаккир пешниҳод шудааст, моҳиятан аз оятҳои Қуръон низ пайдо намудан мумкин аст.

Дар Қуръон ояти 177-и сураи "Бақара" омадааст: "Нест накукорӣ (бо) гардонидани рӯйи худ ба тарафи машриқ ва мағриб. Валекин накӯкори он аст, ки шахс имон орад ба Аллоҳ ва ба рӯзи охират ва ба фариштагон ва ба китоб ва ба пайғамбарон ва бидиҳад молро бо вуҷуди дӯст доштан ба хешовандони худ. Ва (бидиҳад) ятимонро ва фақиронро ва мусофиронро ва саволкунандагонро. Ва барпо бидорад намозро ва бидиҳад закотро. Ва вафокунандагон бошад бар аҳди хеш чун аҳд кунад. Ва сабркунандагон бошад дар тангдастӣ ва сахтӣ ва дар вақти корзор, ин ҷамоа эшонанд ростгӯ ва эшонанд парҳезгор"[3].

---

[1] Сотиволиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Душанбе, 2011. - С.209-210.

[2] Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. Душанбе, 1976.

[3] Қуръони Карим. Сураи «Бақара». Ояти 177.

Дар тафсири ояти мазкур муфассирин бар ин ақидаанд, ки дар ин оят шаш хислате зикр гардидааст, ки тибқи он ашхоси накӯкор ва тақводорро муайян намудан мумкин аст. Ва ин шаш хислат ҷудо мешавад ба он ки шахси накӯкор аввалан бояд боимон бошад, ки боимон будан худ тақсим мешавад: имон доштан ба ягонагии Аллоҳ, ба рӯзи охират, ба фариштагон, ба китобҳои фиристодаи Аллоҳ, ба пайғамбарон. Дуввум, шахси накӯкор рукнҳои асосии шариати Исломро иҷро намояд. Саввум, шахси накӯкор бояд чунин бошад, ки агар чӣ молашро дӯст дорад ҳам аз он мол ба хешон, ятимон, мискинон, мусофирон, бечорагон, дур аз ватан мондагон, озод кардани ғуломон, озод намудани асирон сарф кунад"[1].

Дар баробари истифода аз таълимоти қуръонӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар зимни баёни андешаҳои хеш аз аҳодиси Набавӣ ва зиндагии хулафои рошиддин мисолҳо оварда фикру андешаҳои хешро бо ин ривоёти пандомез таквият медиҳад.

Андешаҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии мутафаккир бештар дар асараш "Захират – ул - мулук" ифроз гардидааст. Дар ин асар Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аксаран ба риояи ҳуқуқи раият ва татбиқи адолат дар ҷомеаро тарғиб медорад. Аз ин ҷост, ки боби панҷуми ин асарро ба шарҳи ин масоил бахшида ба ин боб чунин унвон гузоштааст: "Дар аҳкоми вилоят ва салтанат ва аморат ва ҳуқуқи раъоё ва шароити ҳукумат ва хатари уҳдаи он ва вуҷуби адл ва эҳсон".

Дар ибтидои ин боб аз таълимоти Қуръон истифода намуда ояи каримаи зеринро ҳамчун панд ба амалдорони замон мерасонад: "Қавлуҳу таъоло: "Инналлоҳа ямуру бил адли вал эҳсони ва итои зил қурбо ва янҳо анил фаҳшои вал мункарӣ вал бағӣ".

Мазмуни хитоби ин оят он аст, ки ҳақ ҷалла ва аъло бандагони худро аз роҳи ситам ва зулм ва ҷавр ба минҳоҷи шавқат ва адл ва эҳсон мехонад ва аз қабоиҳи аҳвол ва фазоиҳи мункароти афъол манъ мефармояд, хоса мулук ва ҳукомро, ки эшон бад- ин ибодат махсус ва маъмуранд ва аз адои ҳуқуқ масъуланд.

Пас аз овардани ояи мазкур ва шарҳ додани он мутафаккир ҳадисеро аз ҳазрати Муҳаммад (с), ки онро саҳобаи бузурги паёмбар Салмони Форс ривоят намудааст меорад: "Расул (с) фармуд, ки нест ҳеҷ ҳокиме, ки аҳди чизе аз умури мусулмонӣ, ки бар ӯ воҷиб аст, ки оварда шуда рӯзи қиёмат ҳар ду даст дар гардан баста ва ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз дастҳои ӯро накушоянд,, магар адли ӯ. Пас ӯро бар пул аз оташ бидоранд, пас он пул биафшонад ӯро афшондане, ки ҳамаи аъзои ӯ ҷудо шавад, пас аъзои ӯро ба ҷои худ баранд, пас ӯро ҳисоб кунанд. Агар некӯкор буда бошад ба некии худ халос ёбад ва агар бадкор ва золим ва фосиқ ва осӣ буда бошад, он пул дарида шавад ва ӯ дар ҷой афтад, ки ҳафтод сол бояд, то ӯ ба қаъри он ҷоҳ расад".

Инчунин пас аз ин аз рӯзгори Умар (р) ривоятеро оварда қайд медорад, ки инсон набояд ба ҷоҳу ҷалол ва мартабаю қавмияташ фахр намояд. Ҳама хоҳ шоҳ бошад, хоҳ гадо аз пайи рӯзии хеш дар такопӯ бошад. "Нақл аст, ки чун Умар ба хилофат бинишаст, иттифоқ карданд, ки нафқаи аёли ӯ аз байтулмол бидиҳанд, қабул накард ва гуфт:

- Қуввати касб дорам, маро бад-он эҳтиёҷ нест, чун намози ишроқ бигзоридӣ, ба девон бинишастӣ ва миёни мусулмонон ҳукумат кардӣ то чошти баланд. Чун аз девон бархостӣ, ба тарафи буқеъ рафтӣ ва хишт задӣ ва ба масҷид омадӣ ва имоматии мусулмонон кардӣ ва боз ба сари кори худ рафтӣ то вақти намози аср ва қутӣ худ ва аёлони худ аз он ҳосил кардӣ"[2].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо овардани аҳодиси Набавӣ ва ривоёти пандомӯз аз рӯзгори Хулафои рошиддин ва подшоҳони гузашта, сипас ба хулосаи боб пардохта, дар он ба ҳокимону амалдорон риоя намудани меъёрҳои адолатро дар рафти давлатдорӣ таъкид медорад.

"Эй азиз, чун аз ин ҷумла, ки гузашт, маълум кардӣ, ки анбиё ва хулафои рошиддин (р) дар салтанат ва подшоҳӣ чи гуна буданд ва чи гуна зиндагӣ карданд, бо вуҷуди қудрат ва подшоҳӣ ва хазоин чӣ гуна бар нафси худ танг мегирифтанд ва дар меҳнати дунё ба сабр зиндагонӣ мекарданд ва дар нашри осори адлу инсоф ва шафқат ва эҳсон бар халқ мекӯшиданд

[1] Абуаломуддин. Тафсири Осонбаён. Пораи 1-3. Хуҷанд, 2004. - С. 212 – 213.

[2] Асозода Ҳ. Асари номбаршуда. - С. 98.

бо ин ҳама аз хатароти вилоят ва ҳукумат эмин набуданд, то бидонӣ, ки мубоширати вилояти мусулмонон кори азим аст. Ва иштиғол ба ҳукумат амри хатир аст ва ҳоким ва подшоҳ чун ба ранҷи адл ва эҳсон буданд ва дар иқомати ҳудуди шаръ ва иҷрои аҳкоми дин кӯшиданд ва дар замин ноибу баргузидаи ҳақ ва сояи илоҳӣ ва халифаи раҳмонӣ. Ва чун тариқаи адл ва эҳсон бигузоранд ва бар бандагони ҳақ шафқат накунад ва мутобиқати нафс ва ҳаво ва саҳлангорию бепарвоӣ кунанд дар иқомати ҳудуди шаръ, пас ба ҳақиқат ноиби Даҷҷол ва душмани худой ва халифаи шайтон аст.[1]

Пас аз андарзҳои гуҳарбор мутафаккир ба шоҳон ва ҳокимон таъкид медорад, ки ба ҳавову ҳаваси нафсонӣ мутамойил нагарданд ва ба аҳли раия аз рӯи адл рафтор намуда, ҳуқуқҳои онҳоро риоят доранд, зеро ин дунё ба монанди саройе аст, ки ҳама халқ, чӣ аз ҳокиму чӣ аз райят дар он меҳмонанд.

Яке аз хусусиятҳои хоси асари "Захират – ул мулук" дар он аст, ки мутафаккир дар хулосаи боби панҷум аз нигоҳи равонӣ ва қиёфа хислатҳои инсонҳоро муайян сохта, ҳамчунин таъкид медорад, ки давлатдорон, соҳибони ҳукм дар баробари риояи адолат дар зимоми давлатдорӣ инчунин аз улуми гуногун бояд хабардор бошанд ва вазифаҳои масъули давлатиро ба ашхоси сазовор ва муътамади кордон бовар намоянд.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқи асари гаронбаҳои мутафаккири барҷастаи машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бар меояд, ки таълимоти ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии Ӯ ба ҳимояи ҳуқуқи аҳли заҳматкаш равона гардида, мутафаккир ҳануз дар асрҳои миёна кӯшидааст, ки татбиқи адолати иҷтимоиро аз ҷониби ҳокимон дар ҷомеа роҳандозӣ намояд, ки баъдан ин таълимот боиси ба вуҷуд омадани назарияи давлати иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ гардида аз ҷониби мутафаккирони ғарбӣ пешкаш гардиданд. Инчунин таъсири таълимоти ин олими барҷаста ба мутафаккирони баъдии форсу тоҷик низ назаррас буда олимону файласуфони тоҷик аз таълимоти сиёсию ҳуқуқии Ӯ пайравӣ намудаанд.

[1] Асозода Ҳ. Ҳамон асар. - С.99 – 100.

Ф.М. Абдулхонов

## Этическое и политико-правовое учение Мир Сайиида Али Хамадани

В данной статье исследуются этическое и политико - правовое учени Мир Сайида Али Хамадани. Выдающиеся мыслитель востока Мир Сайид Али Хамадани в своих исследованиях рассматривает актуальные научные и жизненные проблемы, в том числе гуманизм, справедливость, правдивость и другие проблемы. В своем учение обращаясь к правителям советует их быть справедливым.

**Ключевые слова:** Справедливость, правительство, государство, правитель, государственность, правдивость, мрачность несправедливость.

**F.M. Abdulkhonov**

## Ethical and political-legal doctrine Mir Ali Syeed Hamadoni

This paper analyzes the problems of ethical and political-legal doctrine Mir Sayyid Alia Hamadoni. Outstanding thinkers of the East Mir Sayyid Alia Hamadoni in his doctrine rosmatrivaet vital topical issues, including humanism, justice, truth and other problems. In his doctrine referring to the rulers advises them to be fair.

**Keywords:** Justice, government, state, governor, state, truthfulness, darkness and injustice.

# РИСОЛАИ АЛИИ ҲАМАДОНӢ "МУРОДОТИ ДЕВОНИ ҲОФИЗ"

М. Маҳмадова[1]

Ҳофиз дар ғазалиёташ аз истилоҳоти аҳли ирфон истифода бурдааст, аммо наметавон тамоми истилоҳоти ирфониро дар қолаби ҳамаи ашъори Ҳофиз рехт. Ҳар вожаеро бояд мутаносиб бо чорчӯби куллии шеър ва дигар вожагон ва иртибототи дарунии онҳо маънӣ кард.

**Вожаҳои калидӣ:** харобот, калисо, ориф, мутриб, ринд, дайри муғон, ҷоми ҷам, соқӣ, май.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ рисолае дорад бо номи "муродоти девони Ҳофиз", ки ба шарҳи баъзе истилоҳоти орифонаи ғазалиёти Ҳофиз бахшида шудаааст, ки алфози ирфонии зеринро дар каломи Ҳофиз дар бар дорад:

Тарсобача, буту шоҳид, дайру харобот, габру кофир, май, зуннор, калисо ва куништ, ёр ва маҳбубу дӯст, лабу даҳон, қаллошу қаландар, чашму абру, хаммору бодафурӯш, маҳбуб, матлуб, моҳи сиём, майхона, шароб, қадаҳ, висол, фироқ, маъшуқ, ошиқ, гул, булбул, пири муғону муғбача.

**Майхона, буткада ва шаробхона** ботини орифро гӯянд, ки аз ҳақоиқу шавқи сифати замимаи нафси аммораи ӯ табдил ёфта бошад ба нафси лаввома ва мутасиф ба сифати ҳамида бошад. **Тарсобача** – илҳоми ғайбиро гӯянд, ки аз олами ғайб дар дили солик фуруд ояд. **Бут ва шоҳид** таҷаллии маъниро гӯянд, ки дар сифати моварои сифати солик зоҳир шавад. **Дайру харобот** – олами маънии орифро гӯянд. **Габру кофир** – касеро гӯянд, ки муваҳҳад ва якранг бошад, ки рӯй аз мосиволлоҳ тофта бошад. **Май**– завқу шавқро гӯянд, ки аз аввали мушоҳидаи анвори ғайбӣ идроки маънӣ кунад. **Зуннор** – аломати якрангӣ ва якбинӣ дар дини мутобиати роҳи яқин бошад. **Калисо ва куништ** – олами шуҳудро гӯянд. **Ёр ва маҳбуб ва дӯст** ҳақиқати рӯҳиро гӯянд. **Ёр, маҳбуб ва дӯст** –ҳақиқати рӯҳиро гӯянд. **Ғамза ва бӯса** – файзу ҷазбаи ботиниро гӯянд, ки нисбат ба солик воқеъ шавад. **Ва ҳар ҷо, ки лабу даҳон** гӯянд, сифати ҳаёт бошад. **Қаллошу қаландар**– аҳли таркро гӯянд. **Чашму абрӯ** сифати ҷамолу камоли илҳоми ғайбиро гӯянд. **Масту шаҳид** аҳли ҷазбро гӯянд. **Хумор ва бодафурӯш** пиру муршиди комилро гӯянд ва олоҳу аълам биссавоб. **Соқӣ**–мурод муршид, ки зоти ҷамоли лоязолӣ бошад, ки парваранда дар дини орифон аст. **Маҳбуб** – мурод ҷой ва дӯстӣ гирифтан, ки ҳақ субҳонаҳу ва таъоло бошад, ки дӯстони ӯ соликонро ба назари худ кашида ва ҷозиба аст. **Матлуб** – мурод ҷои талаб аст, ки чизе дар зоти зулҷалол бошад, ки хоҳишкунанда аст маар толиброба сӯи хеш. **Мақсуд** – мурод ҷои мақсади таҷҷалиёти ҳақиқии ламязал бошад, ки Худои таъоло таборак аст ва ҳама аз ӯст. **Моҳи сиём** –мурод ақли туст, ки ботинӣ бошад, модоме, ки маърифати оламулғайб рӯй нанамуда бошад, моҳи сиём аст. **Ид** – мурод иттисоли маҳбуби ҳақиқӣ бошад,ки он вақт мақсуди куллиёт бо фароҳат аст, мар орифонро. **Баҳор** – мурод шавқи завқи соликон бошад, ки эшонро фарҳати мо сиволлоҳи ғайре нест, ки он соат баҳори ошиқони ҳақиқӣ аст дар вилоят. Ба вақти баҳор мардумон ҷамъ шуда дар боғ менишинанд ва ғазал мегӯянд ва он вақти хушию хуррамӣ аст ва шаробу кабоби базм муҳайё намоянд. **Майхона**– мурод ҷои шароб, он шароб таҷҷалиёти илоҳӣ бошад, ки анвораш ба назари орифон ҳақиқат метобад ва эшон ҳамеша ба ба ӯ нозиру ҳозиранд ва ин мартабаи авлиё ва унсиё аст. **Шароб**–мурод маърифати ҳақ субҳонаҳу ва таоло, ки вақти дили орифону соликон фонии ҳақиқат аст. **Роз**– мурод муҳаббати ҳақ ҷалла ва ало

[1] Ходими калони илмии Шӯъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ н.и.ф.

бошад, ки дар дили эшон махфӣ аст ва аладдавом ҳастанд.

**Қадаҳ** – мурод файзи муҳаббати ҳақ таоло ва он ҳақиқӣ аст на маҷозӣ ва ҳеҷ гоҳе мубаддал ва мутағайир намешавад ва маҷмӯест. **Висол**– мурод рӯҳи сифатшуда дар мақоме бошад, ки миёни ӯ ва миёни Худои таъоло ҳеҷ ҳиҷобе намонда бошад. **Фироқ**– мурод муҳаббати маҳбуби ҳақиқии бағоят кашанда бошад, ки ба мурод расид ва таҷаллиёти илоҳӣ ба вай рӯй нанамудааст ва ҷамъият ба хотираш нарасида бошад, он фироқ аст. **Шавқ**–мурод зоти ҳақ субҳонаҳу ва таоло аст, ки ошиқони содиқро ба худ кашон аст. **Ошиқ**– мурод он аст, ки ба ошиқӣ маъшуқи ҳақиқӣ мустағриқ шуда ба ӯ мунтазир ва нигарон бошад ва ба ҷавру ҷафои ӯ собиру мутаҳаммил. Бори гарону ранҷу роҳати ӯро розӣ бошад. **Гул**– мурод он, ки хушбӯй ва хушхӯй бошад, он ҳақ таъоло аст, ки ҳама атриётро боди сабо, ки яке аз ҳалқабаргӯшон аст, гулбезӣ мекунад. **Булбулон** – мурод орифони фонӣ аст, ки мудом ба зикри ҳақ ва дар фикри ӯст ва аз нафси аммора фориғулбоб гашта ба ёди ҳақ таоло машғул аст. Ва эшонро шабхезу саҳархон низ хонанд. Ва толибмурод матлуб омада ва дӯш – мурод умри гузаштаро номанд ва вақти мозиро низ гӯянд. **Об** – муроди таҷаллиёт аст, ки орифону соликон шабу рӯз,балки лаҳзаву ламҳа толибанд. **Сабо**– мурод он, ки миёни ошиқ ва маъшуқ миёнаҷӣ аст ва хабаре мебарад. **Рақиб** – мурод нафси аммора бошад, то ки нафси амороро ба худ напардозад, рӯи муҳаббати маъшуқ набинад. Ва низ рақиб муҳофизи маҳбуб аст. **Пири муғон ва муғбача** – мурод муршиди ҳақиқӣ бошад, ки роҳнамои ростӣ аст, яъне ӯ то ба ҳадест, ки ба ақсоул ғоят расонида ва ҳавоси хамсаро аз ӯ дур сохта то ба кулл ба камоли мурод расонад, то ҳидояти ламязалӣ ба ӯ малҳуз гардад. **Хату холл ва зулфу абрӯй ва мижгону занах ва ғабғаб ва бозуву карашма ва ғайра аз онҳо** – мурод зебоӣ аст ва таҷаллиёти анвори зоти ҳақтаоло аст.

**Мутриб**– мурод орифи солик бошад, ки эшон тараннуму ғулғулаи зикр ва тавҳид месароянд. Ишқ– мурод фонӣ шудан дар муҳаббати ҳақтаоло аст ва бехабар гаштан аз ҳастии худ ва ишқи комил он гаҳ шавад, ки ду–се чиз намонад. Аввал ақл, дуввум шарм, сеюм қарор.

Алии Ҳамадонӣ дар ин рисолаи "Муродоти девони Ҳофиз" дар бораи Ҳофиз чунин овардааст: "Ҳофиз тахаллус аст ва Шамс –мурод ҳофизаи фатҳулло ва истимои чунон шуд, ки уммӣ бувад ва каломаш лисонулғайб аст. У масти соқии лаямзил бувад. Муршиди Хоҷа се касанд– Ҳазрати Шайхул ислом Шайх Аҳмади Ҷом ва дуюм Ҳоҷи Қивомиддин ва сеюм шайх Шиҳобиддин. Ва маҳбуби маҷозии ӯ низ се кас буданд – Салмо. Хоҷа Абусамад ва Осаф аст. Ва падари бузургвори Хоҷа муфтии мӯътабари Шероз буданд".[1]

Ҳаминро бояд қайд кард, ки истилоҳоте, ки аҳли тасаввуф мавриди баҳс қарор додаанд, маъонии хос, рамзӣ, маҷмул ва пушида дорад, то ба дигарон пушида монад ва асрорашон ошкор нашавад. Бинобар ин суфия ва урафо дар каломи худ рамзҳоеро даровардаанд, ки танҳо ба аҳли тасав– вуф ва ирфон фаҳмост.

Ҷалолиддини Балхӣ мегӯяд:

Истилоҳотест мар абдолро,
Ки аз он набвад хабар ғаффолро.

Аз ин ҷост, ки орифон барои вожагон, истилоҳот ва фарҳангҳои ирфонӣ бо маъонии рамзӣ ва киноӣ навиштаанд.

Ҳофиз дар ғазалиёташ аз истилоҳоти аҳли ирфон истифода бурдааст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар "Нафаҳот –ул унс" оҳанги сӯфиёна доштани баъзе ашъори Ҳофиз ва аз истилоҳоти аҳли ирфон истифода кардани ӯро хабар дода, бар хилофи тазкиранависони баъдина, ки ӯро сӯфӣ медонанд, қайд мекунад, ки ӯ дасти пиреро нагирифтааст, бо ибораи дигар гуем, Ҳофиз шахсан ба ягон фирқаи аҳли тасаввуф ворид набудааст. "Ҳарчанд маълум нест, вай дасти иродати пире гирифта ва дар тасаввуф ба яке аз он тоифа нисбати дуруст карда бошад, аммо суханони вай чунон бар машраби ин тоифа воқеъ шудааст, ки ҳеҷ касро он иттифоқ наяфтода…"[2].

[1] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. ҷ.1.Душанбе.1994.(159с) - С. 91.
[2] Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот – ул-унс.1365.- С 416.

Оятулло Муттаҳарӣ дар китоби "Ирфони Ҳофиз" мегӯяд, манзури Ҳофиз аз май, мутриб, соқӣ, шоҳид, машуқ ва дам ғанимат шумурдан, ҳама истилоҳоти ирфонӣ аст.

Ҳаминро бояд зикр кард, ки Ҳофиз дорои афкори ирфонӣ аст, аммо наметавон тамоми истилоҳоти ирфониро дар қолаби ҳамаи ашъори Ҳофиз рехт. Наметавон 5500 байти шеъри Ҳофизро ҳамагӣ илоҳӣ ва ирфонӣ маънӣ кард. Ҳар вожаеро бояд мутаносиб бо чорчӯби куллии шеър ва дигар вожагон ва иртибототи дарунии онҳо маънӣ кард.

Тамоми ашъори Ҳофизро ирфонию илоҳи наметавон шарҳ дод, бояд бо таваҷҷуҳ ба калимоту вожагон ва ороярҳои лафзӣ ва маънавӣ ҳар шеърро дар ҷои худ ва дар қолаби худ маънӣ кард.

Ҳофиз таъбирҳо ва истилоҳоти ирфониро дар маъноҳои хоси илоҳӣ ва ирфонӣ ба кор бурдааст. Масалан:

**Дайри муғон**– киноя аз маҷлиси урафо ва авлиёст:

Биё, соқӣ аз кунҷи дайри муғон,
Машав дур, к–ин ҷост ганҷи равон [316]

****

Дар хароботи муғон нури Худо мебинам,
Ин аҷаб бин, ки чӣ нуре зи куҷо мебинам [210].

**Пири муғон**–инсони комил ва муршидро гӯянд[1]:

Гар пири муғон муршиди ман шуд, чӣ тафовут,
Дар ҳеҷ саре нест, ки сирре зи Худо нест [44].

"Ин унвон (пири муғон М.М.), ки дар дар осори суфия махсусан дар ғазалиёти Ҳофиз бисёр омада дар асл аз мақомоти олии ҳафтгонаи ойини Меҳрӣ аст, ки омӯзгори муқаддас ва доной тамом аст. Аммо баъдҳо муғ, муғон, дайри муғон,майи муғонаро ба ойини Зардуштӣ мансуб медонанд".[2] Ҳамчунин маҷлиси бодагусории муғон дар ойини Меҳр, ки сурати ирфонӣ ба худ гирифта, дар шеъри форсӣ фаровон аст, аз ҷумла дар ғазали Ҳофиз:

Дари сарои муғон руфта буду обзада,
Нишаста пиру салое ба шайху шоб зада [246]

Ҳофиз ҳамин маҳфилро шарҳ дода мегӯяд:

Сабӯкашон ҳама дар бандагиаш баста камар,
Вале зи тарки кулаҳ чарт бар саҳоб зада.
Шуъои ҷому қадаҳ нури моҳ пӯшида,
Узори муғбачагон роҳи офтоб зада [246]

**Ҷоми Ҷам** – дили орифи комилро гӯянд, ки ҳама маъонӣ ва асрор дар он мунъакс ва мутаҷҷалӣ аст. Ҳофиз ҷоми ҷамро ба унвони дил дар ғазалиёташ бисёр оварда ва аз "ҷоми ҷаҳонбин" низ фаровон сухан гуфтааст:

Диле, ки ғайбнамоясту ҷоми ҷамъ дорад,
Зи хотаме , ки аз ӯ гум шавад чӣ ғам дорад [73].

**Ринд**–ишора ба авлиё ва урафое аст, ки вуҷуди ишон аз ғубори кудурат башарият софӣ ва пок гаштааст:

Риндони ташналаброобе намедиҳад кас,
Гӯи валишиносон рафтанд аз ин вилоят [57].

Рози даруни парда зи риндони маст пурс,
К–ин ҳол нест зоҳиди олимақомро [8].

"...**май** ё шароби раҳмонӣ ва раббонист ва масти ориф ё ошиқ ва шӯру шавқ, ҷазба ва рақсу самоъи сӯфиёна ва орифона аз ҳамин май аст ва аз тариқи ҳамин мастист, ки солик ба маърифати илоҳӣ мерасад"[3]:

Май бидеҳ, то диҳамат огаҳӣ аз сирри қазо,
Ки ба рӯи кӣ шудам ошиқу аз бӯи кӣ маст [19].

**Соқӣ**– ба маънои Худованд аст.

[1] Фахриддини Ироқӣ. Истилоҳоти Фахриддини Ироқӣ. –С.378.

[2]Рукниддини Ҳумоюнфаррух. Ҳофизи ориф. Бахши 1.Теҳрон.1361 (800 с) –С.164.

[3] Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ.Мусоҳиба бо Ҳофиз. Душанбе.2015.(159) - С.36.

Ин соқӣ дар шеъри Ҳофиз яке аз нақшҳо ва маъонии калидии ирфонӣ ва илоҳӣ ҳастанд, ки дар аксари ашъор бо мастии орифона ва ошиқона тавсиф шудааст ва дар ҳақиқат бодаи маърифат дар шеъри Ҳофиз ва мастию шӯру шавқи ишқи ирфонӣ ва илоҳӣ аз ҳамин соқӣ аст:

Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо [5].

Он чи ӯ рехт ба паймонаи мо, нӯшидем,
Агар аз хамри биҳишт аст в– агар бодаи маст [20].

Хулоса, тамоми ашъори Ҳофизро ирфонию илоҳӣ наметавон шарҳ дод, бояд бо таваҷҷуҳ ба калимоту вожагон ва орояҳои лафзӣ ва маънавӣ ҳар шеърро дар ҷои худ ва дар қолаби худ маънӣ кард. Бисёре аз тазкиранависон ва китобҳои таҳқиқию пажуҳишӣ Ҳофизро ориф медонанд. Ирфони Ҳофиз ва нигоҳу ҷаҳонбинии ӯ бо нигоҳ ва ҷаҳонбинии дигар афроди мазҳаби бавижа орифони қабл аз худ мутафовит аст". Ирфони Ҳофиз реша дар "Сайр–ул–халқ илал Ҳақ (Ҳофиз аввал сайр–ул халқ мекунад, рисолати иҷтимоии худро иҷро карда баъд "Сайр–ул–ҳақ" М.М.) дорад ва ӯ ҳамчунон, ки дар фикри наҷоти рӯҳи хеш аст, ба фикри наҷоти ҷомеа ва мардум низ ҳаст"[1].

Ҳаминро бояд гуфт, ки Ҳофиз ринди ориф аст, андешаи пӯё дорад,чунин андеша исто нест ва дар ҳар замон тафаккуреро мепазирад ва дар зери як хати фикрӣ то поёни умр намемонад. Тафаккури Ҳофиз агар дар як андеша исто буд, бо чандин нақд ва баррасӣ ҳама метавонист бо зовияҳои фикр ва андешааш пай бубаранд ва дигар лозим то ин андоза китоб дар борааш навишта шавад. Ҳофиз бо тамоми афкор ва улуми замони худ шинос буд ва ҳатто Қуръонро бо чаҳордаҳ ривояти муғталиф медонист, дар баробари ин бузургони фарҳанги худ, қавми сарзами худ ва мардуми замони худро ҳам ба хубӣ мешинохт. Шоире бо чунин тафаккури васеъ ҳаргиз наметавонист исто бошад, балки то поёни умр ҳам тафаккури бағоят жарфро мепазирад.

[1] Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ. Мусоҳиба бо Ҳофиз. Душанбе. 2015. -С.36.

### Адабиёт

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот – улунс.1365.
2. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. ҷ.1. Душанбе.1994.159 с.
3. Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ. Мусоҳиба бо Ҳофиз. Душанбе. 2015.159 с.
4. Фахриддини Ироқӣ. Истилоҳоти Фахриддини Ироқӣ. -378 с.
5. Рукниддини Ҳумоюнфаррух. Ҳофизи ориф. Бахши 1.Теҳрон.1361. - 800 с.

М. Махмадова

### Трактат Али Хамадани "Целы дивана Хафиза"

Хафиз в своих газелях использовал терминологию представителей мистики (Ирфон), но невозможно использовать всю мистическую терминологию. В рамках всех стихов Хафиза. Каждого понятия нужно комментировать соответственно с общей рамкой стихотворения, других понятий и их внутренних значений

**Ключевые слова:** кабак, церковь, гностик, музыкант, солик, руина магов, чаша джамшеда, виночерпий, вино.

M. Makhmadova

### Treatise Ali Hamadoni "The goals of Devon Hafiz"

Hafiz in his ghazals used the terminology of representatives of mysticism (Irfon), but it is impossible to use all of the mystical terminology. In all the poems of Hafiz. Each concept need to comment accordingly General frame of the poem, other concepts and their internal values

**Keywords:** Barrel house, church, Gnostic, musician, solik, ruin mages, cup of jamsheda, cupbearer, win.

## Рисолаҳои маъмулӣ фалсафии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. «Авроди фатҳия» [Матн] / Таҳияи Ҳ. Асозода. - Кӯлоб, 1993. - 25 с.

2. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. «Минҳоҷ - ул -орифин» [Матн]: [Роҳи орифон] / Таҳияи Ҳ. Асозода. -Кӯлоб, 1993.-29 с.

3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. «Рисолаи қуддусия» [Матн] / Таҳияи А. Кӯчаров. - Кӯлоб, 1993. -306.

4. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Хамадонӣ. [Матн] Тахияи Ҳ. Асозода. - Кӯлоб, 1993. - 162 с.

5. **Асарҳои фалсафӣ**: Рисолаи Минҳоҷ-ул-орифин; Рисолаи Захират-ул-мулук; Рисолаи Сайр-ул-толибин; Рисолаи Футутия; Рисолаи Қиёфатнома; Рисолаи Қуддусияи амирия; Рисолаи Мактуботи амирия.

6. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Маърифати нафс [Матн] / Таҳиягарон А. Кӯчаров, И. Саидиброҳимов. - Кӯлоб, 1994. -21 с.

7. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб [Матн]: Дар чаҳор ҷилд / Тахия, тасхех, луғот ва тавзеҳоту сарсухани М. Султонзода; Муҳаррири масъул Х. Шарифов; Академияи илмҳои Ҷум-ҳурии Тоҷикистон; Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва хуқуқ. - Душанбе: Ирфон, 1994. - Ҷ. 1, -160 с.

**Рисолаҳо**: Ҳикамияи Алии Хамадонӣ; Давлати васл; Мулки ғам; Гавҳари маънӣ;; Ҳафт водӣ; Ихтиёроти Амирия; Минҳоч-ул-орифин.

8. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Маърифати нафс. [Матн] / Таҳияи А. Кӯчаров. - Кӯлоб, 1995. - 24 с.

9. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисоли футувват [Матн] / Таҳияи А. Раҳмонов. - Душанбе: Фирдавс, 1995. -56 с.

10. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб [Матн]: Дар чаҳор ҷилд. Таҳия, тасҳеҳ, муқобала ва тавзеҳоту сарсухани М. Султонзода; Муҳаррир Ш. Ёдгорӣ; Муҳарри ри масъул А. Муҳаммадхоҷаев; Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва хуқуқ. – Душанбе Ирфон, 1995.-Ҷ. 2.-240 с.

Рисолаҳо: Ҳикмати ирфонии Ҳамадонӣ.; Асрор-ун-нукта. Рисолаи қуддусия; Рисолаи вуҷудия; Рисолаи ҳамадония; Рисолаи ақлия; Авроди фатҳия; Истилоҳоти сӯфия; Даҳ қоидаи сӯфия. Ҳалли мушкил; Рисолаи нафсия; Одоб-ул-машоих; Рисолаи маномия; Рисолаи амирия; Рисолаи салавот; Чиҳил мақоми суфия; Рисолаи дарвешия; Рисолаи футувватия; Машориб-ул-азвоқ; Рисолаи зикрия.

11. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. «Авроди Фатҳия» [Матн] /Таҳияи Р. Асозода, Ҳ. Асозода. - Душанбе, 1997. -24 с.

12. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. «Захират-ул-мулук» [Матн]: / Таҳиягарон Ҳ. Асоев, Қ. Турдиев; Муҳаррирон Е. Содиқов, Р. Асозода. -Душанбе: Ирфон, 2008. - 372 с.

14. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Ганчи ирфон - 2ҷилд- Дшанбе «Маориф», 2015.

**Рисолаҳо** (ҷилди 1). – Муродоти девони Ҳофиз; Рисолаи кудуссия; Макорит-ул – ахлоқ; Михоҷ-ул-орифин; Маърифати нафс; Рисолаи маномия; Рисолаи Ҳамадония; Захират-ул-мулк.

**Рисолаҳо (ҷилди 2)** Авроди фатҳия; Арбаинаи амирия ; Асрор-ун-нукта; Даҳ қоида; Истилоҳоти суфия; Одоб-ул-машоих; Мирот-ут-тоибин; Сайр-ут-толибин; Даво-ул-қулуб; Нур-ул-ҳидоят; Рисолаи тавба; Рисолаи Хавотирия; Сифат-ул-фукаро; Рисолаи Хутбаи Амирия; Рисолаи ақлия; Рисолаи ҳалли мушкил; Машориб-ул-азвоқ; Мактуботи амирия; Чиҳил мақоми суфия; Рисолаи машияти амирия; Рисолаи дарвешия; Рисолаи Зикрия; Рисолаи салавот; Рисолаи нафсия; Рисолаи вучудия; Рисолаи Довудия; Рисолаи воридот.

## ТАРТИБИ

### тақриздиҳӣ ба мақолаҳое, ки ба "Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешниҳод шудаанд

Мақолаҳои ба идора расида, ташхисро гузашта (ташхисро аъзои таҳририя – мутахассисони бахшҳои марбутаи илм мегузаронанд), сипас тибқи тартиботи муқарраршуда қабул карда мешаванд. Талабот ба таҳия кардани мақолаҳо бо унвони "Қоидаҳо барои муаллифон" дар ҳар шумораи маҷалла чоп мешавад.

Дастнависи мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, идора қабул намекунад. Эродҳоро оид ба мазмун ва сохтори мақолаҳо бояд пеш аз супурдан ба тақриз зуд ислоҳ намуд.

Сипас мақолаҳо бо тартиби муайян аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла ё мутахассисони ба мавзӯи мақола алоқаманд (номзад ва докторҳои илм) тақриз дода мешаванд.

Тақриз бояд хусусиятҳои илмии мақола, аз ҷумла навоварӣ дармасъалагузорӣ, муҳимият, арзишҳои фактологӣ ва таърихӣ, дақиқ будани иқтибосҳо, услуби баён, кор бурди манбаъҳои муосир ва инчунин камбудиҳои чойдоштаро фарогирад. Дар хулосаи тақриз баҳои умумӣ ва тавсия барои нашр ё баъд аз ислоҳ нашр кардан, ё барои тақризи иловагӣ гирифтан аз мутахассиси марбут ба мавзӯъ, ё ба чоп тавсия надодан, бояд қайд шавад.

Ҳаҷми тақриз бояд на камтар аз як саҳифа бошад.

Мақолае, ки ба такмил зарурат дорад, бо қайду эродҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон баргардонида мешавад. Муаллифон бояд ислоҳоти лозимиро ба мақола ворид карда, нусхаи охирини мақоларо якҷоя бо шакли электронии он ва матни дастнависи аввала ба идора супоранд. Пас аз такмили муаллиф мақола дубора барои тақриз фиристода мешавад ва ҳайати таҳририя қарори нашр шудани онро мебарорад.

Мақола ҳамон вақт барои нашр пазируфта мешавад, ки тақризи ба он дода шуда мусбат бошад ва ҳайати таҳририя онро ҷонибдорӣ намоянд. Тартиб ва навбати чопи мақола ба санаи расидани нусхаи охирини ислоҳшуда ба хайати тахририя вобаста мебошад.

Тақризнависӣ ба мақола ба таври махфӣ сурат мегирад.

Ошкор кардани ҷузъиёти махфии тақриз ҳуқуқи муаллифро вайрон мекунад. Нусхбардории мақола барои корҳои шахсӣ ба муқарризон иҷозат дода намешавад.

Муқарризон ва инчунин ҳайати таҳририя то лаҳзаи аз чоп баромадани мақола ҳуқуқи истифодабарии маълумоти дар мақолаҳо дарҷ шударо надоранд.

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ

### статей, представляемых в журнал "Известия Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан"

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статьей приводятся в "Правилах для авторов", публикуемых в каждом номере журнала.

Рукописи, оформленные не по правилам, редакцией не принимаются. Замечания по содержанию и оформлению статей необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике, отклонить.

Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяются в зависимости от даты поступления её окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

## REVIEWING ORDER ARTICLES PRESENTED TO "THE NEWS OF THE INSTITUTE PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE ACADEMY OF SCIENCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN"

Articles coming to the editory board will pass preliminary expert examination (it is carried out by associate editors – specialists in the corresponding branch of science) and are accepted in accordance with the established procedure. Requirements to registration of the original are provided by article in "Rules for the authors" published in each issue of the journal.

The manuscripts issued not by rules aren't accepted by edition. Remarks according to the contents and registration of articles need to be eliminated before transfer of the text on reviewing.

Then articles are reviewed without fail by associate editors of the journal or experts of the corresponding specialty (candidates and doctors of sciences).

The review has to contain reasonable transfer of qualities of article, including scientific novelty of a problem, its relevance, factual and historical value, citing accuracy, style of a statement, use of modern sources, and also motivated transfer of its shortcomings. In the conclusion the general assessment of article and recommendation for an editorial board – to publish article, to publish it after completion, to direct on the additional review to the specialist in a certain subject, to reject is given.

Review volume – not less than one page of the text.

The article adopted to the publication, but needing completion goes to authors with remarks of the reviewer and editor. Authors have to make all necessary corrections to a final version of the manuscript and return to edition the corrected text, and also its identical electronic option together with the original version of the manuscript. After completion article is repeatedly reviewed, and the editorial board makes the decision on its publication.

Article is considered to be accepted to the publication in the presence of the positive review and if it was supported by associate editors. The order and sequence of the publication of article are defined depending on date of receipt of its final version.

Reviewing of the manuscript is carried out confidentially. Disclosure of confidential details of reviewing of the manuscript violates the rights of the author. Reviewers aren't allowed to make the copy of articles for the needs.

Reviewers, and also associate editors have no right to use in own interests information containing in the manuscript before its publication.

## Қоидаҳо барои муаллифон

Ҳайати таҳририяи маҷалла ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мақолаҳои худро дар шаклҳои чопию электронӣ боназардошти ҷанбаҳои илмию амалии таълифот и ирсол намоянд.

Дар Маҷаллаи академии ҳуқуқи мақолаҳое чоп мешаванд, ки натиҷаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои илми ҳуқуқшиносӣ марбут бошанд.

Мақолаҳо мутобиқ ба қоидаҳои мазкур бо тавсияномаи яке аз шуъбаҳои Институт ё яке аз аъзои ҳайати таҳририя барои чоп қабул карда мешаванд.

Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо тасвир, ҷадвал, нақшаҳо ва вожаҳои калидию фишурдаи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд то як ҷузъи чопӣ (то 16 саҳифаи чопи компютерӣ) бошанд. Фишурдаи мақола ба як забон на зиёдтар аз чор ҷумла ва миқдори калидвожаҳо бояд то даҳ адад бошанд. Матн бояд дарфайли барномаи Microsoft Office Word пешниҳод шуда, андозаи ҳарфҳо 14, гарнитураи Times New Roman (барои мақолаҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (барои мақолаҳои тоҷикӣ), фосилаи 1,5 ва канораҳои матн аз ҳар тараф – 2,5 см бошанд. Корбурди ҳарфҳои хосси тоҷикӣ дар мақолаҳои тоҷикӣ, фишурда ва калидвожаҳо ҳатмист. Саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ шуда бошанд.

Ба мақола тавсияи муассиса (барои муаллифони беруна), тақризи шуъбаимарбутаи Институт, фишурда, калидвожаҳо (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар ду нусха, бо нишондоди унвони мақола, сарҳарфи ном ва насаби муаллиф ҳамроҳ карда мешаванд.

Барои чоп маводи таҳқиқотие, ки қаблан дар дигар нашрияҳо чоп нашудабошанд, қабул карда мешаванд. Дар охири мақола, баъд аз матн ва фишурдаи рӯйхати адабиёти истифода шуда зикр гардида, аз тарафи чап номи муассисае, ки мақоларо пешниҳод кардааст, инчунин маълумот дар бораи муаллиф, телефон ва имзои муаллиф (муаллифон) оварда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда мушахассоти зеринро бояд қайд кард: а) барои китобҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи китоб, макони чоп, нашриёт, соли нашр, рақами ҷилд, саҳифа; б) барои мақолаҳо аз маҷаллаву маҷмӯаҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи мақола, номи маҷалла ё маҷмӯа, соли нашр, шумора ва саҳифа (барои маҷмӯа). Ҳангоми иқтибоси такрорӣ аз як манбаъ шакли маъмулии ихтисоршавӣ истифода мешавад.

Агар дар матн ҷадвалҳо оварда шуда бошанд, нусхаҳои иловагии онро дар варақ чоп карда, бо нишон додани саҳифаи матлуб ба мақола ҳамроҳ кардан лозим аст.

Дар ҳолати баргардонидани мақола ба муаллиф барои ислоҳот ё ҷиҳати таҳрир муаллиф бояд ислоҳоти заруриро ворид карда, нусхаи охирини ислоҳшударо якҷоя бо нусхаи аввалӣ, инчунин шакли электронии мақолаи ислоҳшударо ба идора бозгардонад.

Масъулияти истифодаи маълумоте, ки барои чопи озод иҷозат нест, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дӯши муаллифон аст.

Идораи маҷалла ҳуқуқи ихтисорнамудан ва ба дастнависҳо тағйирот ворид карданро дорад.

Мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, барои чоп қабул карда намешаванд.

## Правила для авторов

1. В журнале "Известия Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан" печатаются статьи, являющиеся результатом научных исследований по философским, социологическим, политологическим и юридическим наукам.

2. Статьи принимаются к печати по рекомендации одного из членов редколлегии в соответствии с настоящими правилами.

3. Объем статьи не должен превышать 1-го п.л. (до 12 страниц) компьютерного текста, включая в этом объеме рисунки, таблицы, графики, текст аннотации и ключевые слова, приводимой в конце статьи. Объем аннотации – не более 0,5 страницы. Три рисунка считаются за одну страницу.

4. К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего Отдела, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, инициалов и фамилии автора.

5. Статья принимается в одном экземпляре в текстовом и в электронном вариантах. Статья должна быть напечатана на компьютере с одной стороны листа, через 1,5 (полуторный ) интервала. Слева от текста следует оставлять поля (4 см.). Страницы должны быть пронумерованы.

6. В конце статьи после текста, аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, а также сведения об авторе, телефон и подпись автора (авторов).

7. При оформлении список использованной литературы следует указать:

а) для книг - фамилия и инициалы автора, полное названия, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу;

б) для журнальных статьей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

8. К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

9. В случае возращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, они должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

10. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

11. Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

12. Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором (авторами).

Адрес редакции: Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан.

## RULES FOR AUTHORS

The Editorial Board asks authors to submit their papers to the editor, in printed and electronic forms, paying special attention to the scientific and practical aspects of their works.

The Academic Legal Journal publishes scientific articles on the results of research on legal sciences.

Articles are accepted for publication on the recommendation of one of the departments of the Institute or one of the board members, in accordance with these rules. The paper should not exceed one unit (up to 16 pages of computer text), including drawings, tables, graphs, summaries and keywords in Tajik, Russian and English, given at the end. Abstract in the same languages should contain no more than four sentences and the number of keywords should be given up to ten words and word combinations. The text should be presented in the Microsoft Office Word program: font size - 14 headset - Times New Roman Tj, line spacing - 1.5, farmland - 2.5 cm on all sides. The use of specific Tajik letters in the materials prepared in the Tajik language, as well as keywords and annotations are necessary. Pages must be numbered.

To the article should be attached a cover letter from the institution (for foreign authors), review of the relevant department of the Institute, abstracts and keywords (in Tajik, Russian and English) in duplicate, with the name of the article, initials and surname of the author.

Accepted for publication research materials should not previously be published in other publications. At the end of the article after the text and annotations there should be given a list of references, on the left side one should indicate the name(s) of the institution that submit the article(s), as well as information about the author(s), telephone and signature of the author (s).

When making a list of references one should indicate: a) for books - surname and initials of the author(s), full name of the books, place of publication, the publisher, year of publication, volume number, page; b) for journal articles and collections - surname and initials of the author, ar-

ticle title, journal title or collection, year of publication, and page number (for collection). After repeated references to the same literature standard abbreviations are acceptable.

To existing tables in the text one should print a duplicate of the tables indicating the page to which the tables belong.

In the case of the return of the article to the author for substantial corrections or its final editing, one should make any necessary corrections in the final version of the manuscript to the editor and return the corrected text, as well as its electronic version identical with the original version of the manuscript.

Responsibility for the use of the data, not intended for open publication lies on the authors of articles in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

The editors reserve the right to make editorial changes and reduction of manuscripts.

Articles that do not meet these rules will not be accepted for the publication.



**Оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб**



| | | |
|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>734025, ш. Душанбе,<br>х. Рӯдакӣ<br>Тел: (+992 37) 221 56 89<br>www.ifppanrt.tj,<br>izvestiya. ifppanrt.tj | Республик Таджикистан<br>734025, г. Душанбе,<br>пр. Рудаки<br>Тел: (+992 37) 221 56 89<br>www.ifppanrt.tj,<br>izvestiya. ifppanrt.tj | 33 Rudaki street, 734025,<br>Dushanbe, Tajikistan<br>Tel: (+992 37) 221 56 89<br>www.ifppanrt.tj,<br>izvestiya. ifppanrt.tj |